32 - СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ МУБОРАК, ТОҶИКИСТОН!

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 110 - 111 (4693 - 4694) | ҶУМЪА, 8 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ПАРАДИ ҲАРБӢ БА ИФТИХОРИ ҶАШНИ 32-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА 30-ЮМИН СОЛГАРДИ ТАЪСИСЁБИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ

**Ҳаштуми сентябри соли 2023 дар майдони «Истиқлол»-и пойтахти мамлакат бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Ҷашни 32-солагии Истиқлолияти давлатӣ ва 30-юмин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон паради ҳарбӣ баргузор шуд.**

Таҷлили ҷашни муқаддас бо расми гузашти наздики 20 ҳазор нафар хизматчии ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, ҳайати шахсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ - муҳофизони истиқлолияти давлатии Ватан, марзу буми давлати соҳибихтиёр ва ҳомиёни қонуняту тартибот дар фазои тантанавӣ оғоз гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар майдони «Истиқлол»-и пойтахт Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковник Шералӣ Мирзо пешвоз гирифтанд.

Ба истиқболи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби ҳайати шахсии Оркестри ҳарбӣ-нафасӣ мусиқии тантанавӣ таҳти унвони «Навои ифтихор» иҷро карда шуд. Маросими бошукӯҳи ҷашнӣ, бо ворид намудани Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба майдони баргузории чорабинӣ оғоз гардид. Мавриди зикри хос аст, ки Парчами давлатӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми хос дорад. Оғози тамоми чорабиниҳои сиёсию фарҳангӣ дар Артиши миллӣ, чун оини доимии низомиён, бо ворид намудани Парчами давлатӣ шурӯъ мегардад.

Қабл аз гузашти низомӣ хизматчиёни ҳарбии ротаи қаровули фахрии Полки таъминотӣ ва



идоракунии Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳ Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро чун рамзи муқаддас аз назди иштирокчиёни паради ҳарбӣ гузаронида, дар сафи пеши дастаҳо қарор доданд.

Сипас, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-полковник Шералӣ Мирзо оид ба омодагии қисму воҳидҳои ҳарбӣ, ба гузашти низомӣ гузориш дод.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо арзи салом ба ҳайати шахсӣ онҳоро бо Ҷашни 32-солагии Истиқлолияти давлатӣ ва 30-юмин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ табрик намуданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо нутқи пурмуҳтаво баромад намуда, доир ба ҳифзи дастовардҳои давлати соҳибистиқлол ва фазои орому осудаи ин кишвари биҳиштосо суханронӣ карданд.

Баъд аз анҷоми суханронии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва зимни иҷрои Суруди Миллӣ дар як вақт аз тӯпҳо 30 шиллик парронда шуд.

Сипас, бо амри фармондеҳи парад гузашти низомии 20 ҳазор нафар ҳайати шахсии қисму воҳидҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, ҷузъу томҳои сохторҳои қудратӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар ва занону бонувони Қувваҳои Мусаллаҳ шурӯъ гардид.

Таҳти навои оркестри ҳарбӣ-нафасӣ ҳайати шахсии қисму воҳидҳои низомии Қувваҳои Мусаллаҳ, ҷузъу томҳои сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар дар ҳайати дастаҳо ворид майдони баргузории чорабинӣ шуда, аз назди минбари ифтихорӣ ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо гузашти низомӣ қадам заданд.

Дар паради ҳарбӣ шунавандагони Литсейи ҳарбӣ, афсарони Дастгоҳи марказии Вазорати мудофиа, Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳ, афсарону аскарони ҷузъу томҳои Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳайати шахсии Қӯшунҳои хушкигард, Қӯшунҳои зудамал, Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, афсарони Хадамоти махсуси назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, курсантҳои муассисаҳои олии таълимии ҳарбии тобеи сохторҳои қудратию мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, воҳидҳои таъиноти махсуси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ, Қӯшунҳои дохилӣ, Қӯшунҳои сарҳадӣ, занону бонувони Қувваҳои Мусаллаҳ, ҳайати шахсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот, муҳассилини кафедраҳои ҳарбии назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои қудратии мамлакат фаъолона ширкат варзиданд.

**www.president.tj**

## ИСТИҚЛОЛИЯТ РАМЗИ ВОҚЕИИ ИФТИХОР АЗ ВАТАНУ ВАТАНДОРИСТ

**Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 32-солагии Истиқлолияти давлатӣ**

шаҳри Душанбе, 8 сентябри соли 2023



**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шумо ва ҳамдиёрони бурунмарзиамонро ба ифтихори ҷашни муқаддасу бузурги миллӣ – сиюдусолагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик мегӯям.

Ин рӯйдоди бузург дар таърихи беш аз шашҳазорсолаи миллати тоҷик ва сарнавишти мардуми мо гардиши куллӣ ба вуҷуд овард ва ба шарофати он мо соҳиби давлати соҳибихтиёр гардидем.

Истиқлолият барои мо рамзи воқеии ифтихор аз Ватану ватандорӣ, бузургтарин имконияти давлатсозию давлатдории мустақил, илҳомбахши азму талошҳои созанда ба хотири таъмин намудани рушди давлат, ободии Ватан, зиндагии осоиштаи мардуми Тоҷикистон ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии ҳар як оилаи кишвар мебошад.

Имрӯз аз таърихи пурифтихори давлати соҳибистиқлоламон дар зарфи сию ду соли сипаришуда хуб мушоҳида мегардад, ки ин марҳила дар муқоиса бо таърихи бостонии халқамон муҳлати чандон тӯлонӣ нест, вале бо миқёси корҳои дар ин муддат амалигардида камназир ба ҳисоб меравад.

Тоҷикистони азизи мо баъди эълони истиқлолият роҳи бунёди давлатдории навини миллиро пеш гирифт ва дар шароити бисёр ҳассосу фоҷиабор, яъне ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, соҳиби рамзҳои давлатӣ гардид, ки муаррифгари давлати тозаистиқлоли мо дар арсаи байналмилалӣ ва боиси ифтихори ҳар як шаҳрванди кишвар мебошанд.

Ҳамзамон бо ин, мо бо мақсади арҷгузорӣ ба ҳофизаи таърихӣ ва гузаштаи пурифтихори халқамон арзишҳои давлатдорӣ ва суннатҳои тамаддунсозии ниёгони худ, аз ҷумла давлатдории Сомониёнро, эҳё намудем.

Хотирнишон месозам, ки роҳи дар муддати беш аз се даҳсола тайкардаи мо пур аз шебу фарозҳо буда, мардуми шарифи Тоҷикистон тавонистанд истиқлолияти давлатии худро аз фитнаю дасисаи бадхоҳони дохилию хориҷии миллати тоҷик ва давлати тоҷикон содиқона ҳифз намоянд, ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хотима бахшида, сулҳу субот ва ваҳдати миллиро дар кишвар барқарор созанд. Яъне, тоҷикон ҳамчун миллати куҳанбунёд тавонистанд, ки монеаю мушкилоти эҷодкардаи душманони худро бо азми қавӣ ва иттиҳоду сарҷамъӣ бартараф карда, дар рӯзҳои хеле душвору сарнавиштсоз зери парчами истиқлолияту озодӣ муттаҳид гардида, давлати хешро ба рӯзҳои осудаю обод расонанд.

Дар раванди аз хатари нестшавӣ раҳоӣ бахшидани давлати тоҷикон ва аз парокандагӣ наҷот додани миллати тоҷик соли 1993 яке аз рукнҳои муҳими давлатдорӣ – Артиши миллӣ таъсис дода шуд, ки имрӯз сисолагии ин санаи таърихиро таҷлил менамоем.

Ҳамчунин, дар як муддати кӯтоҳ бо вуҷуди мушкилоти зиёди иқтисодию молиявии он рӯзҳо фаъолияти сохторҳои фалаҷшудаи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барқарор карда шуд.

Қобили зикри хос аст, ки тайи даврони соҳибистиқлолӣ кишвари мо бо талошу заҳмати содиқонаю ватандӯстонаи мардуми сарбаланди Тоҷикистон ба дастовардҳои бесобиқа ноил гардид.

Бо такя ба анъанаҳои ғановатманди халқамон ва бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудани аввалин Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли тоҷикон аз ҷумлаи нахустин дастовардҳое буд, ки мардуми мо ҳанӯз дар айёми бисёр ҳассосу вазнини ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба он муваффақ гардиданд.

Ҳукумати мамлакат дар асоси ин санади тақдирсоз ба пешбурди сиёсати иҷтимоӣ оғоз намуд. Имрӯз самараҳои воқеии ин сиёсат дар тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, меҳнат ва шуғли аҳолӣ, кор бо занон ва оила, ҷавонон, варзиш ва даҳҳо самти дигар ва муҳимтар аз ҳама, дар сатҳу сифати зиндагии мардуми мамлакат, ба таври возеҳ мушоҳида мегарданд.

Ҳанӯз аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ рушди маориф, илм ва фарҳанг дар сиёсати давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон самти афзалиятнок эълон гардид.

Дар зарфи беш аз се даҳсола мардуми мо тавонистанд, ки беҳтарин арзишҳои миллии худро зинда созанд, худшиносию худогоҳии миллиро ба пояи баланд бардошта, на танҳо фарҳанги беназири худро эҳё намоянд, балки онро ба талаботи давлатдории навини худ ва ба воқеияти ҷаҳони муосир мутобиқ сохта, дар арсаи байналмилалӣ ба таври шоиста муаррифӣ намоянд.

Тоҷикон на танҳо миллати таърихан шаҳрсозу шаҳрнишин мебошанд, балки ҳамчун пешқадамони тамаддуни заминдорӣ ва кишоварзӣ эътироф шудаанд.

Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар кишвари мо ислоҳоти куллии соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла ислоҳоти замин, амалӣ гардида, фаъолияти соҳа ба шароити даврони муосир мутобиқ гардонида шуд. Имрӯз боғу киштзорҳои сарсабзе, ки бо заҳмати кишоварзон ва соҳибкорони ватанӣ бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ бунёду обод шудаанд, на танҳо барои расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар – ҳифзи амнияти озуқаворӣ саҳми бузург мегузоранд, балки ба сарзамини биҳиштосои мо ҳусни тоза мебахшанд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ рушди саноат ва гузаштан аз модели аграрию саноатӣ ба саноатию аграрӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар низ ҳадафи дигари стратегии миллӣ эълон гардид. Бо мақсади амалӣ намудани ин ҳадаф дар мамлакат то имрӯз садҳо корхонаи хурду бузурги саноатӣ бунёд шудаанд ва сохтмони боз садҳо иншооти истеҳсолӣ идома дорад.

Ин раванд, илова бар ин ки саноатикунонии босуръати кишварро таъмин менамояд, боиси ташкили даҳҳо ҳазор ҷойи нави корӣ мегардад, ки дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ саҳми бузург ба ҳисоб меравад.

Мо барои таъмин намудани рушди давлати соҳибистиқлоли худ даҳҳо иншооти нави энергетикӣ, аз ҷумла ду неругоҳи азим бунёд карда, ҳазорҳо мегаватт иқтидорҳои иловагиро ба кор андохтем, илова ба иншооти бузурги аср – Неругоҳи барқи обии «Роғун» неругоҳҳои барқи обии амалкунандаро таҷдиду азнавсозӣ карда истодаем ва тасмим дорем, ки дар ояндаи наздик боз як ҳадафи стратегии миллӣ – истиқлолияти энергетикии кишварамонро таъмин намоем.

Дар ин росто, мо ҳазорҳо километр роҳу шоҳроҳ ва пулҳоро тибқи меъёрҳои байналмилалӣ бунёд карда, Тоҷикистони сепорчаро ба қаламрави воҳид ва кишвари транзитӣ табдил додем, яъне онро аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшида, ҳадафи стратегии дар ин самт эълонкардаамонро иҷро намудем.

Пешбурди сиёсати «дарҳои кушода» дар замони соҳибистиқлолӣ ба мо имкон фароҳам овард, ки бо ҳамаи давлатҳои ҷаҳон ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судмандро ба роҳ монем.

Имрӯз Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба сифати давлати ташаббускору пешсаф дар ҳалли мушкилоти глобалии вобаста ба обу иқлим эътироф гардидааст.

Боиси ифтихори мардуми шарифи тоҷик аст, ки то ба ҳол панҷ ташаббуси Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ, яъне Созмони Милали Муттаҳид, дастгирию ҷонибдорӣ ёфта, дар миқёси сайёра амалӣ гардида истодааст.

Ҳамватанони азизи мо аз вазъи ҷаҳони муосир, аз ҷумла яроқнокшавии бошитоб, торафт вусъат гирифтани «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои нави ҷаҳонӣ, аз қабили терроризму ифротгароӣ, радикализми динӣ, истеҳсолу қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятkoриҳои муташаккили фаромиллӣ, хуб огоҳӣ доранд.

Дар чунин шароит, моро зарур аст, ки барои ҳифзи амнияти миллӣ, ки шарти муҳимтарини устувории давлат ва зиндагии осудаи мардум мебошад, беш аз ҳар вақти дигар саъю талош намоем. Яъне, мо бояд ҳамеша ҳушёру зирак ва дар роҳи ҳифзи амнияти давлат ва дастовардҳои замони истиқлолият – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ омода бошем.

Мо бояд доимо сарҷамъу муттаҳид бошем, Ватани азизи худро сидқан дӯст дорем ва ҳамаи кӯшишу имкониятҳои худро ба хотири рушди давлатамон ва ободии сарзамини аҷдодиамон равона созем.

Муҳимтарин нишонаи ватандӯстии ҳар як фард ифтихор аз дастовардҳои давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ва талош ба хотири таҳкими минбаъдаи онҳо мебошад.

Ҳар шахсе, ки худро соҳибватан медонад ва мафҳумҳои истиқлолияту озодиро муқаддас мешуморад, бояд ҳамаи андешаю амали худро ба он равона созад, ки омодагӣ ба ҳар як Ҷашни Истиқлолияти давлатӣ, бахусус 35-солагии ин рӯйдоди сарнавиштсоз, ба марҳилаи нави болоравии эҳсоси худшиносӣ, ифтихори миллӣ, ватандӯстию ватанпарастӣ ва вусъати созандагию ободкорӣ мубаддал гардад.

Ман ба нангу номуси миллӣ, азму иродаи қавӣ ва кӯшишу талошҳои ватандӯстонаи мардуми шарафманди Тоҷикистон ва махсусан, ҷавонони ватандӯсту ғаюри он, эътимоди комил дорам ва дилпурона изҳор медорам, ки мо ҳама якҷо, бо иттиҳоду сарҷамъии хурду бузурги мамлакат ва бо заҳмати созанда кишвари азизамонро дар ояндаи наздик аз имрӯза дида, ободу зебо ва давлати соҳибистиқлоламонро неруманду пешрафта мегардонем, нуфузу обрӯи онро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд мебардорем.

Бори дигар 32-солагии Ҷашни муқаддасу бузурги Истиқлолияти давлатиро ба мардуми сарбаланди Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар як хонадони кишвар фараҳу шодмонӣ, рӯзгори осуда ва иқболи нек орзу менамоям.

**Ҷашни Истиқлолияти давлатӣ озодӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

## НОМАҲОИ ШОДБОШӢ БА МУНОСИБАТИ ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ба муносибати 32-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба унвони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои хориҷӣ, роҳбарони созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, инчунин ходимони намоёни давлатию ҷамъиятӣ номаҳои шодбошӣ ворид мегарданд.**

**Дар номаи шодбошии Президенти Федератсияи Россия Владимир Владимирович Путин омадааст:**

**«Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон!**

Табрикоти самимии моро ба муносибати ҷашни миллӣ – Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бипазиред.

Кишвари Шумо дар роҳи тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ бомуваффақият пеш рафта, дар ҳалли масъалаҳои муҳими рӯзномаи минтақавӣ ва байналмилалӣ нақши созанда мебозад.

Муносибатҳои Россия ва Тоҷикистон бар пояи усулҳои шарикии стратегӣ ва ҳампаймонӣ бунёд ёфтаанд. Ҳамкориҳои босамари дуҷониба дар бахшҳои гуногун густариш ёфта, ҳамоҳангии талошҳо дар чаҳорчӯбаи ИДМ, СААД, СҲШ ва дигар сохторҳои бисёрҷониба самараи хуб медиҳанд.

Итминон дорам, ки рушди минбаъдаи маҷмӯи ҳамкориҳои Россия ва Тоҷикистон комилан ҷавобгӯи манфиатҳои мардумони дӯсти мо буда, ба таҳкими сулҳу амният ва субот дар Осиёи Марказӣ мусоидат мекунад.

Ба Шумо, Эмомалӣ Раҳмон, аз самими қалб саломатии бардавом, комёбиҳо, ба тамоми шаҳрвандони Тоҷикистон некуаҳволӣ ва шукуфоӣ хоҳонам».

**Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин дар номаи шодбошиаш ба унвони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин менигорад:**

**«Муҳтарам ҷаноби Президент!**

Ба муносибати 32-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷоза фармоед ба Шумо ва мардуми дӯсти Тоҷикистон табрикоти самимӣ ва таманниёти беҳтарини худро иброз намоям. Бовар дорам, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Шумо дар роҳи рушд ба комёбиҳои навин ноил хоҳад гардид.

Дар моҳи майи соли ҷорӣ Шумо бо сафари давлатӣ ба Чин ташриф оварда, дар Нишасти сарони Чин ва Осиёи Марказӣ ширкат варзидед. Мо атрофи рушди муносибатҳои дуҷониба ва масъалаҳои мубрами байналмилалию минтақавӣ мулоқоти судманд ва табодули амиқи афкор анҷом дода, ба мувофиқаҳои фарогир даст ёфтем ва бунёди Ҷомеаи сарнавишти муштарак байни Чину Тоҷикистонро дар рӯҳияи дӯстии абадӣ, якдилӣ ва манфиати мутақобила эълом намудем.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**





# МАРОСИМИ СУПОРИДАНИ РУТБАҲО БА ХИЗМАТЧИЁНИ ҲАРБӢ ВА КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ

**Ҳаштуми сентябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор хизматчиёни ҳарбии Вазорати мудофиа, Вазорати корҳои дохилӣ, Прокуратураи генералӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи марказии ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо рутбаи олии ҳарбии «генерал-майор» ва рутбаи дараҷавии «Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3» қадрдонӣ намуданд.**

Президенти мамлакат зимни суҳбат иброз доштанд, ки хизматчиёни ҳарбии ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва дигар воҳидҳои низомӣ дар замони соҳибистиқлолӣ матонату маҳорати баланди ватандӯстию меҳанпарастӣ нишон дода, дар таъмини амнияту субот, ҳифзи дастовардҳои миллат ва ваҳдати сартосарӣ нақши муассир доранд.

«Ҳукумати мамлакат низ хизматҳои фарзандони содиқу далер ва матиниродаи Ватанро пайваста қадршиносӣ намуда, онҳо бо шароити арзандаю шоистаи хизмату зиндагӣ фаро гирифта мешаванд», - таъкид намуданд зимни суҳбат Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

# НОМАҲОИ ШОДБОШӢ

## БА МУНОСИБАТИ ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**(Идома аз саҳ. 1)**

Ман муносибатҳои миёни Чину Тоҷикистонро баланд арзёбӣ намуда, равобити наздики хизматӣ ва дӯстии қавии шахсиро бо Шумо қадр мекунам ва омодаам барои таъмиқи бештари ҳамкориҳои ҳар ду кишвар дар арсаҳои гуногун ва ба сатҳи нав баровардани муносибатҳои Чину Тоҷикистон саъю кӯшиши муштарак ба харҷ диҳам.

Ба кишвари дӯсти Тоҷикистон шукуфоию пешрафт, ба мардуми он саодату некуаҳволӣ хоҳонам».

**Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Ҷозеф Байден дар номаи шодбошиаш гуфтааст:**

**«Муҳтарам ҷаноби Президент!**

Ман аз номи мардуми Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба Шумо ва тамоми мардуми Тоҷикистон таманниёти беҳтаринро ба муносибати Ҷашни 32-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон орзу дорам.

Шарикӣ байни Тоҷикистону Иёлоти Муттаҳидаи Амрико барои бунёдиояндаи дурахшонтари халқҳои мо ва мардуми тамоми ҷаҳон мусоидат намуд. Ҳамроҳ мо кори худро дар соҳаи амнияти минтақавӣ ва мубориза бо терроризм вусъат додем. Мо барои ҳалли мушкилоти глобалӣ ва дастгирии рушди иқтисодии фарогир дар ҳамбастагӣ кор кардем. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико пешсафии Тоҷикистонро дар соҳаи иқлим, аз ҷумла кори Шуморо барои пешрафти таъмини амнияти обӣ, ки барои бехатарӣ ва инкишофи одамон дар ҳама ҷо масъалаи муҳим мебошад, дастгирӣ мекунад.

Дар давоми соли оянда ман умед дорам, ки робитаҳо байни халқҳои мо боз ҳам таҳким меёбанд ва мо барои амалӣ намудани афзалиятҳои муштаракамон якҷо кор хоҳем кард. Ман ба Шумо иди миллии хурраму хурсандиоварро таманно дорам».

**Дар номаи шодбошии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев чунин омадааст:**

**«Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон!**

Бо камоли хушҳолӣ Шумо ва тоҷикистониёнро ба муносибати 32-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику таҳният гуфта, таманниёти беҳтарини худро ирсол менамоям.

Тоҷикистони бародар имрӯз тахти роҳбарии хирадмандонаи Шумо, дар натиҷаи ислоҳоти мунтазаму фарогир, ки ба таъмини рушди устувор нигаронида шудаанд, ба пешравиҳои бузург ноил мегардад.

Боиси фараҳмандии мост, ки дар заминаи рушди тадриҷии иқтисодиёт, беҳбуди некуаҳволии аҳолӣ, сиёсати фаъоли хориҷӣ дар сатҳи глобалӣ ва минтақавӣ, обрӯю эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ тақвият меёбад.

Равобити наздики бародаронаи муносибатҳои ҳусни ҳамҷаворӣ миёни мардумони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон солҳои охир ба таври бесобиқа рушд мекунанд.

Бисёр хушҳолам, ки муколамаҳои сатҳи олии мо шакли доимӣ гирифта, шарикии стратегӣ ва муносибатҳои ҳампаймониамон амиқ мегарданд.

**Ҷаноби Олӣ!**

Итминон дорам, ки рӯзҳои наздик дар шаҳри Душанбе мо дар доираи Вохӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони давлатҳои муассиси Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал авлавиятҳои ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаамонро мушаххас месозем.

Ба муносибати ин рӯзи фараҳбахш ва хотирмон ба Шумо, сиҳатмандии комил, саодати оилавӣ, неруи давомдор ва дар фаъолияти пурмасъулияти давлатиатон комёбиҳои навин, ба мардуми бародари Тоҷикистон сулҳ, шукуфоӣ ва пешрафт орзумандам».

**Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев дар номаи шодбошии худ гуфтааст:**

**«Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон!**

Аз номи мардуми Қазоқистон ва шахсан аз номи худам Шумо ва тамоми Тоҷикистони бародарро ба муносибати Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ сидқан табрик мегӯям.

Ин санаи фархунда дар таърихи кишвари Шумо рамзи ваҳдат, озодӣ ва ватандӯстии сатҳи баланд буда, ҳамчун заминаи устувори таҳкими минбаъдаи давлатдорӣ ва соҳибистиқлолӣ хидмат мекунад.

Дастовардҳои олии Тоҷикистони муосир дар соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитарӣ бо сиёсати дурнамо ва фаъолияти созандаи Шумо пайванди ногусастанӣ доранд. Бовар дорам, ки Тоҷикистон тахти роҳбарии тавонманди Шумо роҳи рушду пешрафти босуботи худро идома дода, ташаббусҳои муҳим ва ислоҳоти васеъмиқёсро дар амал татбиқ хоҳад кард.

Фурсатро ғанимат шуморида, бо ғояти қаноатмандӣ ҷараёни баланди ҳамкории Қазоқистону Тоҷикистонро, ки бо муҳтавои нав ғанӣ гашта, пурра ҷавобгӯи сатҳи шарикии стратегӣ ва ҳампаймонӣ мебошад, таъкид менамоям.

Итминон дорам, ки бо саъю талошҳои муштарак муносибатҳои гуногунҷанбаи Қазоқистон ва Тоҷикистон минбаъд ҳам бар манфиати кишварҳо ва мардумони мо ҳамаҷониба таҳким хоҳанд ёфт.

Дар ин рӯзи ботантана ба Шумо, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар фаъолияти сермасъули давлатиатон комёбиҳои минбаъда, ба мардуми бародари Тоҷикистон некуаҳволӣ ва шукуфоӣ орзу менамоям».

**Нурсултон Назарбоев, Президенти якуми Ҷумҳурии Қазоқистон дар номаи шодбошиаш чунин овардааст:**

**«Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон!**

Табрикоти самимии маро ба муносибати Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул фармоед.

Ба туфайли роҳбарии чандинсолаи моҳиронаи Шумо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдорӣ, таъмини рушди иқтисодӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ қуллаҳои баландро фатҳ кардааст.

Боиси хушнудист, ки рушди муносибатҳои Қазоқистону Тоҷикистон ба мушоҳида мерасад ва дар баровардани онҳо то сатҳи ҳамкории ҳампаймонӣ Шумо саҳми хос доред.

Бо истифода аз фурсат ба Шумо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва тамоми мардуми бародари Тоҷикистон некуаҳволӣ, шукуфоӣ ва дар татбиқи ҳадафҳои муайянкардаатон комёбиҳои рӯзафзун орзу менамоям».

**Дар номаи шодбошии Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов чунин омадааст:**

**«Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон!**

Боиси сарфарозист, то ба Шумо ва тамоми мардуми бародари кишваратон табрикоти самимӣ ва таманниёти неки худро ба муносибати Рӯзи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ирсол намоям.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ ба муваффақиятҳои азим даст ёфта, ба қуллаҳои нави рушди иқтисодии кишвар соҳиб гардид ва ҳамзамон эътибори худро дар арсаи байналмилалӣ тадриҷан таҳким бахшид.

Туркманистон ба тавсеа ва рушди равобити дуҷониба бо Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хосса зоҳир менамояд. Боиси хушнудист, ки кишварҳои мо амалҳои худро дар бахшҳои сиёсию дипломатӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, фарҳангию гуманитарӣ ва дигар соҳаҳо муваффақона ҳамоҳанг менамоянд. Итминони комил дорам, ки ҳамкории дуҷониба ба шарофати талошҳои муштаракамон минбаъд низ ба нафъи мардумони бародари ҳар ду кишвар рушд ва таҳким хоҳанд ёфт.

Бо истифода аз ин фурсати фараҳбахш самимона ба Шумо, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, сиҳатмандии комил, хушбахтӣ ва некуаҳволӣ, ба мардуми бародари Ҷумҳурии Тоҷикистон сулҳу пешрафти минбаъда ва шукуфоӣ орзумандам».

**Дар номаи шодбошии Пешвои миллии мардуми Туркманистон, Раиси Халқ Маслаҳатии Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов чунин омадааст:**

**«Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон!**

Шарафёбам, табрикоти самимӣ ва таманниёти беҳтарини худро ба Шумо ва дар шахси Шумо ба тамоми мардуми бародари Ҷумҳурии Тоҷикистон бирасонам.

Тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ тахти сарварии Шумо дар ҳаёти сиёсию иқтисодии кишвар комёбиҳои назаррас ба даст омада, иқдомҳои фаъол дар арсаи байналмилалӣ боиси боло рафтани нуфузи Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидааст.

Бо хушнудӣ аз сатҳи баланди муносибатҳои дуҷониба, ки ҳамкориҳои пурсамар ва зичи кишварҳои моро дар доираи васеи самтҳои фарогир инъикос менамоянд, ёдовар мешавам. Итминони комил дорам, ки муносибатҳои Туркманистону Тоҷикистон, ки бар асоси усулҳои дӯстӣ, эътимод ва ҳусни тафоҳум бунёд ёфтаанд, дар оянда низ ба нафъи мардумонамон рушду таҳким хоҳанд ёфт.

Бо истифода аз ин фурсати фараҳбахш, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба Шумо сиҳатмандии бардавом, хушбахтӣ ва дар фаъолияти пурмасъулиятатон комёбиҳо, ба мардуми бародари Тоҷикистон сулҳу пешрафт ва шукуфоии рӯзафзун орзу менамоям».

**Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров чунин номаи шодбошӣ ирсол намудааст:**

**«Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон!**

Ба муносибати Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шуморо аз номи мардуми Қирғизистон ва шахсан аз номи худ табрик мегӯям.

Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон дар раванди таҳкими давлатдорӣ, рушди некуаҳволии мардум ва тақвияти нуфузу эътибори кишвар дар арсаи байналмилалӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардид.

Бовар дорам, ки муносибатҳои миёни ҳар ду кишвар дар заминаи эътимоди мутақобила, дӯстӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ таҳким ва таъмиқ хоҳанд ёфт.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба Шумо сиҳатмандии комил, некуаҳволӣ ва дар фаъолияти давлатиатон комёбиҳо, ба мардуми Тоҷикистон сулҳу рушд орзумандам».

**Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко чунин номаи шодбошӣ ирсол намуд:**

**«Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон!**

Табрикоти самимии инҷониб ва тамоми мардуми Беларусро ба муносибати ҷашни миллӣ бипазиред.

Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад аз натиҷаҳои таъсирбахше, ки тайи даҳсолаҳои охир дар бунёди давлатдорӣ, баланд бурдани сатҳи зиндагии аҳолӣ, таҳкими мавқеи худ дар минтақа ва ҷаҳон ба даст овардааст, воқеан ифтихор дошта бошад.

Дар Беларус сатҳи кунунии муносибатҳои дуҷонибаро, ки дар заминаи дӯстӣ, эътимод ва манфиати мутақобила асос ёфтаанд, баланд арзёбӣ мекунанд.

Дидорамонро дар шаҳри меҳмоннавоз ва офтобии Душанбе дар моҳи октябри соли 2022 бо ҳиссиёти гарм ба ёд меорам. Самимона бовар дорам, ки мувофиқаҳои мушаххаси аз натиҷаи он бадастомада барои пешрафти иқтисодии ҳар ду кишвар, рушди некуаҳволии шаҳрвандони онҳо хизмат хоҳанд кард.

Аз самими қалб ба Шумо, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, саломатии бардавом, бахту саодат, комёбиҳои навин дар фаъолияти созандаи Шумо, ба мардуми бародари Тоҷикистон суботу шукуфоӣ таманно дорам».

**Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев дар номаи шодбошии худ гуфтааст:**

**«Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон!**

Бо хушнудии комил аз номи худ ва аз номи мардуми Озарбойҷон ба Шумо ва дар шахси Шумо ба мардуми кишваратон табрикоти ниҳоят самимӣ ва таманниёти неки худро ба муносибати ҷашни миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ мерасонам.

Ҳамчун кишвари дӯст эҳсоси фараҳмандии хосса аз он мекунем, ки Тоҷикистон тахти роҳбарии хирадмандонаи Шумо дар таҳкими давлатдорӣ, пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ ва баланд бардоштани нуфузи худ дар арсаи байналмилалӣ ба дастовардҳои қобили таваҷҷуҳ ноил мегардад.

Сатҳи имрӯзаи муносибатҳои байнидавлатии мо аз эҳсоси мутақобилаи ҳусни таваҷҷуҳ, эҳтиром ва эътимод, ки мардумони мо дар тӯли таърихи равобити худ нисбат ба ҳамдигар доштанд, сарчашма мегирад. Сафарҳои мутақобилаи мо дар сатҳи олӣ, дидорҳои мунтазам, санадҳои сершумори баимзорасида, ки соҳаҳои гуногунро фаро мегиранд, рушди босуръат ва муваффақонаи муносибатҳо ва ҳамкориҳои дуҷонибаи моро муайян мекунанд.

Бовар дорам, ки зимни истифодаи босамар аз шароити мусоиди мавҷуда барои тавсеаи равобити Озарбойҷону Тоҷикистон мо ба таҳкиму таъмиқи ҳамкориҳои барои ҷонибҳо судманд, ҳам дар заминаи дуҷониба ва ҳам бисёрҷониба, ноил хоҳем гардид.

Дар ин рӯзи хотирмон ба Шумо, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, сиҳатмандии комил, хушбахтӣ ва муваффақият дар корҳоятон, ба мардуми бародари Тоҷикистон некуаҳволии рӯзафзун ва шукуфоӣ орзумандам».

**Дар номаи шодбошии Президенти Ҷумҳурии Франсия Эммануэл Макрон чунин омадааст:**

**«Муҳтарам ҷаноби Президент!**

Ба муносибати 32-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон хушҳолам ба Шумо ва тамоми мардуми Тоҷикистон таманниёти самимии худро барои бахту саодат, шукуфоӣ ва сулҳ расонам.

Франсия ва Тоҷикистонро равобити дерини дӯстӣ мепайванданд ва аз ин лиҳоз, барои ман ифтихори бузург буд, ки аз Шумо дар солҳои 2019 ва 2021 дар Париж пазироӣ намудам, бахусус ифтитоҳи муштараки намоишгоҳи бошукӯҳи «Сарзамини дарёҳои тиллоӣ»-ро дар хотир дошта, мехоҳам аз рушди робитаҳои фарҳангии мо ва густариши ҳамкориҳо дар соҳаҳои донишгоҳӣ ва илмиамон бо хушнудӣ ёдовар шавам.

Франсия ҷонибдори суботи минтақавӣ ва рушди иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад. Акнун барои мо аз ҳарвақта бештар муҳим аст, ки ин муносибатҳои дӯстии байни мардумонамон ва муколамаи қавиро оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва амниятӣ идома диҳем. Мутмаин бошед, ки дар симои Франсия Шумо ҳамсуҳбате хоҳед ёфт, ки ҳамеша ба он таваҷҷуҳ зоҳир хоҳад кард.

Лутфан, ҷаноби Президент, ғояти эҳтиромоти инҷонибро бипазиред».

**Дар номаи шодбошии Ходими Ҳарамайни Шарифайн Подшоҳи Шоҳигарии Арабистони Саудӣ Салмон ибни Абдулазиз оли Сауд чунин омадааст:**

**«Бародари азиз,**

**Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон!**

**Худо ҳифзашон кунад.**

**Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу.**

Боиси хушнудист, ки Ҷаноби Олиро ба муносибати Рӯзи Истиқлолияти давлатии кишварашон самимона табрику таҳният гуфта, барои Ҷаноби Олӣ беҳтарин таманниёти саломатию саодатмандӣ ва барои Ҳукумат ва мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистони бародар пешравию шукуфоии пайвастаро орзу намоям».

**Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Ориф Алвӣ чунин номаи шодбошӣ ирсол намудааст:**

**«Муҳтарам Ҷаноби Олӣ!**

Лутфан табрикоти самимии маро бахшида ба 32-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намоед.

Ҷумҳурии Исломии Покистон ба муносибатҳои таърихӣ ва бародаронаи худ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои баланд дода, омода аст, ки ин муносибатҳоро ба зинаи нави стратегӣ ва ба манфиати ҳар ду кишвари бародар табдил диҳад.

Боиси қаноатмандии беандоза аст, ки муносибатҳои Покистону Тоҷикистон дар солҳои охир суръати болоравиро пеша кардаанд.

Муносибатҳои мо, инчунин, бо кӯшишҳои якҷояи мо барои сулҳ ва шукуфоии минтақа мустаҳкам шудаанд. Аз фурсати муносиб истифода намуда, ба Шумо - Ҷаноби Олӣ саломатии бардавом ва ба мардуми бародари Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди доимӣ ва шукуфоии пайваста орзумандам.

Лутфан, Ҷаноби Олӣ, изҳори эҳтироми олии маро қабул фармоед».

**Дар номаи шодбошии Императори Ҷопон Нарухито чунин омадааст:**

**«Муҳтарам Ҷаноби Олӣ,**

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон!**

Ба муносибати Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ман бисёр хушҳол ҳастам, ки ба Ҷаноби Олӣ табрикоти самимӣ ва орзуҳои неки холисонаи худро барои бахту саодати Шумо ва шукуфоии мардуми кишваратон мерасонам».

**Вуруди номаҳои шодбошӣ ба унвони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Ҷашни 32-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома доранд.**

**www.president.tj**

# ХИЗМАТ БА ВАТАН НАНГУ НОМУС ВА ШАРАФИ ИНСОНИЮ ҶАВОНМАРДИСТ

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паради ҳарбӣ ба ифтихори ҷашни 32-солагии Истиқлолияти давлатӣ ва 30-юмин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**шаҳри Душанбе, 8-уми сентябри соли 2023**

**Муҳтарам генералҳо ва афсарону сарбозон!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ин лаҳзаҳо тамоми мардуми шарифи тоҷик дар арафаи ҷашни муқаддасу бузурги миллӣ – 32-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони маҳбубамон, ки дар таърихи навини кишварамон санаи муҳимтарину сарнавиштсоз мебошад, қарор доранд.

Истиқлолияти давлатӣ барои мо азизтарин неъмат ва бузургтарин дастоварде мебошад, ки тоҷикон баъди ҳазор соли бедавлатӣ ба он муяссар гардиданд.

Мо имрӯз, ҳамчунин, яке аз санаҳои таърихӣ - 30 - солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистони соҳибистиқлолро, ки яке аз рукнҳои асосии давлатдории миллиамон мебошад, ботантана ва бо шукрона аз давлати соҳибихтиёрамон таҷлил менамоем.

Ба ифтихори ин ду ҷашни бузург тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳар яки шумо – афсарону сарбозони диловари Ватанро, ки ҳоло дар ин майдон саф оростаед, самимона табрику шодбош мегӯям.

Расми гузашти хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва ҳайати шахсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аввалин чорабиние мебошад, ки бо иштироки ҳомиёни Ватан дар майдони «Истиқлол»-и пойтахти мамлакат баргузор мегардад.

Тоҷикистони азизи мо ҳанӯз дар нахустин рӯзҳои расидан ба ормони ҳазорсолаи мардум, яъне истиқлолияту озодӣ, бар асари фитнаю дасисаи хоинону бадхоҳони дохилию хориҷӣ ба зарбаи даҳшатбор ва бисёр сахту сангини таърих – ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардид.

Вале мардуми кишвари мо ба шарофати хиради азалии худ ва бо азму иродаи қавӣ аз он имтиҳони фоҷиабор гузаштанд ва ба аҳли башар нишон доданд, ки метавонанд тахти парчами истиқлолияти давлатӣ сарҷамъ гардида, давлати худро соҳибӣ намоянд, Ватани хешро аз ҳар гуна мушкилоту озмоишҳо раҳоӣ бахшанд ва онро ободу пешрафта гардонанд.

Дар чунин давраи ниҳоят ҳассосу пурошӯб ва тақдирсози таърихи миллат, яъне дар роҳи барқарорсозии сохти конститутсионӣ, таъмин намудани сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ дар кишвари соҳибистиқлоламон фарзандони содиқи Ватан – хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хизмати барҷаста анҷом доданд ва садоқати худро ба миллат ва давлат ба исбот расониданд.

Дар ин лаҳзаҳои идона мехоҳам иброз намоям, ки дар кишварамон сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва амнияту осоиш ба шарофати матонату ҷасорат ва фидокорию ҷонбозиҳои хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони ҳифзи ҳуқуқ таъмин карда шуд ва мо ба чунин рӯзҳои нек расидем. Бинобар ин, бо истифода аз фурсат, ба ҳар як сарбозу афсари Қувваҳои Мусаллаҳ ва ҳамаи собиқадорони муҳтарами ҷузъу томҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ сипосу миннатдории самимӣ баён менамоям.

Мардуми сипосгузори Тоҷикистон ва Ҳукумати мамлакат аз хизмати ватандӯстонаи низомиёни кишвар ва далерию ҷасорати онҳо ба хотири иҷрои рисолати муқаддаси ҳифзи суботу оромӣ, амнияти ҷомеаю давлат, ҳимояи марзу буми давлати соҳибистиқлоли худ ифтихор мекунанд ва номи неки ҷавонмардонеро, ки ҷони худро дар ин роҳ фидо кардаанд, ҳамеша гиромӣ медоранд.

Дар баробари ин, мардум ва давлати Тоҷикистон дар симои хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳимоятгарони оромӣ, субот, амният, манфиатҳои миллию давлатӣ, волоияти қонун ва таъмини ҳуқуқи ҳар як шаҳрванди мамлакатро мебинанд.

Эътимоди давлат ва умеди мардум хизматчиёни ҳарбии тамоми ҷузъу томҳо ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро вазифадор месозад, ки дар навбати аввал, намунаи риояи қонунияту тартибот ва интизоми ҳарбӣ бошанд, сатҳи касбият ва омодагии ҷангии худро мунтазам баланд бардоранд.

Давлат ва Ҳукумати мамлакат аз оғози замони соҳибистиқлолӣ то имрӯз бо истифода аз тамоми захираю имкониятҳо ва бо дарназардошти вазъи мураккабу ҳассоси минтақа ва ҷаҳони муосир ҳамаи тадбирҳоро барои баланд бардоштани сатҳи омодабошии ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳ ва иқтидори мудофиавии мамлакат амалӣ карда истодааст.

Боз ҳам беҳтар таъмин намудани ҷузъу томҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо техникаю технологияҳои ҳозиразамон, ташкили инфрасохтори муосир ва дастгирии иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат минбаъд низ идома дода мешавад, зеро вазъияти минтақа ва ҷаҳон талаб мекунад, ки мо ба ҳалли ин масъалаҳо эътибори аввалиндараҷа ва доимӣ зоҳир намоем.

Торафт вусъат пайдо кардани фаъолияти ҳаракату созмонҳои террористию экстремистӣ ва радикалӣ, қочоқи моводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ ва илова бар ин, мусаллаҳшавии бошитоб ва шиддат гирифтани «ҷанги сард» имрӯзҳо сокинони сайёра, аз ҷумла мардуми моро ба ташвишу нигаронии ҷиддӣ овардааст.

Фаромӯш накунед, ки Ватан нангу номус ва шарафу иззати инсонию ҷавонмардии ҳар яки шумо мебошад. Коршиносон пешгӯӣ мекунанд, ки эҳтимоли шиддати бештар пайдо кардани чунин вазъият дар минтақаю кишварҳои алоҳидаи дунё дар оянда вуҷуд дорад.

Роҳбарони Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварро зарур аст, ки дар шароити бавуҷудомада барои таъмин намудани ҳифзи боэътимоди сарҳади давлатӣ, амнияти ҷомеа ва давлат, зиндагии орому осудаи мардум ва дар сатҳи баланд нигоҳ доштани омодабошии ҷангии ҷузъу томҳо ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ намоянд.

Шумо - хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ бояд ҳамеша дар ёд дошта бошед, ки хизмат ба Ватан – хизмат ба падару модар, аҳли оила, зодгоҳ ва сарзамини аҷдодӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, ҳар яки шумо бояд Ватанро баробари ҷони худ, мисли модар ва фарзандони худ дӯст доред, онро ҷавонмардона ҳимоя ва ҳифз кунед.

Тоҷикистон ҳамчун кишваре, ки аз мухолифату нооромӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хисороти бузурги ҷонию моддӣ дидааст, ҳамеша ҷонибдори сулҳу оромӣ дар тамоми ҷаҳон, зиндагии бидуни ҷанг ва танҳо бо роҳи мусолиматомез ҳаллу фасл намудани ҳама гуна низоъ мебошад ва ин мавқеи худро борҳо эълон кардааст.

Ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд ҳамеша дар хотир дошта бошанд, ки пешрафти давлат ва ободии Ватан танҳо дар сурати таъмин будани сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти ҷомеаю давлат имкон дошта метавонад.

Бовар дорам, ки афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба савганди ҳарбӣ, ба давлат, миллат ва Ватани худ минбаъд низ содиқ монда, вазифаҳои бадӯшдошта ва рисолати муқаддаси хеш, яъне ҳимояи истиқлолияту озодии Ватан, ҳифзи марзу буми давлати соҳибихтиёри тоҷикон ва зиндагии орому осудаи халқи азизи кишварро бо ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстӣ иҷро менамоянд.

Бори дигар тамоми мардуми сарбаланди тоҷик, хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварро ба ифтихори ҷашни бузурги миллӣ – 32-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони маҳбубамон ва 30-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат самимона табрик гуфта, ба ҳар як хонадони мардуми Тоҷикистон осоишу иқболи нек, ба афсарону сарбозони далери Ватан саломатӣ ва иродаи матини ҷавонмардона орзу менамоям.

**Пояндаву ҷовидон бод Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон!**

**Шараф ба Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистони соҳибистиқлол!**

# ИФТИТОҲИ БИНОИ НАВИ ИСТИҚОМАТӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ҲАРБӢ БО ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**8-уми сентябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар деҳоти «Чоряккорон»-и ноҳияи Рӯдакӣ бинои нави истиқоматиро барои хизматчиёни ҳарбӣ ба мавриди истифода қарор доданд.**

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст калиди хонаҳои истиқоматиро ба кормандони Шифохонаи ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақдим намуданд.

Афсарон ва оилаҳои онҳо, ки дар арафаи Ҷашни 32-солагии Истиқлолияти давлатӣ соҳиби хонаҳои нави истиқоматӣ гардиданд, ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои чунин ғамхорӣ ва дастгириҳои ҳамешагиашон изҳори сипоси миннатдорӣ карданд.

Иншоот якҷо бо майдончаҳои варзишию бозӣ барои кӯдакон дар масоҳати умумии беш аз 5 ҳазор метри мураббаъ бунёд гардида, аз ду ошёна, 24 хона ва дигар биноҳои ёрирасон иборат буда, корҳои сохтмонӣ дар иншооти мазкур соли 2019 бо ҷалби беш аз 70 нафар коргару мутахассисони маҳаллӣ оғоз гардида буд. Имрӯз бинои нав дар вазъияти тантанавӣ бо сифати баланду ҷавобгӯ ба талаботи меъмории сохтмонӣ мавриди истифода қарор гирифт, ки барои хизматчиёни ин ниҳоди ҳарбӣ туҳфаи арзандаи ҷашнӣ ба шумор меравад.

Дар бино 16 хонаи якҳуҷрагӣ ва 8 хонаи дуҳуҷрагӣ ҷойгир аст, ки ҳар яки онҳо пурра бо дастгоҳу таҷҳизоти замонавӣ ва ҷиҳози рӯзгор таъмин мебошанд.

Маҳз, бо дастгирӣ ва ғамхориҳои ҳамешагии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар 20 соли охир наздики 500 нафар кормандони Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хонаҳои истиқоматии хизматӣ таъмин шуданд ва имрӯз барои ҳимояи давлати соҳибистиқлоламон содиқона хизмат менамоянд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити фароҳамгардидаи иншоот ба суҳбати самимӣ бо хизматчиёни Гвардияи миллӣ, ки имрӯз барои ҳифзи марзу буми Ватан ва солимии ҷомеа дар Шифохонаи ҳарбӣ содиқона ҷавонмардона хизмат ба кору фаъолият доранд, таъкид намуданд, ки беҳтар сохтани инфрасохтори зарурӣ ва таъмини шароити арзандаи зиндагӣ ба кормандони сохторҳои ҳарбӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор дошта, дар ин самт марҳила ба марҳила тадбирҳои муҳим амалӣ карда мешавад.

Дар саҳни бинои навтаъсис барои машғулияти афсарони Шифохонаи ҳарбии Гвардияи миллӣ майдончаи варзишии бозии футболи хурд, волейбол, баскетбол ва майдончаи бозӣ барои кӯдакон бо тамоми таҷҳизоти зарурӣ сохта шудааст, ки минбаъд дар он ҷо истиқоматкунандагон метавонанд дар баробари ба намудҳои гуногуни варзиш машғул шудан, ҳамзамон, истироҳат намоянд.

Дар идомаи корҳои сохтмонӣ барои пурра дар фасли зимистон таъмин намудани бино ва хонаҳои истиқоматӣ бо гармӣ иншооти махсус - таҷҳизоти муосири электрикии каммасраф насб шудааст.

Мавриди ба таъкид аст, ки 24 нафар афсаре, ки соҳиби хонаҳои истиқоматӣ шуданд, имрӯз дар Шифохонаи ҳарбии Гвардияи миллӣ фаъолият намуда, саҳми онҳо дар ҳифзи солимии ҷомеа, аз ҷумла пешгирӣ ва табобати бемориҳои гуногун, назаррас аст.

Дар замони истиқлолияти давлатӣ бо таваҷҷуҳ ва дастгириҳои бевоситаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои асосӣ ва хуҷраҳои ёрирасони он пурра навсозӣ ва шароити хизматрасонии тиббӣ ба талаботи замон мутобиқ гардонида шудааст.

Шифохонаи ҳарбии Гвардияи миллӣ аз шуъбаҳои асаб, сироятӣ, пӯст, шуъбаи бемориҳои даруна, физиотерапия, эхёгарӣ ва дигар хуҷраҳои ёрирасон иборат буда, барои сари вақт ба табобат фаро гирифтани беморон ва гузаронидани ҷарроҳӣ мутахассисони ботаҷриба ҷалб гардидааст.

# СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ

**Ҳафтуми сентябри соли 2023 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо раисони шаҳру ноҳияҳои Исфара, Конибодом, Бобоҷон Ғафуров, Лахш, Тоҷикобод, Рашт, Нуробод ва Сангвор суҳбати телефонӣ анҷом доданд.**

Роҳбари давлат сараввал сокинони шаҳру ноҳияҳои зикршударо ба ифтихори 32-солагии Ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик гуфта, сипас роҳбарони шаҳру ноҳияҳои мамлакатро вазифадор намуданд, ки доир ба омодагӣ ба зимистони дарпешистода, пеш аз ҳама, ба фасли сармо омода намудани муассисаҳои иҷтимоӣ ва аҳолӣ, сари вақт ҷамъоварӣ кардани ҳосили пахта, картошка, меваю сабзавот ва таъмин намудани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти истеҳсоли худӣ, тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Пешвои миллат, инчунин, масъалаи дар ҳар як оила захира намудани маҳсулоти хӯрокворӣ ва тухмии зироатҳои кишоварзиро барои соли оянда махсус таъкид намуданд.

www.president.tj

# СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ - САФҲАИ ТИЛЛОИИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

*(Мулоҳизаҳо дар робита ба 32-юмин солгарди Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ)*



**Фарҳод РАҲИМӢ,**
**академик, Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ**

**Ба навиштани матлаб доир ба 32 - солагии Истиқлолияти давлатӣ оғоз мекунам ва ба таҳлилу таҳқиқи маводи ин солҳо пардохта, матлаберо дастрас менамоям, ки чунин аст: «9 - уми августи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Неругоҳи барқи обии «Роғун» боздид намуда, аз соати $6^{45}$ то соати $12^{45}$ (расо 6 соат) аз 87 километр нақбҳои кандашуда, нобаваста аз идомаи корҳои сохтмонӣ дар баъзе қисматҳои нақбҳо, газнокии зиёд ва баландиҳои гуногуну релефи мураккаб, дидан мекунанд ва бо бунёдкорони ин иншооти аср суҳбат менамоянд. Ҳамчун муҳандиси варзида ба корҳои сохтмонӣ баҳо медиҳанду барои беҳтар шудани корҳои сохтмонӣ ва сифати онҳо ба бинокорону масъулон дастуру пешниҳодҳои муфид манзур месозанд». Баъд аз ин хабар бори дигар аҳсан ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мехонаму таъкид менамоям, ки тамоми дастовардҳои кишвари азизам-Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ бо ному кору пайкори ҳамин фарзонафарзанди миллат, бузургмарди дунёи сиёсат – Пешвои миллат тавъаманд ва дар ҳамин замина ин мақоларо пешкаши хонандагон месозам.**

Расидан ба марҳилаи истиқлолияти сиёсию давлатӣ, ки мардуми шарифи Тоҷикистон онро ба унвони ҳадяи сарнавишт пазируфтааст, зиндагии ҷомеаи навини тоҷикро ба куллӣ тағйир дода, уфуқҳои тозаи рушдро кушод. Зимнан, тайи таърихи башарӣ ҷомеа, мардум ва кишварҳои мутамаддини ҷаҳон ба исми истиқлолияти давлатӣ савганди садоқат ба ҷо оварда, дар ин масири саодатбахш ва рӯҳафзо умрфарсоӣ кардаанд. Муҳимтар аз ҳама, истиқлолияти давлатӣ ба унвони ормони таърихӣ, сиёсӣ ва миллӣ сарнавишти миллатро дар замон ва макони мушаххаси таърихӣ рақам зада, ҷомеаро ба сӯи инкишофу таҳаввул ҳидоят менамояд. Истиқлолияти давлатӣ имкон фароҳам овард, ки миллат афту хез, шикасту рехт, бурду бохт, муваффақияту нокомӣ ва билохира қисмати худро дар тарозуи ақлу виҷдон баркашад ва барои сохтмони давлати навин қадамҳои устувор бардорад.

Аз арзишмандтарин дастоварди миллати фарҳангсолори тоҷик - Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сию ду сол сипарӣ мешавад, ки бегумон, марҳилаи бунёди давлатдории навин, заминасозии ҳуқуқӣ, рушди соҳаҳои сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва эҳёи арзишҳои миллӣ ба ҳисоб меравад.

Маълум аст, ки бо шарофати ин рӯйдоди бузурги таърихӣ халқи тоҷик соҳиби рамзҳои давлатӣ - Парчами давлатӣ, Нишон, Суруди Миллӣ ва Конститутсия гардида, Ватани азизи мо аз ҷониби ҷомеаи башарӣ ҳамчун давлати мустақил ва Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ, ташаббускори масъалаҳои марбут ба оби тоза дар сатҳи байналмилалӣ ва наҷотбахши аҳли башар эътироф шуданд. Ба дунболи ин, истиқлолияти давлатӣ раванди ҳувиятсозии миллиро таҳкиму тақвият бахшида, барои густариш пайдо кардани ваҳдати тамоми сокинони қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам овард.

Бо гузашти 32 сол бори дигар ёдовар мешавем, ки истиқлолияти давлатии мо ҳанӯз дар бомдоди тавлид ба зарбаи ҷонкоҳу ҳалокатбор - ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ мувоҷеҳ гардид, ки кишварҳои дигари тоза истиқлол бадастовардаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар он айём ба чунин вазъи душвору фоҷиабор гирифтор нашуда буданд.

Мутаассифона, неруҳои бадхоҳ ва ашхоси гумроҳ бо нақшаю дастурҳои хоҷагони хориҷии худ тарҳи бадбахтии мардуми шарифи тоҷикро кашида, барои зери суол бурдани истиқлолияти давлатӣ аз тамоми имконот истифода намуда, роҳро барои фоҷиаи мардумӣ ҳамвор сохтанд. Дар ниҳоят, Тоҷикистон ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд.

Дар он замон ҳамаи ҳизбу ҳаракатҳои навтаъсиси Тоҷикистони тозаистиқлоли мо фирефтаи мафкура ва нақшаҳои созмону ташкилоти зиддимиллӣ гашта буданд. Аз ҷумла, дастгоҳҳои ҳукуматӣ ва сиёсии вақти ҷумҳурӣ бо фалаҷ шудани сиёсати марказӣ ва бекор шудани низоми давлатдории шӯравӣ ба вартаи мушкилоти дохилӣ афтиданд.

Азбаски элитаи сиёсии замон истиқлолияти роҳбарӣ ва муҳимтар аз ин, собиқаи мудирияти равандҳои сиёсиро надошт, дар ҳалли мустақилу мустақими мушкилоти дохилӣ оҷиз монд. Илова бар ин, дастандаркорони бозиҳои сиёсии ҷаҳонӣ ва минтақавӣ аллакай даст ба кор шуда, бо ҳар роҳу васила дар фазои қаламрави ҷумҳурии тозаистиқлоли мо, ки бо шикасти империяи шӯравӣ ҳолати шокро аз сар мегузаронид, сенарияи бесарусомонӣ ва бетартибӣ (хаос) - ро дар шакли намоишномаҳои сиёсӣ коргардонӣ карда, ба ин восита низоми зиндагии муътадили мардумро аз байн burданд. Ба ин тариқ, дар манотиқи ҳассоси қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон тухми кинаю адоват кошта шуд ва дар ин замина даргириҳо ба вуқӯъ пайваст, ки дар ниҳоят вазъи мавҷуда торафт мураккабтар гардида, бовару эътиқоди мардум ба ояндаи неки ҷумҳурӣ тадриҷан аз байн рафта, халои фикрӣ ва фарҳангӣ дар манотиқи даргир ва баъдтар дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ ҳукмфармо гардид. Дар натиҷа, аз 5,5 миллион аҳолии кишвар, тибқи маълумоти расмӣ, зиёда аз 150 ҳазор нафар ҳалок гардиданд. Тақрибан ҳафтяки сокинон иҷборан тарки хонаю Ватан намуда, ба мамолики Афғонистон, Покистон, Россия ва дигар кишварҳои ИДМ паноҳанда шуданд. Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ зиёда аз панҷ сол идома ёфта, рушди Тоҷикистони тозаистиқлоли моро даҳсолаҳо боздошт ва ба иқтисодиёти кишвар зарари бузург расонд.

Бояд таъкид кард, ки бо ташаббуси Раҳбари хирадманду оқил муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз дар Иҷлосияи тақдирсози шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи таърихии халқи тоҷик муайян карда шуд, ки он ба бунёди ҷомеаи озод ва давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона асос ёфт. Вазифаи аввалиндараҷаи ҳукумати навтаъсис, (ки дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ интихоб шуда буд), хомӯш кардани оташи ҷанг, таъмин намудани сулҳу оромӣ дар мамлакат, оғози татбиқи барномаи барқарорсозии баъдиҷангӣ, ба Ватан баргардонидани гурезаҳо ва бо манзили зист таъмин намудани онҳо буд. Хушбахтона, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин вазифа ва рисолати таърихии хешро муваффақона иҷро намуданд.

Дар марҳилаи пасоҷангӣ роҳбарияти давлат ва Ҳукумати мамлакат барои бартараф кардани буҳрони шадиди иқтисодӣ ва таҳкиму тақвият бахшидани иқтидори истеҳсолӣ чораҳои зарурӣ андешида, ҷумҳурӣ ба масири рушду тараққиёт ворид гардид. Таҳлилҳо собит мекунанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо аз соли 2000-ум ба марҳилаи рушд ворид шуда, барномарезиҳои давлатӣ дар заминаи пешрафти иқтисоди миллӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум мунтазам роҳандозӣ гардид. Ҳамчунин, давлат дар заминаи фароҳам овардани низоми иқтисоди бозаргонӣ тавассути суръат бахшидани бунёдкорию созандагӣ, бахусус сохтмону таҷдиди инфрасохтори нақлиётӣ, энергетикӣ, иҷтимоӣ ва татбиқи ислоҳоти фарогир дар соҳаҳои гуногун иқдомоти заруририро рӯйи даст гирифт. Дар доираи ин иқдомот пули миллӣ ба унвони муқаддасоти миллӣ ба гардиш даромада, низоми муосири молиявию бонкӣ ташкил гардида, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти аксари созмонҳои бонуфузи иқтисодию молиявии ҷаҳонӣ пазируфта шуд.

Тибқи таҳлилу баррасиҳои ихтисосию оморӣ, дар 23 соли охир суръати рушди иқтисоди кишвар ба ҳисоби миёна ба 7,8 фоиз баробар шуда, даромади буҷети давлатӣ аз 300 миллион сомонӣ то зиёда аз 37 миллиард сомонӣ афзуд. Дар ин муддат сатҳи камбизоатӣ дар кишвар қариб се баробар - аз 83 дарсади охири соли 2000-ум то 22 дарсад коҳиш ёфт. Шумораи аҳолии мамлакат аз панҷуним миллион то 10 миллион нафар, яъне 1,8 баробар, афзоиш ёфта, дарозумрии миёнаи шаҳрвандон то 73,5 сол боло рафт. Дар давраи истиқлолияти давлатӣ барои бунёди манзилҳои истиқоматӣ ба зиёда аз як миллион хонавода, яъне бештар аз 7 миллион нафар, 129 ҳазор гектар замин ҷудо карда шуд ва ин раванд то имрӯз идома дорад.

Истиқлолияти давлатӣ имкон фароҳам овард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми иқтисодии аз ҷониби ҷомеаи мутамаддин пазируфташударо интихоб намуда, ба тарҳу роҳандозии барномарезиҳои иловагӣ дар заминаи рушди устувори ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат иқдом кард. Бо назардошти имконияти воқеии молиявӣ, андозаи ҳадди ақали музди меҳнат дар кишвар фақат дар даҳ соли охир 29 баробар ва музди миёнаи меҳнат қариб 28 баробар афзудааст. Аз давраи солҳои 1997 то имрӯз маблағи номиналии маош тақрибан 70 баробар ва андозаи миёнаи нафақа 85 баробар афзуд. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асоси «Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030», расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, аз ҷумла расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва гузаштан ба истифодаи самарабахши неруи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баромада, ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакатро дар авлавияти сиёсати давлатӣ қарор додаанд. Аз ҳама муҳим, Роҳбари мамлакат ба вуҷуд овардани шароити зиндагии шоиста барои шаҳрвандони кишварро ҳамчун ҳадафи олӣ ва стратегии давлат пайваста дунбол мекунанд.

Аз рӯзҳои аввали ба сари ҳокимият омадан масъалаи истиқлоли энергетикиро ба унвони ҳадафи стратегӣ қарор дода, дар ин самт талоши зиёд ба харҷ додаанд. Махсусан, тарҳи НБО «Роғун» ва роҳандозии лоиҳаи бузурги энергетикии аср бо ибтикори Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардиданд. Мо хуб дар ёд дорем, ки 29 -уми октябри соли 2016 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон савори булдозер тӯли беш аз якуним соат, яъне аз соати 10 то $11^{30}$ маҷрои дарёи Вахшро дигар карда, ба бунёди сарбанд, ки бояд баландии он 335 метр бошад, оғоз бахшиданд. Баъд аз ба нақбҳои обпарто равона кардани маҷрои дарёи Вахш бунёди сарбанди НБО «Роғун» мутобиқи нақша оғоз шуда, то кунун мунтазам идома дорад. Арзиши корҳои марбут ба бунёди ин сарбанд тақрибан ба 1,9 млрд. ва арзиши умумии НБО «Роғун» ба 3,9 млрд. доллари амрикоӣ баробар аст.

Бояд тазаккур дод, ки маҳз дар давраи аз назари молиявӣ ва иқтисодӣ ҳассос давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ кардани чор ҳадафи стратегӣ – таъмини амнияти озуқаворӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва саноатикунонии босуръати кишварро пайгирӣ намуда, муваффақ шуд.

Истиқлолияти давлатӣ шароите фароҳам овард, ки тибқи он, ҳар фарди ташаббускору созанда метавонад истеъдоду тавоноии хешро зоҳир карда, комёб гардад. Истиқлоли ҷомеа, пеш аз ҳама, аз истиқлол ё худ озодии конститутсионии фард иборат мебошад. Давлат тавассути қонунҳои амалкунанда истиқлоли фард, хонавода ва ҷомеаро дифоъ мекунад. Такмил ва ба кор даромадани механизмҳои дар Конститутсия ва дигар қонунҳо ҷойдошта аз ташаббус ва масъулияти тарафайн – шаҳрвандон ва сохторҳои давлатӣ сахт вобаста аст. Бо ташаббус ва раъйдиҳии шаҳрвандон арзишҳои замони соҳибистиқлолӣ ва ҳуқуқҳои ҳар як шаҳрванд устувор мешаванд.

Дар партави ҳамкориҳо бо созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид Президенти мамлакат аз оғози солҳои дуҳазорум бо ҷиддият масъалаи таъминоти аҳолиро бо оби тозаи ошомиданӣ ба миён гузошта, ҷараёни ҳамкорию шарикиро бо созмонҳои марбута вусъати тоза бахшид. Рӯйдоди муҳиме, ки дар таърихи ҳамкориҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Милали Муттаҳид ба вуқӯъ пайваст, ин аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфтани ибтикороти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои об мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути сиёсати пайгирона ва хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари ҳалли масъалаҳои дохилию сатҳи минтақавӣ, инчунин барои ҳалли масъалаҳои глобалӣ, бахусус масъалаҳои вобаста ба обу иқлим ва ҳифзи пиряхҳо, ҳанӯз аз оғози солҳои 2000 таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, пайваста ташаббусҳо пешниҳод менамояд.

Ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба масъалаи об бо роҳи осон не, балки дар асоси далелу мушоҳидаҳои амиқ ва илман асоснокшуда зоҳир гардида, барои рафъи мушкилоти инсоният нигаронида шудаанд.

**(Давомаш дар саҳ. 4)**

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ – ЗАМИНА ВА ДАСТОВАРДҲОИ МУҲИМИ ОН



**Равшан РАҶАБЗОДА,**
**раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**

**Дар баробари дигар ҷумҳуриҳои собиқи шӯравӣ баъди пош хӯрдани Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (ИҶШС), Ҷумҳурии Тоҷикистон 9-уми сентябри соли 1991 истиқлолияти давлатии хешро эълон намуда, ба давлати мустақил табдил гардид. Гузашта аз ин яке аз масъалаҳои муҳиме, ки соҳибихтиёрии пурра ва воқеии Тоҷикистонро бояд қонунӣ мегардонд, ин қабули Конститутсияи нави Тоҷикистон буд.**

Шӯрои Олии Тоҷикистон 24-уми августи соли 1990 дар сессияи дуюм даъвати дувоздаҳум Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии (ҶШС) Тоҷикистонро қабул намуд. Ҳангоми қабул намудани ин ҳуҷҷати муҳим Тоҷикистон ба ҳайати ИҶШС дохил мешуд. Эъломияи истиқлолияти ҶШС Тоҷикистон заминаи устувори ҳуқуқии истиқлолияти давлатӣ ва қадами аввалин оид ба тайёр намудани лоиҳаи нави Конститутсияи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Лозим ба ёдоварист, ки пас аз ба даст овардани соҳибихтиёрии давлатӣ яке аз бузургтарин дастоварди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар ин ҷода Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки «Конститутсия нишонаи нахустин ва муҳимтарини соҳибистиқлолии давлат буда, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ, созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва давлатҳои дигар эътироф гардидани соҳибихтиёрии он аз ҳамин ҳуҷҷати тақдирсоз сарчашма мегирад».

Бояд қайд кард, ки қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ дар миқёси давлатҳои пасошӯравӣ яке аз таҷрибаи аввалин буда, он дар шумори даҳ Конститутсияи беҳтарини дунё шомил мешавад.

Аҳамияти таърихии Конститутсия дар он аст, ки ин ҳуҷҷати сиёсӣ ва ҳуқуқӣ арзишҳои олии халқи тоҷикро дар худ таҷассум намуда, суннатҳои таърихии давлатдорӣ ва ғояҳои инсондӯстонаи миллати фарҳангсолори моро инъикос кардааст ва таъмини адолати иҷтимоӣ, волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқиро яке аз мақсадҳои асосии фаъолияти тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ муайян намудааст.

Маҳз, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 ташаккули Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муайян гардида, заминаҳои ҳуқуқии барпо намудани давлатдорӣ таҳким ёфт.

Дастоварди дигари муҳими Истиқлолияти давлатӣ ин – Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба шумор меравад. Созишномаи мазкур 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия ба имзо расидааст. Созишномаи аслӣ аз 4 саҳифа иборат буда, ба он зиёда аз 30 созишномаи дигар, ки дар тӯли то соли 1997 омода шудаанд, замима гардидааст.

Созишномаи мазкур аз 4 бахши асосӣ иборат мебошад: бахши ҳуқуқӣ (самти қонунгузории мамлакат), бахши низомӣ (масъалаҳои низомӣ), бахши муҳоҷирин (масъалаҳои гурезаҳо) ва бахши сиёсӣ (масъалаҳои намояндагии мухолифин дар мақомоти давлатӣ, парламенти касбӣ ва ғ).

Истиқлолияти давлатӣ аз ваҳдати миллӣ вобастагии қавӣ дорад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми шодбошиашон ба муносибати Рӯзи Ваҳдати миллӣ иброз доштаанд: «Таъмин намудани сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, ки аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии мамлакат сарчашма мегирад, барои қатъи мухолифати мусаллаҳона ва ҷангу хунрезӣ, сарҷамъии миллати тоҷик, ба Ватан баргардонидани гурезаҳо, бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ташаккули низоми ҳуқуқии адолатпеша асоси мустаҳкам гузошт».

Ҳуҷҷатҳои қабулшуда дар бахши ҳуқуқӣ, хусусан самти қонунгузорӣ, ки дар созишномаи зикршуда таҷассум ёфтааст, ҳамчун асоси боэътимоди минбаъдаи рушди қонунгузории мамлакат саҳми босазо гузоштааст.

Дар ин росто, ба хотири таҳкими сулҳу ваҳдат, таъмини риояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, густариши равандҳои демократӣ, таъмини рушди устувору бомароми соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, барои мустаҳкам намудани пояҳои давлатдорӣ, таҳия ва қабули қонунҳо дар асоси ислоҳоти конститутсионӣ аз соли 2000 парламенти касбӣ таъсис дода шуда, то имрӯз фаъолияти босамар дорад.

Барои рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи дастоварди муҳими давлатӣ ин воқеан ҳам, тасдиқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати панҷум ба шумор меравад. Стратегияи навбатӣ чор ҳадафи сифатиро барои давлати мо бо фарогирии 15 сол дар бар мегирад: расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ; аз бунбасти коммуникатсионӣ баромада, ба кишвари транзитӣ табдил ёфтан; таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат ва саноатикунонии босуръати Тоҷикистон.

Ҳамчунин, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» ва «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025»-ро, ки марҳилаи якум ва дуюми татбиқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ба ҳисоб меравад, тасдиқ намуд.

Аз ин рӯ, қайд кардан мувофиқи мақсад аст, ки дар ҷомеаи мутамаддини муосир қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун василаи танзимкунандаи ҳамаи паҳлуҳои ҳаёти ҷомеа нақш ва мавқеи бебаҳс дорад, зеро инкишофу пешрафти ҷомеа фақат бо роҳи танзими қонунӣ ва одилонаи муносибатҳои ҷамъиятӣ имконпазир аст. Дақиқ муайян намудани зарурати таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, муқоисаи онҳо бо қонунҳои амалкунанда, омӯзиш ва муайян намудани мувофиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшаванда ба талаботи замон ва ҷомеа, инчунин, аз нигоҳи илмӣ асоснок намудани онҳо имкониятҳои зиёд доранд ва бояд аз он ҳар ҷӣ бештар ва самаранок истифода карда шавад.

Ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ муваффақияти бузург ва дар навбати худ ифтихори ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон мебошад. Маҳз, дар даврони соҳибистиқлолӣ ва тахти сиёсати созандаю бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Тоҷикистон ба эъмори ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд оғоз намуда, дар ин давра ба муваффақиятҳои бузург дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла энергетика, ноил гардид, ки ин ҳам яке аз дастоварди муҳими истиқлолияти давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ҳадафи стратегии халқу давлати Тоҷикистон эълон гардида, бо татбиқи пайгиронаи ин ҳадафи олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи нави рушду тараққиёт ворид гашт. Бо талошҳои хастанопазири роҳбарияти давлат ва миллати тоҷик ду агрегати Неругоҳи барқи обии «Роғун»-иншооти тақдирсози аср, ба кор дароварда шуд, ки самараи арзишманди истиқлолияти давлатӣ ва қадами устувор дар роҳи таҳкими ҳадафи стратегии Тоҷикистон ба шумор меравад. Ин неругоҳ аҳамияти на танҳо ҷумҳуриявӣ, балки минтақавӣ низ дорад. Бояд қайд кард, ки 16-уми ноябри соли 2018 агрегати нахустини Неругоҳи барқи обии «Роғун», ки тамоми сокинони мамлакат ин рӯзи фаромӯшнопазири таърихиро солҳо боз интизор буданд, ба кор дароварда шуд. Ҳамон рӯз хатти баландшиддати интиқоли барқи 500 кВ-и «Душанбе-Роғун» ва дастгоҳи тақсимкунандаи пӯшидаи элегазии Неругоҳи барқи обии «Роғун» бо 19 дастгоҳи элегазии 500 кВ ва 4 дастгоҳи элегазии 220 кВ ба истифода дода шуд. Баъди ба истифода додани агрегати якуми Неругоҳи барқи обии «Роғун» вақти зиёд нагузаштааст ва аллакай, то имрӯз дар неругоҳ бештар аз 570 миллион киловатт-соат неруи барқ истеҳсол гардида, ба низоми энергетикии Тоҷикистон интиқол дода шудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки дуюмин агрегати Неругоҳи барқи обии «Роғун» 9-уми сентябри соли 2019 ба истифода дода шудааст. Таърих бори дигар собит намуд, ки миллати тоҷик тафаккури созанда ва қудрати ободгарона дорад, маҳз ҳамин рӯзи соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон Истиқлолияти давлатии худро эълон кардааст. Баъди гузашти давраи кӯтоҳи таърихӣ кишвари мо аз ҳар ҷиҳат ба як мамлакати мутараққӣ ва пешқадаму ташаббускор дар арсаи олам шинохта шуд. Муҳимтар аз ҳама, Тоҷикистон дар ин рӯз, яъне 9 сентябр боз шоҳиди ду саҳнаи пуршукӯҳу фаромӯшнопазири таърихӣ гардид. Таърих дар пешорӯи миллати сулҳхоҳу ободгари тоҷик имтиҳони ҷиддиро гузошта, исбот намуд, ки ин миллат бо муттаҳидӣ, рафоқат, ҳисси баланди ватандӯстӣ, ақлу заковат ва ояндanигарӣ метавонад тамоми мушкилу монеаро паси сар намояд ва дар роҳи интихобнамудааш муваффақ шавад. Маврид ба зикр аст, ки Неругоҳи барқи обии «Роғун» пуриқтидортарин иншооти силсилаи неругоҳҳои рӯди Вахш, аз 6 агрегат иборат аст, ки тавоноии ҳар кадоми онҳо 600 мегаваттро ташкил медиҳанд. Неругоҳи барқи обии «Роғун» бо иқтидори 3600 мегаватт (беш аз 17 миллиард киловатт-соат) калонтарин неругоҳи барқи обӣ дар минтақа хоҳад буд. Воқеан, Неругоҳи барқи обии «Роғун» муҳаррики рушди иқтисоди миллӣ ва иншооти бузурги аср аст, ки дар татбиқи ҳадафҳои стратегии мамлакат заминаҳои устувор мегузорад.

Дар фарҷом бояд қайд кард, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳояшон ҳамеша таъкид менамоянд, ки «ба даст овардани истиқлолият кори бисёр душвору заҳматталаб мебошад, вале ҳимояи пирӯзӣ ва дастовардҳои истиқлолият кори аз он ҳам душвортару пурмасъулият аст».

Аз ин рӯ, вазифаи муҳимтарин ва асосии ҳар давлат дар шароити муосири ҷаҳони имрӯза ҳифзи истиқлолияти давлатӣ мебошад. Ҳифзи Истиқлолияти давлатӣ дар меҳвари асосии фаъолияти сиёсӣ ва ҳуқуқии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми ҷараёни давлатсозӣ ва давлатдории навини тоҷикон қарор дорад.

# РЕШАҲОИ ДӮСТИИ ТОҶИКУ ӮЗБЕК БА ДУРИҲОИ ТАЪРИХ МЕРАСАД

**Тоҷикону ӯзбекҳо аз давраҳои қадим бо ҳам паҳлуи якдигар дӯстона зиндагӣ мекунанд. Фарҳанги муштарак, умумият ва таомулҳои динӣ, маросиму анъанаҳо, урфу одат, тарзи зист ин ду халқро ба ҳам пайваст намудаанд. Решаҳои дӯстии тоҷику ӯзбек ба дуриҳои таърих рафта мерасад. Агар ин дӯстиро ба қасри муҳташам монанд кунем, ба қавли устод Мирсаид Миршакар: «Ба ин қасри дӯстӣ устодони сухан Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ асос гузоштаанд». Имрӯз ин қасри бузург боз ҳам симои пурҷилотарро гирифтааст.**

Ба истиқлолияти давлатӣ соҳиб гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон марҳилаи сифатан нав дар робитаҳои ҳамдигарии ин ду кишвари ҳамҷавор гардида, аз рӯзҳои аввал ҳар ду давлат истиқлолияти давлатии якдигарро эътироф намуданд. Муносибатҳои расмии дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон 22-юми октябри соли 1992 барқарор гашта, дар пойтахтҳои ҳар ду давлат – шаҳрҳои Душанбе ва Тошканд сафоратхонаҳо ифтитоҳ ёфтанд. Солҳои аввали соҳибистиқлолӣ давраи мушкил барои ҷумҳуриҳои соҳибистиқлол буд. Махсусан, Тоҷикистон ба мушкилоти вазнини сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дучор гардида, дар кишвар муқовиматҳо ва ҷанги шаҳрвандӣ ба вуқӯъ омад, вале бо барқарор шудани сулҳу оромӣ мамлакати мо таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари ҳалли мушкилоти дохилӣ, сиёсати дурандешонаи хориҷиро пеш гирифта, саъю талошро барои барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ ва робитаҳои дӯстона бо давлатҳои дигар равона кард.



Неъматулло ХОЛБОЙЗОДА, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Соли 1998 вохӯриҳои сатҳи олӣ миёни роҳбарони ҳар ду давлати ҳамсоя баргузор гаштанд, ки ба тақвияти робитаҳои байнидавлатии Тоҷикистону Ӯзбекистон мусоидат кард. Чоруми январи ҳамон сол бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов Сарвари давлатамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Тошканд сафари расмӣ анҷом доданд. Дар доираи сафар шартномаҳои байниҳукуматӣ доир ба ҳамкориҳо дар соҳаҳои иқтисодӣ, тандурустӣ, илм, техника, иттилоот, фарҳанг ва соҳаҳои гуманитарӣ ба имзо расиданд. Баъдан, миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон боз якчанд шартнома дар бораи ҳамкорӣ дар самтҳои гуногун ба имзо расиданд. Аҳдномаи дӯстии абадӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 15 - уми июни соли 2000 ба имзо расид.

Аз моҳи сентябри соли 2016 робитаи ду давлати ҳамсоя ба марҳилаи сифатан нав ворид гардид. Байни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев чор маротиба вохӯрӣ, инчунин дар сатҳи олӣ чандин суҳбати телефонӣ сурат гирифт. Сипас, мулоқоту вохӯриҳои зиёди байниҳукуматӣ доир ба масъалаҳои муҳими ҳамкориҳо баррасӣ гардиданд. Бо ташаббуси сарварони ҳар ду давлат 17 гузаргоҳи сарҳадӣ кушода шуд. Роҳҳои ҳавоӣ боз гардида, дар хатсайрҳои Душанбе - Тошканд, Душанбе - Самарқанд, Душанбе - Бухоро парвози ҳавопаймоҳо ба роҳ монда шуд. Дар идомаи ин иқдомот хатсайрҳои нақлиёти автомобилии Панҷакент - Самарқанд, Хуҷанд -Тошканд, Душанбе - Деҳнав, Душанбе - Самарқанд ва Душанбе - Бухоро ифтитоҳ ёфт. Дар натиҷа, дӯстию ҳамсоягӣ ва ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ тақвият ёфтанд.

Бо идома ёфтани саъю талошҳои сарварони ду давлати ҳамсоя муносибатҳои байни ҳар ду давлат куллан тағйир ёфта, ба маҷрои созанда ва барои тарафҳо манфиатовар ворид гардид. Иқдомҳо ва талошҳои шоистаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев дар самти эҳёи муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, ҳусну тафоҳуми ҳамҷаворӣ, дӯстию бародарӣ мардуми ҳар ду кишварро хурсанд карда, ба ояндаи нек раҳнамун сохт. Дар арафаи Ҷашни байналмилалии Наврӯз (9-10-уми марти соли 2018) Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистон ташриф овард. Ин сафари расмии давлатии роҳбари олии кишвари ҳамсоя - Шавкат Мирзиёев, ки дар тӯли 26 соли истиқлолияти давлатии Тоҷикистон бори нахуст ба амал омад, натиҷаи иродаи нек, дурандешӣ ва хиради волои сарварони ҳар ду давлат ба ҳисоб меравад.

Дар ҷараёни ин сафар байни Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 санади ҳамкорӣ ба имзо расид, ки дар натиҷа бисёр масъалаҳое, ки барои муътадил ба роҳ мондани муносибатҳои дӯстонаю бародарона ва ҳамсоягӣ садди роҳ мешуданд, аз миён бардошта шуда, рафтуомади шаҳрвандони ду кишвар ба назди хешу ақрабои худ ва тиҷорат хеле содаю осон гардид.

Чунин рӯйдодҳои фараҳбахш, ки ба шарофати истиқлолияти давлатӣ ва саъю талоши роҳбарони хирадманди Тоҷикистону Ӯзбекистон ба вуқӯъ пайвастанд, муносибатҳои хешу таборӣ ва дӯстию ҳамсоягии қаринро эҳё карда рушд дод. Ин хизмати шоистаю арзанда ва мондагори сарварони некнияти ҳар ду давлат дар таърих бо ҳарфҳои заррин сабт шудаанд. Зимни яке аз мулоқотҳои дӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев Сарвари давлатамон иброз намуданд, ки: «Мардумони моро суннатҳои бисёрасраи дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва эҳтироми ҷонибайн муттаҳид месозанд. Ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон яке аз афзалиятҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Тасмимоти имрӯзаи мо бар заминаи музокироти суратгиранда аз бисёр ҷиҳат хислати таърихӣ дошта, такон бахш мебошанд. Онҳо барои марҳила ба марҳила боло бурдани муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон ба сатҳи сифатан нав асосу заминаи боэътимодро фароҳам меоваранд».

Вақте сухан дар бораи халқҳои тоҷику ӯзбек меравад, бисёриҳо ибораҳои «дӯст», «бародар», «хешу табор», «ҳамсояи наздик»-ро истифода мебаранд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26-уми декабри соли 2018) қайд карданд: «Ҳалли масъалаҳои дар тӯли зиёда аз ду даҳсола бавуҷудомадаи сиёсиву иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон рӯйдоди сеюми таърихӣ дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва маънавии мардум мебошад… Хурсандибахш аст, ки баъди ба ҳайси Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон интихоб шудани муҳтарам Мирзиёев Шавкат Мирамонович дар раванди рушди шарикии гуногунҷанбаи минтақавӣ тамоюлҳои мусбат вусъат гирифта, ғояи он мазмуну муҳтавои нави амалӣ касб мекунад.».

Мо, ки дар арафаи ҷашни пурифтихори миллиамон – Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорем, таъкиди ин нукта зарур аст, ки эҳё ва таҳкими равобиту ҳамкориҳо миёни ҳар ду халқи бародар аз дастовардҳои бузурги соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад.

# ТАРОНАИ САРНАВИШТ



Низом ҚОСИМ,
Шоири халқии Тоҷикистон

**Аз дурдасти ормони мо расидӣ,
Чун ормони халқи мо зебо расидӣ.
Додӣ ба мо дунё, чу як дунё расидӣ,
Ҳамчун давоми бахт, чун фардо расидӣ.**

**Моро ҳумои тозаболи бахт – Истиқлол,
Пайки ҷаҳони безаволи бахт – Истиқлол.**

**То раҳ ба сӯи бахти худ пайдо кунад миллат,
Раҳбар расиду раҳнамо аз ҷодаи қисмат.
Бахти накӯи халқро бинвишт дар сархат,
Давлат зи миллат муҳтарам шуд, миллат аз давлат.**

**Бо Пешво дидем мо рӯи накӯи бахт,
Бо Пешво пеши раҳи мо вост сӯи бахт.**

**Олам кушоду олами мо тангнои туст,
Пурнур умре ахтари мо дар самои туст.
Чизе туро дода Худо, гар аз барои мост,
Чизе Худо додаст моро, аз барои туст.**

**Як сарзамини чун биҳиштӣ, Тоҷикистон,
Моро сариву сарнавиштӣ, Тоҷикистон!**

# ИСТИҚЛОЛИЯТ – ОМИЛИ САРҶАМЪӢ, МУТТАҲИДӢ ВА ХУДШИНОСИИ ТОҶИКОН

**Беҳтарин ва арзишмандтарин дастовард, ки армони ҳазорсолаи халқи тоҷик буд ва хушбахтона, ҷомаи амал пӯшид, истиқлолияти давлатӣ мебошад. Маҳз, дар заминаи истиқлолият мондагории миллати тоҷик дар саҳифаҳои ояндаи таърих ҷилваи тоза хоҳад гирифт. Имрӯзҳо сокинони мамлакат бо эҳсоси фараҳу шодмонӣ ва ифтихори ватандорӣ ҷашни бузургу таърихии миллат - 32-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷашн мегиранд.**

9-уми сентябри соли 1991 дар таърихи халқи тоҷик ва тамоми тоҷикистониён гардиши куллӣ ба вуҷуд омад. Дар харитаи сиёсии дунё давлати мустақилу соҳибихтиёри Тоҷикистон арзи ҳастӣ намуд ва аз оғози марҳилаи наву созанда дар ҳаёти мардуми кишвар башорат дод. Ин санаи таърихӣ барои миллати тоҷик на танҳо ҳамчун рӯзи истиқлолияти давлатӣ, балки ҳамчун санаи барқарорсозии адолати таърихӣ маҳсуб меёбад.



Абдураҳмон АЛАМШОЗОДА,
муовини якуми вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
генерал-лейтенанти милитсия

Ташаккули давлатдории миллӣ ва эҳёи арзишҳои таърихию фарҳангии миллати куҳанбунёду тамаддунофари тоҷик яке аз пурарзиштарин дастовардҳои даврони расидани Тоҷикистон барои мо як ҷашни ҳамасолаи муқаррарӣ ё варақгардонии одии тақвим нест, балки рӯзи шукронаи мо аз тақдир ва бори дигар пеши назар овардани бурдубохтҳои гузашта, таҳлилу қиёси ҳаёти имрӯза ва тарҳрезӣ намудани дурнамои рӯзгори ояндаамон мебошад».

Ҳанӯз дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ вазъи ноустувори ҷамъиятию сиёсӣ ба пойдорию мустақилияти давлату миллат халал эҷод мекард, зеро қувваҳои сиёсӣ ва мухолифини Ҳукумати конститутсионӣ, ки соҳибистиқлолии Тоҷикистонро намехостанд, бо дастгирии зархаридони хориҷӣ талош доштанд кишварро боз ба гирдоби ҷангу ошӯб кашонида, ҳадафҳои сиёсии худро амалӣ намоянд.

Дар он давру шароити ниҳоят вазнин ва ҳассос дар ҷомеа қувваҳои сиёсӣ ва шахсони алоҳидае зуҳур карданд, ки рисолати таърихӣ ва масъулияти ватандориро нодида гирифта, ҳадафҳои худхоҳонаю ғаразноки худро аз манфиатҳои миллию давлатӣ афзал донистанд ва Тоҷикистонро ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ ва муноқишаҳои дохилию мазҳабӣ ва маҳаллӣ кашиданд.

Устуворию матонат, оқилию соҳибхирадӣ ва фарҳанги баланди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имкон дод ва шароит фароҳам овард, ки дар давоми солҳои 1995-1997 музокироти сулҳи тоҷикон ба имзо расад.

Имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоии мардуми кишвар собит намуд, ки дар замони душвору нигаронкунанда ва мубориза и геополитикӣ дипломатияи Роҳбари давлати тоҷикон тавонист мушкилоти ба сари миллатомадаро бартараф намояд.

Нақш ва хизмати бузургу таърихии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он зоҳир гардид, ки оташи ҷанги шаҳрвандӣ хомӯш гардида, фирориён ба Ватан баргардонида шуда, барои мардуми кишвар заминаи умед ба фардои дурахшон, кору фаъолият ва зиндагии шоиста гузошта шуд.

Истиқлолияти давлатӣ, ҳамчун рамзи ватану ватандорӣ, ифтихор аз таъриху фарҳанги оламгир дар назди роҳбарияти давлат ва Ҳукумати мамлакат ва ба дӯши миллати тамаддунофари тоҷик вазифаҳои басо бузургу муҳимро вогузор намуд. Барои давлати мустақилу ҷавони Тоҷикистон замоне фаро расид, ки мебоист бе дахолати дигарон ва таъсиррасонии қувваҳои беруна пойдорию устуворӣ ва бақои давлатро таъмин, ҳувияту асолати миллатро эҳё ва ормонҳои ҳазорсолаи худро пиёда созад.

Баъди ба даст овардани истиқлолият, яке аз хизматҳои арзандае, ки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷодаи муаррифӣ кардани Тоҷикистони соҳибистиқлол пеша карданд, ин ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва робитаҳои дипломатӣ бо кишварҳои хориҷӣ буд.

Дар баробари робитаҳои дипломатӣ, ҳамчунин, ба ҳамкорӣ ва робитаҳои иқтисодӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд. Густариши робитаҳои берунии кишварамон бо давлатҳои хориҷӣ барои бунёди корхонаҳои саноатӣ заминаи боэътимод гузошт ва дар даврони истиқлолият зиёда аз 500 корхонаи муштарак ташкил ёфт, ки онҳо дар рушди иқтисоди миллӣ саҳми назаррас доранд.

Ҳамкорӣ бо кишварҳои бузурги олам чун Федератсияи Россия, Чин, Ҳиндустон, Фаронса, ИМА ва дигар давлатҳо рӯ ба инкишоф ниҳода, даҳҳо корхонаҳои муштарак, ки дар заминаи ин робитаҳо ба миён омадаанд, бори дигар аз мавқеи босазои Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ дарак медиҳанд. Маҳз, чунин иқдом буд, ки Сарвари давлат Тоҷикистонро ҳамчун як кишвари демократию дунявӣ, сулҳпарвар ва созандаю рушдёбанда дар ҷаҳон муаррифӣ карданд.

Таъкид намудан бамаврид аст, ки баргузории вохӯрии сарони кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аъзои Иттиҳоди иқтисодии Осиёи Марказӣ ва Саммити сарони кишварҳои форуми Шанхай, Форуми тоҷикони ҷаҳон ва даҳҳо чорабиниҳои дигар гувоҳи он буд, ки нуфузи байналмилалии Тоҷикистон сол аз сол тадриҷан меафзояд.

Роҳбарони давлатҳо ва ҷомеаи ҷаҳон Эмомалӣ Раҳмонро на танҳо ҳамчун Президент ва Сарвари давлат, ҳамзамон шахси сулҳофару ташаббускор, созандаю бунёдкор, оқилу соҳибхирад, пешбин ва нафаре, ки ба тақдири сайёра ва аҳолӣ таваҷҷуҳи хоса дорад, хуб мешиносанд.

Ин ҷо нуктаи назари якчанд нафар сиёсатмадори шинохтаро овардан кифоя аст, ки то чӣ андоза ба мавқеъ ва мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳогузорӣ кардаанд. Аз ҷумла, Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин мегӯяд: «Эмомалӣ Раҳмон дар байни сиёсатмадорони ИДМ яке аз ҷойҳои асосиро ишғол мекунад ва ин тасодуфӣ нест. Тамоми талошҳои ӯ баёнгари он аст, ки Тоҷикистон раванди сулҳеро мегузарад, ки амсоли он дар дигар кишварҳо вуҷуд надорад, дар кишварҳое, ки гирифтори муборизаи шадиданд. Он чизе, ки дар Тоҷикистон мегузарад, барои тамоми мардумону кишварҳо намунаи хубест».

Собиқ Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Кофи Аннан чунин иброз доштааст: «Тоҷикистон барои бисёр мамлакатҳои дигар дар ҳалли ихтилофҳои дохилӣ сабақи беназир дод. Фикр мекунам, ки ин саҳми Тоҷикистон дар таърихи эҷоди сулҳ мебошад. Президенти Тоҷикистон намунаи ибрати аз зӯроварӣ даст кашидан ва ҳалли зиддияти дохилии миллиро нишон дод».

Дар ин радиф, собиқ Президенти Сенегал Абдулло Вад хушбахтии миллат ва қавму халқиятҳои Тоҷикистонро дар доштани чунин сарваре, ба мисли Эмомалӣ Раҳмон, арзёбӣ намуда, гуфтааст: «Тоҷикон халқи хушбахтанд, зеро Парвардигор ба онҳо марди оқил ва дурандешро ба ҳайси Сарвар ва пуштибон додааст. Таҷрибаи сулҳофарии ӯ дар таърихи инсоният нодир аст».

Иқдому ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи соли 2003 «Соли оби тоза» ва солҳои 2005 - 2015-ро Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об-барои ҳаёт», инчунин солҳои 2018-2028-ро Даҳсолаи байналмилалии амал «Об-барои рушди устувор» эълон намудан ва қабул гардидани эъломияи махсуси Созмони Милали Муттаҳид дар ин хусус, ҳамзамон ташаббуси панҷумини Сарвари давлати тоҷикон - таъсиси Фонди байналмилалии таҳқиқу омӯзиш ва ҳифзи пиряххо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби аксари кишварҳои ҷаҳон дастгирӣ ёфт, ки ин далели равшани афзудани эътибори давлат ва Сарвари давлати тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар атрофи болоравии ҳарорати ҳаво ва пайомади он, ҳамзамон пешниҳоди коҳиш додани газҳои гулхонаӣ ва ҳифзи муҳити зист, ки барои наслҳои оянда ва идомаи соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад, ки бо сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон робитаи ногусастанӣ дорад.

Се омили асосӣ дар ҳаёти давлатдорӣ ва ба як давлати воҳиду мутараққӣ табдил ёфтани Тоҷикистон - ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистонро бе ранҷу заҳмати шабонарӯзӣ, талошу кӯшиши пайваста ва саҳми беандозаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Давлатдории тоҷикон дар давраи Сомониён намунаи барҷастаи идоракунӣ ва инкишофи самтҳои гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ эътироф карда шудааст. Маҳз, ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ барои тоҷикон ин фаро расидани адолати таърихӣ мебошад.

Маҳз, дар натиҷаи талошу кӯшиш ва заҳмати пайвастаи фарзанди фарзонаи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оташи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон хомӯш гардида, ҳазорҳо ҳамдиёрони бо амри тақдир фироригашта ба Ватани хеш баргаштанд. Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон амалӣ гашт ва мамлакат ба марҳилаи нави таърихӣ ворид шуд.

Воқеан, дар он шароити фоҷиабор фарзандони огоҳи миллат тасмим гирифтанд, ки барои ҳар чӣ зудтар хомӯш кардани оташи ҷанг, қатъи хунрезӣ, барқарорсозии сулҳу оромӣ, таъмин намудани тартиботи ҷамъиятӣ ва волоияти қонун иҷлосияи Шӯрои Олӣ – ягона мақоми дар он рӯзҳо салоҳиятдоштаи давлатӣ даъват карда шавад. Дар чунин лаҳзаи душвор барои Тоҷикистон роҳбаре лозим буд, ки воқеан, андешаҳои миллӣ дошта бошад ва барои ҳимояи истиқлолияту истиқрори сулҳу ваҳдат ҷони худро дареғ надорад. Шахсе лозим буд, ки манфиатҳои миллатаашро аз манфиатҳои қавму маҳаллу минтақа болотар донад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали ба арсаи сиёсат ворид шудан фаъолияти пурсамари худро бо назардошти манфиатҳои давлату миллат оғоз намуданд. Дар он шабу рӯзҳо, ки тақдиру сарнавишти миллат ва ояндаи давлати тоҷикон ҳал мегардид, маҳз бо ҷасорату истеъдоди фавқулодаи Сарвари давлат миёни неруҳои муқобил сулҳу созиш ба амал омад.

Истиқлолияти давлатӣ, ин ифтихор аз соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду бофарҳанги тоҷик мебошад, ки тақдирашро ба дасти худ гирифта, ба ҷомеаи мутамаддини ҷаҳонӣ бо роҳу равиш ва симои хоса пайваст.

Дарвоқеъ, вақте дар бораи давлат ва давлатдорӣ сухан меронем, таъкидҳои ҳамарӯзаи Пешвои миллат дар бораи шукрона аз ин давлату Ватани азизу маҳбуб кардан ба ёд меоянд, чунон ки медонем, имрӯз дар ҷаҳон 67 миллат ва халқияти дунё, давлат надоранд.

Ниёкони барӯманди мо барои истиқлолият, ободию эҳёи ин сарзамини биҳиштӣ талошҳои зиёд кардаанд. Баъд аз фурӯпошии давлати бузурги Сомониён дар тӯли ҳазор соли охир миллати тоҷик бори дуюм мустақилияти худро ба даст оварда, ба ҷашни худшиносӣ, тантанаи дӯстӣ, ваҳдату муттаҳидӣ ва созандагию бунёдкорӣ табдил ёфта, мардумро бо азми дурусту саъйи комил, сӯи комёбиҳои нави меҳнатӣ ҳидоят намуд.

Миллати тоҷик ва халқиятҳои кишварамон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои соҳибистиқлолӣ роҳи бузурги созандагию бунёдкориро тай намуда, ба дастовардҳои бузург ноил гардиданд.

Сарвари давлат асноси суханрониашон дар яке аз ҷаласаҳои тантанавӣ бо ишора ба касби истиқлолият ва ҳифзи дастовардҳои он чунин иброз доштанд: «Таҷлили санаи ба истиқлол ҳаёт дар сайёра ногузир аст, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳон ҷонибдорӣ ёфта, як қатор кишварҳои ҷаҳон барои истеҳсоли неруи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза тадбирҳои судманд андешида истодаанд.

Робитаҳои гуногунсоҳаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои ҳамсоя ва дур, созмон ва ташкилотҳои байналмилалӣ сол аз сол густариш меёбанд. Дар ин самт густариши муносибатҳои дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ бо кишварҳои аъзои ИДМ ҳамчун яке аз афзалиятҳои устувори сиёсати хориҷии Тоҷикистон мебошад.

Истиқлолияти давлатӣ ҳар давлатро ба осонӣ муяссар намегардад. Тоҷикистон низ то расидан ба ин рӯз монеа, мушкилиҳои зиёдро паси сар кард. Ақл, хирад ва андешаю афкори созандаи фарзандони фарзонаи миллат боис шуд, ки таҳти роҳбарии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистон ваҳдату ягонагӣ, ҳамдилӣ оқибат тантана намояд.

Муҳимтар аз ҳама, ваҳдату муттаҳидӣ ва сарҷамъии сокинони Тоҷикистон таъмин гардид. Дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон роҳҳои нақлиётгарди замонавӣ бунёд шуда, сокинони шаҳру ноҳия ва вилоятҳои кишварамон бе мушкилӣ ба Хатлону Бадахшон, Суғду Рашт ва Ҳисору Зарафшон сафар мекунанд.

Барои пос доштани хотири шахсиятҳои таърихӣ, фарзандони шинохтаи диёр ва қадршиносии онҳо дар даврони истиқлолияти давлатӣ 1100 - солагии давлати Сомониён таҷлил гардида, муҷассамаи шоҳ Исмоили Сомонӣ дар маркази шаҳри Душанбе гузошта шуд.

Ҳамзамон, дар ин давра таҷлили 2500 - солагии шаҳри Истаравшан, 2700 - солагии шаҳри Кӯлоб, 3000 - солагии Ҳисори шодмон ва 5500 - солагии Саразми бостонӣ, бузургдошти шоирону адибони тоҷик, аз ҷумла 1150 - солагии Сардафтари адабиёти классикии тоҷику форс Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 1310 - солагии бузургдошти саромади мазҳаби ҳанафиёни олам Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит, инчунин Мир Сайд Алии Ҳамадонӣ, Камоли Хуҷандӣ, Нақибхон Туғрал, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум ва дигарон, эҳёи «Шашмақом» ва «Фалак» ботантана ҷашн гирифта шуданд. Ин шаҳодати арҷгузории роҳбарияти давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ба аҳли адаб ва илму фарҳанг мебошад.

Ба андешаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Ҳар касе, ки ниҳоле сабзонида бошад, медонад дарахт соле як маротиба ҳосил медиҳад. Аммо ниҳоле низ ҳаст, ки ҳамеша меваи ширин ба бор меорад. Мо меваи ширину сабзонидаамонро чашидем, ҷомеаи мо аз он баҳравар гардид, мо ҳаргиз роҳ намедиҳем, ки дигар теша ба решаи он расад».

Ин ниҳол ниҳоли истиқлолият аст, ки коми моро бо меваҳои шаҳдбораш ширин карда, дар вуҷуду сиришти мо афкору андешаи ободкорию созандагӣ, талош барои расидан ба зиндагии шоиста ва фардои дурахшонро ҷой мекунад.

Сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моро вазифадор менамояд, ки барои амалӣ гардидани ҳадафҳои давлату Ҳукумат тамоми қудрат, тавоноӣ ва донишу таҷрибаамонро ба кор барем.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мегӯянд: «Бузургтарин сарват, қиматтарин гавҳар ва азизтарин неъмат барои ман халқи Тоҷикистони маҳбубам, обу хоки Ватани биҳиштосоям ва иззату обрӯи давлати соҳибихтиёру озодам дар байни ҷомеаи ҷаҳон мебошад. Мо бояд минбаъд низ сарҷамъ ва муттаҳид бошем, неъмати қиматтарини зиндагиамон – истиқлолиятро ҳимоя карда, дастоварди бузургтарини даврони истиқлолият – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро боз ҳам таҳкиму тақвият бахшем».

# СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ - САФҲАИ ТИЛЛОИИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

**(Идома аз саҳ. 3)**

Маҳз, дар асоси ин иқдомот бонуфузтарин созмони ҷаҳонӣ – Созмони Милали Муттаҳид оид ба рафъи мушкилоти об танҳо давоми 20 соли охир панҷ қатънома қабул намуд, ки нишонаи баланди эътирофу эҳтиром ва далели раднопазиру мавқеи устувори Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ собит мекунад. Илова бар ин, бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беҳтар намудани сифати оби ошомиданӣ, ки дар идора, истифода ва ҳифзи захираҳои об афзалияти аввалиндараҷа дорад, инчунин, дигар масъалаҳои марбут ба обу иқлим ва ҳифзи пиряхҳоро ба рӯзномаи нави ҷаҳонии рушд ворид намудаанд, ки яке аз дастовардҳои муҳими чанд соли охири ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, дар таърихи рушди инсоният саҳифаи наверо зам хоҳад намуд.

Мақсад аз зикри ин нуктаҳои муҳим, равшан шудани моҳияти ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба масъалаҳои марбут ба об, оби тоза, сарчашмаҳои обӣ, ҳифзи пиряхҳо, дипломатияи об, истифодаи муассиру оқилонаи он буда, ҳадафи калидии онҳо, ба андешаи ман, ҳалли яке мушкилоти умдаи башарият, яъне раҳоӣ аз буҳрони об, ба ҳисоб меравад.

Тавре ки мо шоҳид ҳастем, 14 - уми декабри соли 2021 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид зимни Иҷлосияи 77-ум қатъномаи «Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»-ро, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ шуда буд, бо иттифоқи оро қабул кард. Иқдоми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо пуштибонии 154 кишвари узви СММ пазируфта шуд.

Қабули чунин қатънома боиси ифтихору сарфарозии ҳамаи мо олимони тоҷик ва аҳли ҷомеа мебошад.

Дар асоси ин қатънома пешниҳодҳои ироашудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби кишварҳои узви СММ дастгирӣ ёфтанд, аз ҷумла:

- эълон гардидани 21-уми март ҳамчун «Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»;
- эълон шудани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»;
- дар назди СММ таъсис додани Фонди боварии байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ ба ҳифзи пиряхҳо;
- дар соли 2025 доир намудани Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо дар шаҳри Душанбе.

Дар қатъномаи мазкур аҳамияти пиряхҳо ҳамчун ҷузъи таркибии даври гидрологӣ ва таъсири ҷиддии обшавии босуръати онҳо ба иқлим, муҳити зист, саломатии инсон ва рушди устувор дарҷ гардидааст. Инчунин, таъкид шудааст, ки таъсири гармшавии глобалӣ боиси коҳиши густурдаи креосфера гардида, дар натиҷа устуворӣ дар минтақаҳои баландкӯҳ кам шуда, миқдору мавсими маҷрои об ва захираҳои обро дар ҳавзаҳои дарёҳои барфу пиряхдор тағйир додааст. Ин омил ба паст шудани сифат ва миқдори маҳсулоти маҳаллии кишоварзӣ, афзоиш ёфтани норасоии об ва баланд шудани сатҳи миёнаи баҳрӣ таъсир расонида истодааст. Теъдоди зиёди ҳаммуаллифони қатъномаи мазкур бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва саҳми он барои ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ эътимод дорад.

Афзун ба ин, бо ҳамоҳангии Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид дар доираи муқарраароти қатъномаи мазкур Хазинаи байналмилалии мақсадноки эътимод барои ҳифзи пиряхҳо таъсис дода мешавад, ки ҳадафи усулии он таҳқиқоти бунёдӣ оид ба масъалаҳои омӯзиши пиряхҳо мебошад. Бидуни шубҳа, қабули ин гуна қатънома барои ба вуҷуд омадани палатформае замина мегузорад, ки олимон, сиёсатмадорон ва аҳли ҷомеаи ҷаҳонӣ метавонанд масъалаи роҳҳои омӯзиш ва ҳифзи пиряхҳоро коркард ва онҳоро татбиқ намоянд.

Ҳамин тариқ, иқдомоти созандае, ки дар Тоҷикистони азизи мо дар даврони истиқлолияти давлатӣ амалӣ гардиданд, албатта, ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат ва заҳмати содиқонаи мардуми шарифу сарбаланди тоҷик сурат гирифтанд. Ба хотири ҳифзи ин неъмати бебаҳои таърихӣ, яъне истиқлолияти давлатӣ, ки шарти ҳастию бақои миллат ва кафили фардои дурахшони он мебошад, ҳар яки мо вазифадорем, ки минбаъд низ тамоми донишу таҷриба ва саъю кӯшиши худро ба ин роҳи пуршараф сафарбар созем ва бо заҳмати содиқона Ватанамонро боз ҳам ободу зебо ва давлати соҳибихтиёрамонро пешрафтаю муқтадир гардонем.

Аз фурсати муносиб истифода намуда, Ҷашни фархундаи 32-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба кулли мардуми шарифи мамлакат самимона табрик мегӯям.

Солгарди Истиқлолияти давлатӣ муборак бод, ҳамватанони гиромӣ!

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА РИСОЛАТИ ПУРИФТИХОРИ ТАЪРИХӢ



**- Истиқлолияти давлатӣ ва соҳибихтиёрӣ дар назди мо - шаҳрвандони Тоҷикистон вазифаи басо пурифтихори таърихӣ, яъне, бунёди давлати муттамаддини ҷавобгӯ ба орзуву ормон ва манфиатҳои мардуми кишвар ва эҷоди аркони давлатдории муосирро гузошт, - гуфта буданд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ ба муносибати 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Таъкид гардид, ки «ҳар дастоварде, ки дорем, аз худи мост. Мо бояд ба хотири Ватан, Давлат ва халқи Тоҷикистон минбаъд низ содиқона заҳмат кашем ва дар ин роҳ мисли ангуштони як мушт сарҷамъу муттаҳид бошем. Мо ҳаргиз ба умеди дигарон намешавем ва тамоми мушкилоту камбудиҳоямонро бо дастони худамон ва бо заҳмати аҳлонаи халқамон бартараф месозем».

Таҳлили таърихи навин нишон медиҳад, ки ба даст овардани истиқлолият ва соҳибихтиёрии миллӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле душвор, дар ҳолатҳои зиддиятнок ва низоъ ба вуқӯъ пайваст. Аз нахустин марҳилаи соҳибистиқлолӣ доираҳои муайяни манфиатдор бо истифода аз усулҳои озмудаи худ бо роҳи барангехтани низоъҳои дохилӣ ва бозиҳои сиёсӣ давлати ҷавони Тоҷикистонро ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ афканданд. Доираҳои сиёсии хориҷӣ ва шарикони дохилии онҳо нақшаи қисмат намудани Тоҷикистонро тарҳрезӣ намуда, бо ҳамин роҳ аз байн бурдани давлати тоҷиконро ба нақша гирифта буданд.

Сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, дар марҳилае, ки ҳанӯз поҳои истиқлолияти давлатӣ устувор набуданд, маънои хатари бузургро дошта, ҳастии минбаъдаи давлати ҷавонро зери суол бурд. Дар чунин шароит ба сари қудрат омадани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боиси наҷоти миллат ва давлат гардид. Комёб буданамон дар самти ҳифзу таҳкими истиқлолияти давлатӣ маҳз ба заҳмату роҳнамоӣ ва кӯшишҳои ватанхоҳонаи шахсияти бузурги таърихӣ - Президенти мамлакат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста мебошад. Ин далели бебаҳси таърихӣ буда, давлатдории навин онро собит месозад.

Берун овардани мамлакат аз ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, тақвияти сулҳ ва ваҳдати миллӣ, ба вуҷуд овардани «фарҳанги сулҳи тоҷикон», ислоҳоти фарогир, эҳёи аркони фалаҷшудаи идоракунӣ, қабули рамзҳои давлатӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихӣ, миллӣ ва фарҳангӣ, ташаккули низоми қонунгузории миллӣ, боло бардоштани мақоми забони тоҷикӣ, эълони чор ҳадафи стратегии Ҳукумат, фароҳам намудани шароити созгор барои тиҷорату ҷалби сармоя, оғози сохтмони неругоҳои барқи обии зиёд, аз ҷумла НБО «Роғун», ташаббусҳои сатҳи ҷаҳонӣ дар соҳаи об, кӯшишҳои баҳри аз байн бурдани тафовути шаҳр ва деҳот, беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагӣ, коҳиши камбизоатӣ, афзоиши бесобиқаи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, буҷети давлат ва маошу нафақа намунаҳо аз ҷамъи дастовардҳои давлатдории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб мераванд.

Истиқлолияти давлатӣ ҳамчун нишонаи асосии давлат ифодаи соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти он дар муайян намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ мебошад. Маҳз соҳиб будан ба истиқлолияти сиёсӣ имкон медиҳад, ки давлат ба таври шоиста муаррифӣ гардида, онро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои сиёсӣ эътироф кунанд. Истиқлолияти давлатӣ маънои пурра ва тақсимнашавандаи ҳокимияти давлат дар тамоми қаламрави он, мустақил будан дар пешбурди сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ мебошад. Ба даст овардани ин устуворгардонии он идомаи мантиқии ин раванд ба ҳисоб рафта, аз ҳар миллат ҷоннисориро тақозо менамояд. Ин воқеиятро мо дар таҷрибаи Тоҷикистон шоҳид будем.

## АЗ АФЛОТУН ТО ОЛИМОНИ МУОСИР

Омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити равандҳои сиёсии низоми нави ҷаҳонӣ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи сиёсатшиносон қарор дошту дорад. Бинобар ин, ба масъалаи таҳқиқшаванда теъдоди зиёди таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ бахшида шудаанд. Дар байни масъалаҳои мубрами назария ва амалияи сиёсатшиносии муосир ба даст овардан ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ мақоми меҳварӣ дорад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши омилҳои иҷтимоию сиёсии пайдоиш, марҳилаҳои асосии таърихӣ, муайян намудани раванди табиии ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби ин ё он халқу миллат на танҳо аҳамияти бузурги илмию назариявӣ, балки амалӣ ҳам дорад.

Вобаста ба масъалаи мавриди назар осори муҳаққиқонро метавон ба якчанд гурӯҳ ҷудо кард. Асарҳои Афлотун, Арасту, Г. Гротсий, М. Ситсерон, Плутарх, Н. Макиавелли, М. Вебер, Т. Т. Гоббс, Ж. Ж. Руссо, Ж. Баден, Ж. Ж. Руссо, Ҷ. Локк, Ф. М. Волтер, Ф. Гегел, Р. Арон, Ш. Монтескйе, И. Алтузиус, В. Менделсон, С. Соренсен, Р. Н. Хаас, А. Р. Дафт, Ҷ. Блондел, Т. Карлейл ва дигарон ба гурӯҳи аввал шомиланд. Олимони зикргардида дар масъалаи давлат, истиқлолияти давлатӣ ва нақши сарвар дар идоракунии он ақидаҳои пурарзиши илмӣ баён намудаанд.

Ба гурӯҳи дувум осори илмии олимони рус, аз қабили В. М. Гассен, Н. М. Марченко, М. В. Гличич-Золотерева, К. Варе, А. С. Яшенко, О. Е. Лейст, П. В. Волоков, Э. В. Тадевосян, А .С. Яшенко, В. Е. Сафонов, В. Д. Зоркин, Г. Еллинек, Н. И. Грачев, К. Шмидт, Д. Агамбен ва дигарон ворид мебошанд. Олимони зикргардида бештар ба масъалаҳои назариявии истиқлолият ва рушди федерализм дахл намуда, таҷриба ва амалияи кишварҳо худро мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додаанд.

Ба гурӯҳи сеюм метавон осори муҳаққиқони гузашта ва тоҷикро, олимони муосири ватаниро дохил намуд. Аз ҷумла, Ал-Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Низомулмулк, Абдураҳмон ибни Халдун, аз муҳаққиқони муосир дар ин самт М. Диноршоев, Ш. Шоисматуллоев, С. Шарипов, Г. Н. Зокиров, А. Н. Муҳаммад, С. С. Ятимов, К. Олимов, М. У. Хидирзода, М. Акмалова, С. Фаттоҳзода, Х. Сафарализода, Ш. Ш. Ризоён, А. Ё. Комилбек, А. Раҳнамо, Р. Ҳайдаров, А. Г. Холиқов, А. Имомов, Ҷ. Маҷидов, Б. М. Холназаров, З. М. Исмоилзода, М. Шакурӣ, М. С. Ҳакимов, Д. Қ. Раҳимов ва дигарон таҳлилҳои арзишманд анҷом додаанд.

Номбурдагон масъалаҳои назариявӣ ва методологии давлат ва истиқлолияти давлатӣ, манфиатҳои миллӣ, роҳу воситаҳои дарки амиқ ва дарёфти механизмҳои ҳимояи бесуботи онҳоро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Онҳо манфиатҳои миллӣ ва рушди онро дар шароити низоми давлатдорӣ муайян намуда, дигар масъалаҳои рушди ҷомеаро аз он вобаста медонанд.

Хулоса ин аст, ки «бе фаҳми дурусти истиқлолият ҳамчун озодии сиёсӣ тамоюлҳои тағйирот, инкишофи ҳаёти сиёсӣ тавсифи консептуалии онҳо номумкин аст».

## НАҚШИ ШАХСИЯТИ ТАЪРИХӢ ДАР ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

Дар тафовут аз осори олимони зикргардида дар ин матлаб мо кӯшиш намудем, ки нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро баҳри ҳифзу таҳкими истиқлолияти давлатӣ бозгӯӣ намоем.

Қабл аз ҳама бамаврид аст зикр созем, ки инсоният аз замонҳои хеле қадим муҳим будани нақши сарварро дар ҳаёти ҷомеа дарк намуда буд. Ин эҳтиёҷот дар натиҷаи зиндагии якҷояи одамон ба вуҷуд омада, тӯли асрҳост, ки дараҷаи мансабу мартабаро дар ҷомеа ба вуҷуд овардааст. Муносибатҳои ҳокимият ҳам ифодаи фаъолияти субъекту объекти идоракунӣ буда, сарвари сиёсӣ дар занҷири зикргардидаи муносибатҳо мақоми хосро ишғол менамояд.

Сарвари сиёсӣ шахсест, ки тавассути қувваи махсуси таъсиррасонӣ ба рафтор ва иродаи дигарон қудрати идоракунӣ ва сафарбарнамоии ҷомеаро дошта, барои таъмини ягонагӣ ва муттаҳидии он нақши муҳим дорад.

Рӯйдодҳои ҷаҳони муосир ва рабту таъсири онҳо ба умури давлатдорӣ тақозо менамояд, ки нақши шахсияти таърихӣ ва сарвари сиёсӣ дар ин масир ҳамаҷониба омӯхта шавад. Таъкид менамоем, ки омӯзиш на ба хотири парастиши шахсият, балки ба хотири муайян намудани хусусиятҳои сарварӣ, малакаи идора намудани ҷомеа дар шароити гуногуни таърихию сиёсӣ, роҳҳои паси сар намудани мушкилиҳо, истифодаи технологияҳои гуногуни рафъи зиддияту ихтилоф дар ҷомеа, дарёфти механизмҳои ташкили ҳамкориҳои самарабахш бо оламӣ беруна, қобилияти дарки мушкилиҳои пайдошаванда на танҳо дар дохили мамлакат, балки дар арсаи байналмилалӣ хосияти илмӣ дорад. Дар ин раванд имкони шаклгирии андеша ва диди таърихию сиёсӣ ба раванди умумии ташаккули давлатдории миллӣ дар шароити нав ба даст омада, барои воқеъбинона таҳқиқу хулосабарорӣ намудан аз марҳилаи муайяни таърихии рушди давлатдорӣ замина муҳайё мегардад.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки бозгӯии нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳифзу бақои истиқлолияти давлатӣ ва таҳлили ҷанбаҳои сиёсии масъала дар шароити ҳассоси тағйироти геополитикӣ, аз байн рафтани низоми давлатдориҳои гуногун аҳамияти рӯзафзун касб намудааст.

Мақсади иншои мақолаи мазкур муайян ва асоснок намудани заминаҳои таърихию сиёсии ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, ташаккули ниҳоди сарварии сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши Пешвои миллат дар пойдории давлат мебошад.

Барои расидан ба ҳадафи мазкур таҳлилу баррасии мазмун, моҳият ва хусусиятҳои илмию назариявии масъалаи истиқлолияти давлатӣ ва асоснок намудани мавқеъ ва ақидаҳои сиёсӣ вобаста ба он, муайян ва асоснок намудани заминаҳои таърихию сиёсӣ ва консептуалии омӯзиши нақши сарвари сиёсӣ дар таҳкими давлатдорӣ, инчунин таҳлил ва ошкор намудани моҳияти заминаҳои таърихию сиёсӣ ва василаҳои ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мадди назар буд.

Илова бар ин, ба нақши сарвари сиёсӣ дар бартараф намудани низои шаҳрвандӣ ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон, мақоми ниҳоди президентӣ дар пойдор гардидани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва хусусиятҳои ташаккули ниҳоди Пешвои миллат ва тақвияти эътимоди ҷомеа ба он ҳамчун омили таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардид.

Вобаста ба мавзӯи мавриди назар шоистаи зикр аст, ки таъсиси ниҳоди президентӣ дар Тоҷикистон марҳилаи нави рушди давлатдории миллӣ ва далели шинохти ниҳодҳои давлатию сиёсии кишварҳои демократӣ мебошад. Зарурати пурзӯр намудани ҳокимияти иҷроия, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти он, қабули оҷилии қарорҳои идорӣ, такмили механизми иҷрои қонунҳо, таҳкими низоми давлатӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ аз ҷумлаи омилҳоеанд, ки ба ташкили қолаби нави идора бо роҳбарии Президент дар Тоҷикистон асос гузоштанд. Маҳз ҷорӣ кардани идоракунии президентӣ боис ба рушди устувор ва пешрафти бемайлон ва бесобиқаи идораи давлатӣ (идораи иқтисод, сиёсат ва дигар соҳаҳо) ва раёсати ҷумҳурӣ гардид.

Минбаъд, бо таъсиси ниҳоди Пешвои миллат яке аз муҳимтарин масъалаҳои миллӣ ва таърихии давлатдории мо, яъне лидери сиёсии миллат ва пешвои эътирофшудаи миллӣ ба марҳилаи ниҳоии худ расид. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат», ки дар низоми қонунгузории кишвар падидаи нав ба ҳисоб меравад, «вазъи сиёсӣ ва ҳуқуқии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллатро ҳамчун бунёдгузори давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, сулҳ ва ваҳдати миллӣ, бо мақсади тақвияти асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзӣ, якпорчагии Ватан, суботу пойдории давлати Тоҷикистон, таҳкими демократия, таъмини рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ҳифзи арзишҳои таърихии давлатдории миллӣ, фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона барои ҳар як инсон муқаррар мекунад».

Дар ин раванд андеша, дар мавриди он ки Пешвои миллӣ маҳсули як марҳилаи таърих, натиҷаи ҷонбозӣ ва аз худ гузаштанҳои шахсият дар давлатсозиву давлатдорӣ, инъикоси воқеияти ҷомеа ва натиҷаи эътирофи воқеии мардум аст, шакл гирифт. Таърихи давлатдориҳои ҷаҳони муосир кам намунаҳое медонад, ки шахсиятҳои миллӣ ба хотири наҷоти кишвар ҷони хешро ба гарав ниҳода бошанд.

## ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ: МАЗМУН, МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТИ ОН

Истиқлолият ба маънои сиёсӣ ва ҳуқуқии худ асоси комили давлат мебошад. Дар акси ҳол, соҳибихтиёрӣ ва меъёрҳои асосии он, мустақиман танҳо ба таври расмӣ ва эъломия амал мекунанд ва низоми идораи давлатӣ қудрату қобилияти дахолаткунию танзимкунӣ ва ҳамзамон соҳибихтиёрии худро аз даст дода, бо таҳдид ба амнияти давлат бештар осебпазир мегардад. Хусусияти муҳими таркиби давлат, ки мавҷудияти давлатро ифода мекунад, соҳибихтиёрӣ мебошад.

Соҳибихтиёрӣ аз лиҳози моҳият ҳамчун аломати универсалии давлат эълон шуда, озодӣ ва мустақилияти субъектро аз таъсироти беруна ва дохилӣ таъкид мекунад, ки дар шахсияти субъектҳои дигар ва маҳдудияти тахримот дучор нагардидааст. Натиҷаи соҳибихтиёрии миллӣ ин ҳуқуқи миллат ба худмуайянкунии миллист. Бори нахуст мафҳуми соҳибихтиёриро сиёсатшиноси фаронсавӣ Ж. Боден пешниҳод карда, онро ҳамчун бартарии сиёсии ҳокимияти давлатӣ дар қаламрави кишвар муайян кардааст.

Коршиносон ба он назаранд, ки: «Соҳибихтиёриро танҳо аз нуқтаи назари расмӣ - юридикӣ ва фактӣ дида баромадан мумкин нест» . Ба ақидаи мо, соҳибихтиёрӣ зуҳуроти сиёсӣ буда, сухан сари эътирофи давлат ҳамчун ташкилоти сиёсии мустақил меравад.

Аз ҷониби дигар, истиқлолиятро метавон принсипи асосии ҷомеаи байналмилалӣ ва «манбаи тартибот» арзёбӣ намуд. Масъалаҳои назария ва амалияи истиқлолияти давлатиро дар асарҳо, паёмҳо ва суханрониҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарёфт намудан мумкин аст, ки онҳо хосияти консептуалӣ дошта, мазмуну моҳияти ин зуҳуроти муҳими сиёсиро хеле возеҳ бозгӯӣ менамоянд.

Чуноне ки: «Истиқлолият волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату давлатдории тоҷикон дар асри бистум аст, ки нахуст дар давраи давлатдории Иттиҳоди Шӯравӣ арзи ҳастӣ намуда, бо вуҷуди баъзе беадолатиҳои марзию ҷуғрофӣ ҳамчун шакли давлатдории мутамаддину пешрафта ташаккул ёфт, сабзид ва ба камол расид», - қайд намудаанд Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон бахшида ба 10- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 8-уми сентябри соли 2001.

Ба ақидаи муҳаққиқи тоҷик А.Н.Муҳаммад: «Истиқлолият мустақилияти сиёсӣ ва соҳибихтиёрии давлатӣ дар фаъолияти сиёсати дохилӣ ва берунӣ мебошад, ки ба дахолат кардани давлатҳои дигар қатъиян роҳ намедиҳад. Қатъи назар аз бузургӣ ва ё хурдии марзи мамлакат, миқдори аҳолӣ ва сохти ҷамъиятӣ истиқлолият ба ҳама давлатҳо тааллуқ дорад. Истиқлолияти сиёсӣ ин озодии иродаи миллӣ, шаъну шараф, қудратмандӣ ва яке аз рукнҳои асосии ҳастии ҳар як давлати мустақил ба шумор меравад». Чунин маънидодкунии истиқлолияти давлатӣ хосияти бисёрҷанба дошта, паҳлуҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва маънавии онро дар бар мегиранд.

Вобаста ба масъалаи истиқлолияти давлатӣ сиёсатшиноси тоҷик Г.Н. Зокиров зикр намудааст: «Фаҳми дурусту муосири истиқлолият бояд хосиятҳои мухталифи раванди инкишофро ба назар гирад. Бе назардошти робитаҳои гуногуни равандҳои сайёравӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо, бе баҳамтаъсиррасонии инсон, ҷомеа ва табиат ҳеҷ як минтақа ва ё мамлакате истиқлолияти комилро соҳиб намегардад. Масъалаҳои дигари муносибатҳои байниҳамдигарии одамон, хоҳ дар либоси этникию миллӣ бошанд ё дар шакли дигар зуҳур ёбанд, ҳам ба ин доира дохил мешаванд. Манфиату талаботи ҳамаи раванду муносибатҳои оламро ба назар гирифтан ҳатмӣ аст. Рӯй овардан ба чунин силсилаи арзишҳо ҳеҷ гоҳ принсипи худмуайянкунии миллиро истисно намекунад. Баръакс, он бояд дар занҷири баҳамтаъсиррасонии ҳодисаҳо мақом ва нақши сазовор пайдо намояд» .

Ин муҳаққиқ ба масъалаи мазкур аз лиҳози қиёсӣ муносибат намуда, моҳият ва хусусияти ин зуҳуроти сиёсиро вобаста ба шароити Тоҷикистон ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ намудааст. Таълифоти муаллиф дар ин самт бисёрҷанба буда, дар доираи он ба раванди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон баҳои асосноки сиёсӣ дода шудааст.

Профессор Махфират Хидирзода вобаста ба истиқлолияти давлатӣ чунин андеша дорад: «Истиқлолият ҳамчун рамзи муҳими давлатдорӣ василаи беҳтарини шинохти миллатҳо дар арсаи ҷаҳонӣ буда, раванди давомнок ва рушдёбанда ба ҳисоб меравад. Заминабахши ҳама гуна истиқлолияти давлатӣ, пеш аз ҳама, мафкура ва ҷаҳонбиниест, ки инсонҳоро дар шинохти асолат ва рисолати хеш муваффақ гардонида, талош ва кӯшиши онҳоро баҳри мустақилона муайян намудани тақдири худ, дарёфти роҳи муваффақият баҳри расидан ба саодати комил, раҳонидан аз вобастагию тобеият такон мебахшад. Истиқлолхоҳӣ ҳамчун категорияи равонию сиёсӣ ифодакунандаи рӯҳияест, ки ҷомеаҳо бо такя ба он неруи равонӣ ва иҷтимоии худро қавӣ гардонида, ҳадафҳояшонро марҳила ба марҳила амалӣ месозанд. Хусусияти ин падида дар он аст, ки дар ҷомеаҳо ва низомҳо рӯҳбаландии иҷтимоӣ устувор гардида, субъектҳои сиёсат бештар ба он меҳваре таваҷҷуҳ менамоянд, ки ин ғояро тақвият мебахшад».

Мафҳуми «истиқлолияти сиёсӣ» бо мафҳуми соҳибихтиёрӣ ва ҳокимиятдории комили сиёсӣ ҳаммаъно мебошад. Ба ақидаи мо, аҳамияти хосаи таҳқиқоти доштани масъалаи зикршуда бебаҳс буда, омӯзиши масъалаи мазкур заруру саривақтӣ мебошад.

Яке аз рукнҳои муҳими бунёди давлат истиқлолияти давлатист. Истиқлолият танҳо бо эълон намудану қабули санади соҳибихтиёрӣ ва Эъломия анҷом наёфта, ҳуқуқи халқу миллатро ба таъсиси ҳокимияти давлатии мустақил дар дохили мамлакат амалӣ намудану онро чун субъекти соҳибихтиёр ба арсаи ҷаҳонӣ ва майдони мубориза ҳастӣ ворид сохтан аст. Ба ин маънӣ, истиқлолияти давлатӣ на танҳо эълони он аст, балки андешидани чораҳо барои эътирофи давлат дар арсаи байналмилалӣ низ ба ҳисоб меравад.

Дар раванди таҳлили масъала мо кӯшиш намудем, ки ба ақида ва назарияҳои мавҷудаи дар диди таърихию сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ гурӯҳбандӣ намуда, ҳар кадоми онҳоро вобаста ба шароити таърихӣ ва иҷтимоию фарҳангии ташаккули онҳо арзёбӣ намоем. Дар натиҷа асоснок карда шуд, ки соҳибистиқлолӣ ҳамчун зуҳуроти сиёсию иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ифодаи мустақилияти давлат дар муайян намудани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ буда, нишонаи муҳими давлат ба ҳисоб меравад. Бидуни он давлат ҳамчун ташкилоти сиёсӣ ва субъекти мустақили муносибатҳои сиёсӣ эътироф намешавад.

Ҳамчунин муайян гардид, ки назарияи истиқлолият мухторияти ҳокимияти сиёсиро дар дохил ифода намуда, имкон медиҳад, ки давлат дар ташаккули шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, муайян намудани сохти давлатдорӣ, заминаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва таърихию фарҳангӣ, тамоюли идеологӣ мустақилона муносибат намояд.

## СЕ НАВЪИ СОҲИБИХТИЁРӢ, КИ НИҲОЯТИ ОН ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИСТ

Соҳибихтиёрӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ бо ҳастиву вуҷуди миллат, халқ ва давлат пайваста аст. Соҳибихтиёрии давлат шакли асосии зуҳуроти соҳибихтиёрии миллат ва халқ аст. Моҳияти давлат дар шакл ва мазмуни фаъолияти ҳокимияти давлатӣ, ҳадафи асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат, интихоби самтҳои рушди демократӣ ва таъмини воқеии ҳокимиятдории халқ таҷассум меёбад. Соҳибихтиёрӣ хусусияти асосии давлати соҳибистиқлол дар салоҳият, манфиатҳои миллӣ ва таносуби қувваҳо дар сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ мебошад.

Дар шароити ҷаҳони муосир мафҳуми соҳибихтиёрӣ на танҳо барои як давлати алоҳида, балки барои иттиҳодия ва ташкилоти гуногуни байналмилалӣ, ки на танҳо ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодии давлат, инчунин ба соҳибихтиёрии худи давлат низ таъсир мерасонанд, муҳим аст.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит менамояд, ки маҳз истиқлолияти давлатӣ ба инсонҳои дар асоси махсусиятҳои этникӣ, миллӣ ва иҷтимоӣ муттаҳидшуда имкон фароҳам меорад, ки дар паҳнои ирода озодона дар қолаби ҳуқуқҳои эътирофшуда рушди маънавию моддии худро таъмин созанд. Аз назари мутахассисони илми ҳуқуқ ва сиёсатшиносон, истиқлолияти давлатӣ сарчашмаи худро аз соҳибихтиёрии давлат мегирад. Соҳибихтиёрии давлатӣ як навъи соҳибихтиёрии умумӣ буда, усулан ба се навъ тақсим мешавад: соҳибихтиёрии халқӣ, соҳибихтиёрии миллӣ ва соҳибихтиёрии давлатӣ. Соҳибихтиёрии халқӣ ба усули идораи халқӣ такя менамояд, ки дар он манбаи ҳокимияти сиёсиро халқ - шаҳрвандони кишвар ташкил медиҳанд. Нуктаи муҳим ва калидии соҳибихтиёрии халқӣ интихоботи озод, мавҷудият ва рушди парламентаризм ба ҳисоб меравад. Соҳибихтиёрии миллӣ ин ҳуқуқи миллат барои мустақиман, бе дахолати беруна муттаҳид шуда, таъсис додани давлати мустақил ва муайянкунии мақоми сиёсии худ аст. Соҳибихтиёрии давлатӣ зинаи охирини соҳибихтиёрист, ки мустақилияти давлатро дар дохил ва хориҷ муаррифӣ менамояд. Танҳо давлати соҳибихтиёр ҳуқуқи дар муносибатҳои байналхалқӣ ҳамчун субъекти мустақил баромад карданро дорад. Дастрасии ҳуқуқӣ ва амалӣ ба ин се навъи соҳибихтиёрӣ дар маҷмӯъ миллатҳоро ба истиқлолияти давлатӣ мерасонад.

## ТАҲЛИЛУ МУҚОИСА МЕБОЯД, ТО ХУЛОСА ҲОСИЛ ШАВАД

Қобили зикр аст, ки доир ба ин масъала қаблан чандин мақолаи таҳлилӣ навишта будам, ки дар онҳо нақши сарвари сиёсӣ дар таҳкими истиқлолу озодӣ, ҳифзи манфиатҳои миллию давлатӣ ва таъмини суботу амният меҳвар буд.

Таҳлилу муқоисаи мавзӯъ ҷомеаро комилан мутмаин месозад, ки:

- ниҳоди Пешвои миллат дар низоми сиёсии давлат заминаҳои устувори маънавию таърихӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва сиёсию иҷтимоӣ дорад;

- эътирофи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Пешвои миллат натиҷаи талошҳои беназири ин Абармард дар масири давлатсозии навин буда, барои муттаҳидӣ ва ягонагии мардуми кишвар омили муҳим ба ҳисоб меравад. Ин ниҳод хусусан дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ аҳамияти хос дошта, ҷиҳати тақвияти ҳувияту худшиносӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад;

- таҷрибаи муосири сиёсӣ собит намуда истодааст, ки ниҳоди Пешвои миллат дар Тоҷикистон ҳамчун неруи бузурги муттаҳидкунанда буда, ҳама дар атрофи он муттаҳид гаштаанд. Ба ғайр аз ин, ниҳоди зикршуда ифодакунандаи манфиатҳои кулли ҷомеа мебошад;

- Пешвои миллат таҷассумкунандаи давлат дар арсаи байналмилалӣ буда, ҳамчун шахсияи бузурги сатҳи байналмилалӣ эътироф гардидани ин Абармард барои боло бурдани имиҷи сиёсии давлат ва миллати тоҷик бениҳоят муҳим аст.

Зимни пажӯҳиши масъала бештар аз методҳои таҳлилӣ, таърихӣ, тарҳрезии сиёсӣ, муқоисавӣ, коммуникатсионӣ, ояндабинӣ ва мушоҳидавӣ истифода шуда, дар ин замина ташаккул ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ, инчунин ташаккули ниҳоди сарварӣ, аз ҷумла ниҳоди Пешвои миллат ҳаматарафа баррасӣ гардид. Ёдовар шуданам аз методҳои мазкур ба он хотир аст, ки ҳар кадом вижагии худро дорад. Барои мисол, методи таърихӣ дар таҳқиқот имкон фароҳам меорад, то масири соҳиб шудан ба соҳибистиқлолӣ ҳаматарафа мавриди омӯзиш қарор гирифта, хусусиятҳои таърихию сиёсии ташаккули ниҳоди Пешвои миллат ва нақши таърихиашон дар раванди давлатсозии навин асоснок карда шавад.

Истифодаи методи тарҳрезии сиёсӣ боис мегардад, ки хусусияти равандҳои сиёсӣ дар замони соҳибистиқлолӣ ва нақши онҳо дар шаклгирии муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян карда шаванд.

Ба шарофати методи муқоисавӣ заминаҳои таърихию сиёсии ташаккули ниҳоди Пешвои миллат асоснок шуда, таҷрибаи мавҷудаи байналмилалӣ дар ин самт мавриди омӯзиш қарор гирифт.

Методи ояндабинӣ дар муайян намудани дурнамои рушди ниҳоди сарварӣ ва нақши он дар таҳкими истиқлолияти давлатию ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити нави ҷаҳонӣ нақши бориз дорад.

Омӯзиши нақши Пешвои миллат дар таҳкими истиқлолияти давлатӣ тақозо менамояд, ки ҳангоми ба риштаи таҳлил кашидани масъала аз сарчашмаҳои гуногун истифода карда шавад. Маҳз ба шарофати меҳвар қарор додани ҷанбаҳои мазкур мазмун, моҳият ва хусусиятҳои илмию назариявии масъалаи истиқлолияти давлатӣ таҳлилу муайян гардида, мавқеъ ва ақидаҳои сиёсӣ вобаста ба он тақвият ёфт.

## МЕҲВАРУ ҶАВҲАРИ КОРҲОИ ИДЕОЛОГӢ ВА РИСОЛАТИ МАСЪУЛИН

Барои пойдории истиқлолият ва ташкили давлати мустақил, ки тавонад ба ҷомеаи ҷаҳонӣ халқро ҳамчун иттиҳодияи устувори сиёсӣ бо фарҳангу унсурҳои миллиаш муаррифӣ кунад, ҳаққи таърихӣ ва замонавии ӯро ҷиҳати мавҷудияти сиёсӣ ва ҳуқуқияш эътироф намоянд, қабл аз ҳама, халқ орзуву омолашро бояд барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун ҳадаф муаррифӣ намояд ва барои расидан ба ин ҳадафҳо пайваста мубориз бошад. Ин хусусиятро ҷомеаи Тоҷикистон дар аввали солҳои 90-уми асри XX то андозае дарк намуда буд.

Дар ин замина дигаргуниҳои идорӣ ва маъмурӣ низ оғоз шуда буданд, ки пуртазод буданд. Масалан, 29-уми ноябри соли 1990 якумин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қ. Маҳкамов ба он мансаб интихоб шуд. Вале ин ҳолат зиддиятҳои пайдошавандаро бартараф карда натавонист.

10-уми сентябри соли 1990 Қонун «Дар бораи интихоботи Раиси ҷумҳурӣ» қабул гардид. Мувофиқи он, 24-уми ноябри соли 1991 якумин интихоботи умумихалқии Президенти ҷумҳурӣ баргузор гардида, Р. Набиев ба ин вазифа интихоб шуд.

Бухрони нави мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии мамлакат Президенти аз тариқи интихоботи умумихалқӣ интихобшударо аз сари қудрат дур сохт ва ҳам боиси чанд муддат бекор кардани ин падидаи конститутсионӣ ва ба ҷои он ҷорӣ намудани идоракунии парлумонӣ гардид.

Чуноне ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд: «Давлату давлатдорӣ як мафҳуми назариявӣ набуда, он маҳз бо мавҷудияти рукнҳои амалии давлат маъно пайдо мекунад. Шоҳидон дар ёд доранд, ки дар он рӯзҳои вазнину мудҳиш тамоми ниҳодҳои марказӣ ва маҳаллии давлатдории мо пурра фалаҷ гашта, низоми идоракунии давлатӣ барҳам хӯрда буд. Бинобар ин, барқарор кардани аркони амалии давлат талошу заҳмати зиёдро талаб мекард. Мо тавонистем дар кӯтоҳтарин замон ниҳодҳои асосии давлатиро эҳё ва барқарор намоем». Он замон на ҳама дарк карда буданд, ки соҳибихтиёрӣ, истиқлолияти давлатӣ ва истиқлолияти миллӣ мафҳумҳои ифодакунандаи як мазмун буда, дар маҷмӯъ вазъиятеро ифода мекунанд, ки дахолати дигар давлату ташкилотҳо ё худ субъектҳои муносибатҳои сиёсӣ ба фаъолияти онҳо манъ аст.

Ҷанбаи дигари дар ташаккули худшиносии миллӣ таъсиргузор рӯҳияи миллӣ ба ҳисоб меравад, ки дар саргаҳи он низ Роҳбари мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд. Пешвои миллат барои ба даст овардани музаффариятҳои миллӣ ва беҳсозии кишвари хеш идеяҳои беназир ва пурмоҳиятро рӯи кор оварда, шаҳрвандонро ҳам дар атрофи он муттаҳид намуданд. Сохтмони иншооти бузурги аср, аз ҷумла НБО-и «Роғун» шаҳодати ин гуфта аст. Ҳар иқдоме, ки ин Абармард барои пешрафти давлату миллат пеш гирифтаанд, амалест, ки ба идеяи миллӣ омезиш ёфта, истиқлолияти давлатиро таҳким бахшида, дурнамои неки давлатсозиву давлатдориро таъмин менамоянд. Хушбахтона, ҳоло миллат Пешвое дорад, ки мақсадашон танҳо сарбаландии миллат ва рӯзгори пурсаодати тоҷикистониён мебошад.

Имрӯз, агар ҳаводиси солҳои мудҳиши сипаришударо беғаразона таҳлил намоем, бешак иқрор хоҳем шуд, ки он имтиҳони ҷиддӣ буд, ки халқи тоҷик зери роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз он на танҳо бо сарбаландӣ гузашт, балки иқдомҳои қобили мулоҳизаи давлатсозию давлатдориро барои наслҳои оянда иҷро ва дар ин замина рушди муттасили мамлакатро таъмин намуд.

Дар ҳамин ҳол, ифтихор аз дастовардҳо ва истинод ба таърихи ғанӣ набояд боиси зоҳир гардидани муносибати дуюмдараҷа ба дурнамои соҳибистиқлолии мамлакат бошад. Мадди назар бояд дошт, ки ҷомеа дар шароити таҳаввулоти босуръат ва бисёр мураккаби ҷаҳони муосир қарор дорад, ки дар он раванду тамоюлҳои гуногуни манфӣ низ ҳастанд ва метавонанд ба истиқлолият, пояҳои давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ ва гузашта аз ин, ба ҳастии миллат хатар эҷод намоянд. Бинобар ин, ташаккул додани тафаккури давлатӣ, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ифтихор аз соҳибистиқлолӣ бояд меҳвару ҷавҳари корҳои идеологии мақомоти дахлдори давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро ташкил диҳад.



**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

# ЯК СОЛИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

**(хроникаи рӯйдодҳои муҳим аз 9.09.2022 то 9.09.2023)**

8-уми сентябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе маросими ба истифода додани «Майдони Истиқлол» доир гардид. Дар он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ иштирок намуданд. Маҷмааи «Истиқлол» аз 121 метр баландӣ иборат буда, қисми поёнии он 30 метр - рамзи 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ ва қисмати болоӣ 91 метр мазмуни дар соли 1991 ба даст овардани истиқлолияти давлатиро ифода менамояд. Масоҳати умумии маҷмаа 11 ҳазору 900 метри мураббаъро дар бар гирифта, майдони зери сохтмон 4 ҳазору 761 метри мураббаъ мебошад.

***

13-уми сентябри соли 2022 бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе маҷмааи муосири варзишию фароғатӣ, ки аз толори муҳташами варзишӣ ва Академияи футболи «Ювентус» иборат аст, мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

***

16-уми сентябри соли 2022 дар шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай баргузор гардид. Дар ҷаласа Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок карданд.

***

18-уми октябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кори Конфронси байналмилалии «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳаррuки террористон» иштирок ва суханронӣ карданд. Дар он намояндагони воломақоми расмии кишварҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва коршиносони соҳаи таъмини бехатарии сарҳадот иштирок карда, роҳҳои таҳкими ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад барои муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз ҳаракати террористҳоро баррасӣ карданд.

***

24-уми октябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон агрегати №1-и НБО «Норак» ба номи Турсун Ӯлҷабоевро баъд аз таҷдиду навсозӣ ба истифода дода, бо рафти татбиқи лоиҳаи таҷдид ва барқарорсозии ин иншооти азими гидроэнергетикӣ шинос шуданд. Лоиҳаи таҷдид ва барқарорсозии НБО «Норак» аз моҳи марти соли 2019 оғоз гардидааст.

***

27-уми октябри соли 2022 дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон Мулоқоти якуми сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо доир гардид. Дар ин ҷамъомади сатҳи баланд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ карданд.

***

27-уми октябри соли 2022 дар шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷаласаи Шӯрои Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баргузор гардид, ки раёсати баргузории онро раиси ассамблеяи мазкур, Раиси Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Валентина Матвиенко бар ӯҳда дошт. Ҳайати парлумонии Тоҷикистон таҳти сарварии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода дар ҷаласа иштирок кард.

***

7-уми ноябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Шарм-уш-Шайхи Ҷумҳурии Арабии Миср дар маросими ифтитоҳи Павилиони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳошияи Конференсияи 27-уми тарафҳои Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (COP 27) иштирок ва суханронӣ карданд.

***

16-уми ноябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд дар чорабинии тантанавӣ ва ҷамъомади идона ба ифтихори ҷашни 30-юмин солгарди Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ карданд. Дар чорабинии бошукӯҳ, ки дар макони баргузории иҷлосияи таърихӣ - Қасри Арбоби ба номи Саидхӯҷа Ӯрунхоҷаев доир гардид, вакилони Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Ҳукумати мамлакат, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолони вилоят ва дигар меҳмонон иштирок намуданд.

***

20-уми декабри соли 2022 дар пойтахти мамлакат Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Қолинҳои Душанбе» ба фаъолият шурӯъ кард. Ин корхонаи саноатиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ мавриди истифода қарор доданд. Корхонаи азими қолинбофӣ ба ифтихори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Солҳои рушди саноат», солҳои 2022-2026 аз тарафи соҳибкори ватанӣ Наврӯз Абдуллоев бунёд гардидааст. Бо таъсис ва ба фаъолият оғоз намудани корхонаи нави истеҳсолӣ 500 нафар бо ҷои кор ва маоши хуб таъмин гардиданд. Дар корхонаи нави саноатӣ дар як шабонарӯз 4 ҳазору 500 метри мураббаъ қолин бо шаклу андозаҳои гуногун, нақшу нигор ва тарҳи милливу аврупоӣ истеҳсол карда мешавад. Иқтидори солонаи корхона 1 миллиону 500 ҳазор метри мураббаъ қолинро дар бар мегирад.

***

30-юми январи соли 2023 дар доираи сафари кории ҳайати парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода дар ҷаласаи 17-уми Иттиҳоди парлумонии Созмони ҳамкории исломӣ дар мавзӯи «Таҳдидҳо, бозсозӣ ва рушд» суханронӣ намуд.

***

2-юми феврали соли 2023 дар Федератсияи Россия ҷаласаи дуюми раисони кумитаҳо (комиссияҳо)-и парлумонҳои кишварҳои аъзои СААД баргузор гардид. Дар он намояндагон аз Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд.



# АБАРМАРДИ ДУНЁИ СИЁСАТ ВА ТАҲКИМБАХШИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

**Рушду тавсеаи равобит бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва дигар кишварҳои ҷаҳон дар низоми сиёсати хориҷии Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандонаи бунёдгузори сиёсати хориҷии мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ибтидои ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ то имрӯз аз муҳимтарин ва авлавиятноктарин самти сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, зеро Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки амиқи сиёсӣ таҳлил ва хулосагирӣ менамуданд, ки иҷрои вазифаҳои ниҳоят вазнин ва печидаи бунёд ва таҳкими давлатдории миллӣ ва ташаккули қудрати иқтисодии он бидуни ҳамкориҳои сиёсию иқтисодии фарогир бо давлатҳои минтақа ва ҷаҳон имконнопазир аст.**

Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти сиёсати ҳамҷаворechии нек, риштаҳои анъанавии дӯстӣ, муштаракоти таърихию фарҳангӣ, эътимоди ҳамдигарӣ ва дарки умумияти ҳалли масъалаҳои мубрами миллию минтақавӣ, аз рӯзҳои нахустини истиқлолияти давлатии хеш муносибатҳоро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун авлавияти сиёсати хориҷии худ қарор дода, барои рушду тавсеаи ҳар чӣ бештари онҳо пайваста талош меварзанд. Илова бар ин, Пешвои миллат ҳамкории фарогири минтақавиро ҳамчун муҳимтарин василаи ҳалли масъалаҳои сиёсию амниятӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, экологӣ ва умуман таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ дониста, ҷонибдори сулҳу субот, рушди устувори минтақа, ҳамзистии осоишта ва дӯстонаи ҳама мардуми минтақа мебошанд.

Маҳз, ҳамин талошҳо сабаб шуданд, ки имрӯз дар минтақаи Осиёи Марказӣ фазои ҳамгироӣ ва дарки умумияти тақдиру сарнавишти давлатҳо ва мардумони онҳо торафт тавсеа ёфта, нақши Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Сарвари сиёсии муваффақ ва ботаҷриба дар пойдории субот, рушди ҳамкориҳо, инчунин тавсеаи ҳамгироии созанда дар минтақа эътироф гардидааст.

Воқеияти ин гуфта дар он зоҳир мегардад, ки 6 - уми августи соли 2021 дар асоси Қарори муштараки сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар шаҳри Туркманбошии Туркманистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни Вохӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ба нахустин мукофоти олӣ – «Нишони фахрии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ» барои хизматҳои шоиста дар рушди муносибатҳои дӯстӣ, ҳамсоягии нек, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории давлатҳои Осиёи Марказӣ, таҳкими сулҳу амният дар минтақа, пешбурди манфиатҳо ва ташаббусҳои муштараки кишварҳои минтақа дар арсаи байналмилалӣ сарфароз гардонида шуданд, ки аҳамияти хеле бузург дорад.

Қарори муштараки сарварони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар бораи ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовор донистани ин мукофоти олӣ воқеан ҳам нишони арҷгузорӣ ва қадрдонӣ аз хидматҳои шоистаи ин сиёсатмадори барҷастаи сатҳи ҷаҳонӣ, ки дар ҳалли масъалаҳои муҳими минтақавӣ ва ҷаҳонӣ талош меварзанд, арзёбӣ мегардад.

Шарафёбӣ ба ин мукофоти олӣ бори дигар эътибору нуфузи ин марди хирад, сиёсатмадори оқил, пешвои ваҳдатофарро дар арсаи байналмилалӣ тасдиқ намуда, эътирофи усули давлатдории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати эҳёгари Тоҷикистони навин ва мустақил, инчунин ташаббускори ибтикороти минтақавию ҷаҳонӣ мебошад.

Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар низоми тамоми талошу фаъолиятҳои байналмилалӣ, ки ба решакан кардани зуҳуроти номатлуб нигаронида шудааст, фаъолона иштирок намуда, ба яке аз иштирокчиёни фаъоли ҷомеаи байналмилалии зиддитеррористӣ табдил ёфтааст.

Тоҷикистон дар сафи пеши мубориза бо хатари ифротгароӣ ва терроризм буда, на танҳо минтақа, балки қаламравҳои берун аз ҳудуди онро аз оқибатҳои фоҷиабори ин падида ҳифз менамояд.

Бо дарназардошти он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ таҷриба ва саҳми бузург дорад, кишвари мо таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин самт ҳамчун давлати пешсаф ва ташаббускор дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ эътироф гардидааст.

Вобаста ба нақши таъсиргузори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли масъалаҳои минтақа ва ҷаҳон яке аз собиқ президенти кишвари Осиёи Марказӣ гуфта буд, ки агар сари роҳи ифротгароиро дар минтақа Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар аввали солҳои ба даст овардани истиқлолият намегирифтанд, ҳоло тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ба як минтақаи бесубот табдил меёфт.

Ҳангоме ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 30 сол қабл, яъне он солҳое, ки перомуни буҳрони Афғонистон ва таҳдидҳои аз ин кишвар бароянда аз минбари СММ ва дигар минбарҳои баланди ҷаҳонӣ суханронӣ мекарданд ва ҷомеаи ҷаҳониро ҳушдор медоданд, баъзе аз кишварҳо ин мушкилотро бо омилҳои гуногун дар аввал ҷиддӣ қабул накарда, изҳор медоштанд, ки ин мушкилоти мо ва минтақаи мо набуда, мо дар минтақаи худ мушкили зиёд дорем. Онҳо мегуфтанд, ки худи шумо ҳалли ин мушкилотро ёбед. Вақте ки ин мушкилот кишварҳои онҳоро низ фаро гирифт, баъдан ба таъхир ба дарки буҳрони Афғонистон ва таҳдидҳои аз ин кишвар бароянда огоҳ намуданд, ки аллакай дер шуда буд. Баррасӣ ва пешгӯии масъалаҳои минтақавии ҷаҳонӣ дар авлавияти рӯзномаи кории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, нақши таъсиргузор доранд.

Илова бар ин, бояд қайд намуд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар феҳристи шахсиятҳои варзидаи олам мақоми шоиста доранд. Чеҳраи сиёсии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун Сарвари сиёсии муваффақ эътироф намуда, гуфтан мумкин аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари хизматҳои шоён ба миллату давлати навини тоҷикон боз танзимгари ташаббусҳои нави ҷаҳонӣ низ мебошанд.

Қобили зикр аст, ки суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар минбарҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳамеша бо пешниҳоду ташаббусҳои асосноку созанда, пеш аз ҳама, ба таъмини амният ва рушди муштараки устувор, таҳкими ҳамкорӣ ва робитаи байни давлатҳо, инчунин баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии халқҳои минтақа равона гардидаанд. Ташаббус ва пешниҳодҳои мубрами байналмилалие, ки Тоҷикистон пешниҳод кардааст, бо назардошти вазифаҳои муштараки кишварҳои минтақа дар рафъи таҳдидҳои муосири бавуҷудомада саривақтӣ ва воқеӣ мебошанд.

Ташаббуси дигари муҳими сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷалби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мушкилоти обу иқлим ба ҳисоб меравад. Бояд гуфт, ки беш аз 60 дарсади манобеи оби Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон ташаккул меёбанд. Вобаста ба ин, дар даврони истиқлолият бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид 10 қатънома дар бораи об қабул кард. Қатъномаҳои мазкур дар пешбурди масъалаҳои об дар сатҳи ҷаҳонӣ саҳм гузошта, дар ҷалби ҳар чӣ бештари таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба зарурати ҳалли онҳо саҳми арзанда гузоштанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳамияти обро барои истифода ва зиндагии муштараки давлатҳои минтақа дарк намуда, ба СММ ташаббуси наве оид ба эълони соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо»-ро пешниҳод намуданд, ки якдилона қабул гардид.

Ин ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон як платформаи беназир ва муҳими ҳамкориҳои ҷаҳонӣ буда, метавонад дар таъмини амнияти иқлимӣ дар тамоми сайёра саҳми арзанда гузорад.

Якуми сентябри соли 2023 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ташаббуси навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Қатъномаи пайгирии натиҷаҳои Конфронси СММ оид ба фарогирии миёнамуҳлати Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор», солҳои 2018-2028»-ро бо иттифоқи оро қабул намуд.

Бояд ёдовар шуд, ки бори нахуст ин ташаббус аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид (22-24 марти 2023 дар Ню-Йорк) садо дода буд. Ҳамин тариқ, ҷомеаи ҷаҳонӣ ташаббуси навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҷиҳати соли 2028 дар Тоҷикистон баргузор намудани Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба арзёбии фарогири ниҳоии татбиқи ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор», солҳои 2018- 2028-ро пазируфт.

Дарвоқеъ, Конфронси СММ оид ба об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2028), ки бори аввал дар кишварамон баргузор мегардад, барои боз ҳам баланд бардоштани обрӯю нуфузи ҷумҳурӣ рӯйдоди таърихии беназир хоҳад шуд.

Мехоҳам як марҳилаи муҳими таърихӣ оид ба ташаббусҳои кишварҳои ҷаҳон дар доираи СММ, аз ҷумла Тоҷикистон ва қатъномаҳои махсуси СММ марбут ба ин ташаббусҳоро барои чунин шарҳ диҳам. Аз соли 1999, яъне аз соли пешниҳоди аввалин ташаббуси байналмилалии Тоҷикистон то ҳол СММ вобаста ба ташаббусҳои кишварҳои ҷаҳон дар соҳаҳои гуногун қатъномаҳои махсус оид ба эълони солҳои дар ин ё он мавзӯи муайян қабул намудааст. Аксарияти ин қатъномаҳо ҳоло вобаста ба моҳияташон амал намекунанд ё мӯҳлати татбиқашон ба итмом расидааст, ки пайгирии мавзӯъ ва идомаи ёфтани чунин ташаббус имкон надорад ё мувофиқи мақсад шуморида намешавад, вале дар баробари ин ҳама қатъномаҳои СММ вобаста ба ташаббусҳои кишварҳои ҷаҳон аз соли 1999 то соли 2023 қабулшуда бояд махсус қайд намоям, ки ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи об, ки тамоми мавҷудоти олам аз он вобастагӣ дорад, ягона қатъномаи ва ташаббуси амалкунанда мебошад, ки тайи ду даҳсола амал намуда истодааст. Баъд аз гузашти солҳо, имрӯз низ пайгирии минбаъдаи мавзӯи мазкур дар доираи дипломатияи об дар низоми сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дошта, вобаста ба ташаббусҳои навбатии кишвари мо қатъномаҳои махсуси СММ пай дар пай қабул гардида истодааст, ки он бозгӯи сиёсати санҷидашуда ва ояндабинонаи бунёдгузори сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Талошҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои тақсими одилонаи манбаъҳои обӣ дар минтақа низ хеле таъсиргузор ва калидӣ буда, зимни суханрониҳои хеш борҳо омодагии Тоҷикистонро ҷиҳати истифодаи оби кӯли Сарез барои ҳамаи кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ иброз доштанд, ки аз сиёсати башардӯстонаю сулҳпарваронаи Пешвои миллат ва хизмати шоистаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тамоми мардуми минтақа мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии бевоситаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз ҳамчун ташаббускори ду раванди муҳими ҷаҳонӣ, яъне, «Раванди Душанбе дар масъалаи об» ва «Раванди Душанбе оид ба мубориза бо терроризм» эътироф гардидааст.

Дарвоқеъ, ташаббусҳо ва талошҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҳамгироӣ, муттаҳидшавӣ ва умуман наздикшавии кишварҳои Осиёи Марказӣ аз тарафи кишварҳои ҳамсояи мо муҳиму саривақтӣ ва дар умум мусбат пазируфта мешаванд, зеро ҳама ташаббусҳо ва талошҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири сулҳу амният, рушди устувор ва ояндаи дурахшони минтақаи Осиёи Марказӣ нигаронида шуда, кишварҳои минтақа, махсусан Пешвои миллатро роҳбарони ин кишварҳо ба фаъолияти созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳои баланд дода, эҳтиром ва эътирофи хосса менамоянд.

Далели ин амр дар он зоҳир мешавад, ки роҳбарони кишварҳои абарқудрати ҷаҳонӣ ва инчунин роҳбарони кишварҳои минтақа дар суханрониҳояшон оид ба таҷрибаи ғании роҳбарӣ ва сарвари сиёсии муваффақ ва сиёсатмадори барҷастаи сатҳи ҷаҳонӣ будани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро махсус қайд намуда, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро борҳо бо мукофотҳои олӣ ҳамчун нишони арҷгузорӣ ва қадрдонӣ сарфароз гардонидаанд. Махсусан нақши калидӣ ва саҳми арзандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар тақвияти дӯстӣ, бунёди намунаи олии ҳамкорӣ миёни кишварҳои минтақа ва тавсеаи ҳамкориҳои судманду созанда миёни Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказиро ба назар гирифта, президентҳои кишварҳои Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо мукофотҳои олии давлати худ ҳамчун нишони арҷгузорӣ ва қадрдонӣ сарфароз гардонидаанд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев дар бораи шахсияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин суханони нек гуфтаанд: «Мо Шуморо ҳамчун арбоби барҷастаи давлатии Тоҷикистони муосир, фарзанди фарзонаи халқи худ ва Пешвои ҳақиқӣ мешиносем, ки ба хотири сулҳу оромӣ ва шукуфоии кишваратон бо суботкорӣ зиёд заҳмат мекашед».

Баланд гаштани эътибор ва маърифати ҷаҳонӣ касб намудани Президенти давлати мо, пеш аз ҳама, аз муваффақияти касбӣ, хизматҳои бесобиқа, фикру андешаю дар бораи созандагию бунёдкорӣ ва сатҳи маҳбубияташон дар байни мардумони Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон бармеояд.

Дар бораи мақом ва эътирофи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари сиёсии пуртаҷриба дар сиёсати байналмилалӣ гуфтаҳои сарварони сатҳи баланди ҷаҳонӣ низ хеле зиёд аст. Аз ҷумла, барои тақвияти ин гуфтаҳо суханони Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпинро дар Саммити якуми сарони кишварҳои «Чин - Осиёи Марказӣ» ба хотир меорем, ки чунин ибрози андеша намудааст: «Шумо, Ҷаноби Президент, миёни мо - сарони давлатҳо аз ҳама сиёсатмадори пуртаҷриба ба шумор меравед, ки дар саргаҳи таъсиси Созмони ҳамкории Шанхай қарор доштед. Шумо хеле сиёсатмадори хирадманд, пуртаҷриба ва дурбин ҳастед ва дар рушди муносибатҳои дуҷониба нақши муҳим мебозед. Пешниҳод ва андешаҳои Шумо барои мо ниҳоят муҳим мебошанд».

Воқеан ҳам, эҳтирому эътирофи Сарвари давлати мо дар сатҳи ҷаҳонӣ - ин эҳтирому эътирофи миллату давлат ва соҳибистиқлолии Тоҷикистони азиз мебошад.

Маҳз, маҳорати идоракунӣ, шуҷоатмандӣ, далерӣ, қотеият дар қабули қарорҳои сиёсӣ ва хиради сиёсию адолати иҷтимоии Сарвари давлати тоҷикон боис гардид, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо дар дохили мамлакат, балки дар сатҳи байналмилалӣ шуҳрату эътибор пайдо намоянд.

Бояд қайд намуд, ки ташаббусҳои байналмилалии пешниҳоднамудаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби давлатҳои Осиёи Марказӣ комилан ва ҳамеша дастгирӣ ёфтаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ин дастгириҳоро қадр мекунад ва он аз сиёсати неки ҳамсоягӣ ва дастгирии мутақобилаи давлатҳои Осиёи Марказӣ дарак медиҳад. Итминони комил дорем, ки ин иқдомҳо дар пешрафти минтақа саҳми бузург хоҳанд дошт.

Ҳамзамон, мехоҳам таъкид намоям, ки Тоҷикистон ҳамеша аз ташаббусҳои глобалии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чаҳорчӯбаи СММ, ки ба рушди минтақа нигаронида шудааст, дастгирӣ намуда, минбаъд низ дастгирӣ хоҳад кард.

Бояд гуфт, ки ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон барои ҳалли мушкилоти воқеии башарият пешниҳодҳои воқеӣ ва муассир буда, ҳадафу вазифаҳои онҳо вобаста ба авлавияташон хеле оқилона гузошта шуда буданд. Мавқеи санҷидашуда ва мутавозини Тоҷикистон, бешубҳа, ба таҳкими обрӯи байналмилалии Тоҷикистон ва мавқеи минбаъдаи мамлакат ҳамчун неруи бонуфуз, созанда дар суботи минтақавӣ мусоидат мекунад.

Метавон гуфт, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Сарвари сиёсии муваффақ, сиёсатмадори барҷастаи сатҳи ҷаҳонӣ, кафили ҳифзи манфиатҳои миллию минтақавӣ ва обрӯю эътибори миллати тоҷик дар арсаи минтақа ва ҷаҳон мебошанд.



**Парвиз МУҲАММАДЗОДА,**
**доктори илмҳои сиёсӣ,**
**муовини директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ҲЕҶ НЕЪМАТ БЕҲ ЗИ ИСТИҚЛОЛ НЕСТ

**Таърихи башарӣ борҳо собит намудааст, ки ташаккули давлатдорию давлатсозӣ бидуни соҳибистиқлолӣ имконнопазир аст. Аз ин рӯ Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 9-уми сентябри соли 1991 расман эълон гардид, волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату миллати тоҷик ба ҳисоб меравад.**

Даврони истиқлолият барои мо шароити воқеӣ фароҳам оварад, ки роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи Тоҷикистони азизу маҳбубамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем. Ҳамаи он чӣ, ки мо дар 32 соли соҳибистиқлолӣ ба даст овардем, ба шарофати маҳз ҳамин арзиши олию муқаддас мебошад.

Дар бораи дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ соатҳо ҳарф задан кам аст, аммо гуфтан дар бораи НБО «Роғун» - иншооти бузурги аср, ки маҳз, бо шарофату файзу баракати истиқлолияти давлатӣ амалӣ гардидааст, шаҳомати арзиши соҳибистиқлолиро дар худ таҷассум менамояд. Сохтмоне, ки ҳанӯз дар замони шӯравӣ ба нақша гирифта шуда буд, дар давраи гузариш ва истиқлолият ба даст овардани Тоҷикистони ҷавон қатъ гардид. Нияту нақшаҳо нотамом ва ба гӯшаи фаромӯшӣ рафтанд. Батадриҷ, корхонаю коргоҳҳо аз фаъолият бозмондаю барҳам хӯрданд. Хушбахтона, неругоҳ чун пайвандгари дирӯзу фардо ба он ҳама мушкилот на танҳо боқӣ монд, балки дар замони соҳибистиқлолӣ умри дубора ёфт.

Бунёди НБО «Роғун» яке аз дастовардҳои бузурги даврони соҳибистиқлолӣ ва иқдомҳои ҷасуронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.Ба воқеият табдил ёфтани ин орзую омоли чандинасраи тоҷикон обрӯ ва мавқеи миллатро дар арсаи ҷаҳонӣ ба маротиб боло бурд.

29-уми октябри соли 2016 бунёди сарбанди Неругоҳи барқи обии «Роғун» оғоз гардида, 16-уми ноябри соли 2018 бошад, бо иштироки бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон агрегати якуми НБО «Роғун» ба кор шурӯъ кард.

9-уми сентябри соли 2019 агрегати дуюми НБО «Роғун» ба кор даровaрда шуд, ки он дар таърихи давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол боз як рӯйдоди муҳиму тақдирсоз гардид.

Ҳукумати мамлакат расидан ба истиқлолияти энергетикиро яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат қарор дода, барои расидан ба он тамоми захираю имкониятҳоро сафарбар намудааст. Рушди соҳаи энергетика ба тараққиёти муназзами иқтисоди Тоҷикистон, хусусан дар самти татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати Тоҷикистон, нақши калидӣ мебозад.

Баъд аз пурра ба истифода додани неругоҳ имкон аст, ки дар ҷумҳурӣ даҳҳо корхонаи хурду бузурги саноатӣ бунёд ва ҳазорҳо ҷойҳои нави корӣ таъсис ёфта, он ба рушду пешрафти соҳаҳои иқтисодии мамлакат, ноил гардидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ ва таъмини зиндагии шоистаи халқи тоҷик мусоидат менамояд.

Дар мавриди мақому арзиши баланди истиқлолият бошад, гуфтанием, ки дар ҷаҳон, кам нестанд халқу миллатҳое, ки даҳсолаҳо барои ба даст овардани истиқлолияти миллӣ дар муборизаанд, вале ноком. Ин ҳама мо - миллати тоҷикро бояд водор ба он созад, ки бо ҳисси баланди зиракии сиёсӣ истиқлолияти давлатии худро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем. Бо шукргузорӣ ба қадри он бирасем ва дар роҳи сулҳу субот ва созандагию бунёдкорӣ атрофи роҳбарияти давлату Ҳукумати мамлакат муттаҳиду сарҷамъ бошем.



**Мирзо РУСТАМЗОДА,**
**«Садои мардум»**



ВОРИС,
«Садои мардум»

## ҶАЛОЛИ ИСТИҚЛОЛ

**Дил аз ҷалол бигӯяд аз он ҷалоли Истиқлол,**
**Аз он шаҳомати пойдору безаволи Истиқлол.**

**Зи ҷоннисорию ҷонбозию ҳам аз ватандорӣ,**
**Ки қавли мо агар ин аст, хуш ба ҳоли Истиқлол.**

**Кушодааст пару боли худ ба рӯи мо Симурғ,**
**Ки пайки ҷовиди ишқ аст пайки боли Истиқлол.**

**Тановар асту ситабр асту устувору тавоно,**
**Чу кӯҳсори халқи мо бубин камоли Истиқлол.**

**Ватан, баҳори ҷовидон барои ту муборак аст,**
**Ки шодии абад диҳад ба мо ҷамоли Истиқлол.**

**Мабод чашми бади душмане расад ба ин авранг,**
**Ки тахту тоҷи шараф ёри бемалоли Истиқлол.**

**Ғазал-ғазал, ки сарояд дилам таронаи ишқат,**
**Ҷаҳони меҳри дилу ин Ватан ҳалоли Истиқлол.**

**Дил аз ҷалол бигӯяд, ки ин ҷалоли абадро,**
**Шукӯҳу шон бибахшад, фақат ҷалоли Истиқлол.**



Ҷӯрабек МУЪМИН

## ТО КАҲКАШОН САР МЕКАШЕМ

**Мо зи истиқлоли худ бар осмон сар мекашем,**
**Даст бар маҳ медиҳем, то каҳкашон сар мекашем.**
**Рӯи олам ҳамчу хуршеди ҷаҳон сар мекашем.**
**Муттаҳиду якдили як хонадон сар мекашем,**
**Дар баҳори гулшукуфти бӯстон сар мекашем,**
**Ҳамчу рангорангии тиру камон сар мекашем.**

**Ваҳдати мо Тоҷикистонро гулистон кардааст,**
**Обрӯю эътиборашро дучандон кардааст.**
**Сарзамини нозанинашро зарафшон кардааст,**
**Рӯзии халқи азизашро фаровон кардааст.**
**Парчами болобаландашро парафшон кардааст,**
**Дар ҳавои бӯстони бекарон сар мекашем.**

**Мо, ки аз ваҳдат камоли шодмонӣ дидаем,**
**Неку бадро дар мизони ақлҳо санҷидаем.**
**Аз хатокории худ дар лойи худ лағжидаем,**
**Фарқи байни дӯст аз душман басо фаҳмидаем.**
**Ҳарфи номардонаи ёрони худ бишнидаем,**
**Бо ғурури наъраи шери жаён сар мекашем.**

**Кӯр бодо дидаи бадхоҳи тоҷик, кӯр бод!**
**Бо зану фарзандҳояш доиман ноҷӯр бод!**
**Иллати балвогарӣ дар синааш ранҷур бод!**
**Боди бадхоҳӣ миёни хонааш дар шӯр бод!**
**Баъди маргаш бекафан аз зодгоҳаш дур бод!**
**Мардуми олам бидон, мо ҷовидон сар мекашем.**

# ШАҲРИ ВАҲДАТУ ЯГОНАГӢ

**Имрӯз симои шаҳри Ваҳдат ба куллӣ тағйир ёфта, он яке аз марказҳои калонтарини саноатию кишоварзии мамлакат ба ҳисоб рафта, дорои таърихи бой ва ёдгориҳои наҷиб мебошад.**

Баъд аз соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон ноҳияи Орҷоникидзеобод ба Кофарниҳон табдили ном кард. Бо заҳмату талоши зиёди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расида, дар Тоҷикистон сулҳ ва ваҳдати миллӣ таъмин гардид. Ба муносибати ин рӯйдоди муҳим бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003 Кофарниҳон ба Ваҳдат номгузорӣ шуд.

Сарчашмаҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки аксари минтақаҳои ин диёр, ба монанди деҳаҳои Симиганҷ, Панҷикон, Дияҳмон, Бакарон, Чорбоғ, Пчев, Лошғарф, Арху, Вистан, Лифиғар, Ёс, Чӯянгарон, Ромит таърихи беш аз ҳазорсола доранд. Баъдтар дар ин ҷо деҳаҳои Фриштӣ, Роҳатӣ, Тангаӣ, Ғешӣ, Арбобдара, Мачитон, Гулистон ва Камонгарон арзи ҳастӣ карданд. Дар мавзеи Симиганҷ, аниқтараш дар деҳаи Шодмонқалъа, маконе бо номи «Қалъаи Бостонӣ» мавҷуд аст, ки таърихи куҳантар дорад. Бинобар гуфтаи донишмандон, ин ду мавзеъ бо шаҳрҳои қадимаи Вашгирд ва миригарии Ҳисор алоқаи тиҷоратӣ доштаанд. Тибқи кофтукови археологӣ маълум гардид, ки мавзеи «Қалъаи Бостонӣ» ҳанӯз асрҳои IV - II пеш аз милод вуҷуд доштааст. Дар натиҷаи кофтукови бостоншиносон дар деҳаи Хушон қалъаи «Посбонҳо» ва дар деҳаи Коху қалъаи «Ҳисорак» маълум шуд, ки пайдоиши онҳо ба асри X - XII рост меояд.

Тайи солҳои охир ба шарофати соҳибистиқлолӣ ва ваҳдати миллӣ дар шаҳри Ваҳдат 55 ёдгории таърихию фарҳангӣ эҳё ва мақбараи Мавлоно Юсуфи Ҳамадонӣ таъмиру тармим шуда, ба зиёратгоҳи меҳмонони дохилию хориҷӣ табдил ёфт.

Соҳибистиқлолӣ ва ваҳдати миллӣ шаҳри Ваҳдатро сарсабзу хуррам гардонид. Иншооти муосири бо усули замонавӣ, хиёбонҳои ба тариқи нав бунёдшуда шаҳрро ба мавзеи диданию дилрабо табдил додаанд. Доманакӯҳҳои Симиганҷу Ромит ва қаторкӯҳҳои Ҳисор, майдонҳои васеи киштзор ва дарёҳои Кофарниҳону Элок барои меҳнати аҳлонаи заҳматкашони шаҳраку деҳоти шаҳри Ваҳдат мусоидат мекунанд.

Бинобар мавҷудияти мавзеъҳои истироҳатию инфрасохтори сайёҳӣ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 358 аз 18-уми сентябри соли 2000 дараи Ромит минтақаи истироҳатӣ ва туризм эълон гардид. Имрӯз дар ин дара оби шифобахши «Зайрон», «Резервати биосферии Ромит», 61 истироҳатгоҳ мавҷуд мебошад. Инчунин, 210 хонаи истироҳатӣ, 15 меҳмонхонаи замонавӣ, 4 ҳомстей, 36 ошхона, 4 мағозаи фурӯши армуғон, беш аз 100 дӯкони ҳунармандон, 25 нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ, 25 банкомат ва 30 маркази хизматрасонии автомобилӣ барои рушди соҳаи сайёҳӣ имконият фароҳам овардааст.

Манзараҳои нотакрор ва обу чашмаҳои мусаффои мавзеи Симиганҷу дараи Ромит, боғу токзори деҳоти «Чорсу», меваҳои боғоти хоҷагии «Сомонӣ»-и деҳоти ба номи А. Абдулвосиев, хоҷагии деҳқонии «Ёқут»-и деҳоти ба номи Карим Исмоилов, сабзавоту полезиҳои хоҷагиҳои деҳқонии деҳоти «Чӯянгарон», «Симиганҷ», «Гулистон» ва ба номи Б. Бурунов, гӯсфандони хоҷагии «Меҳнат-Роҳат»-и деҳоти «Ромит», хоҷагиҳои моҳипарварии деҳоти «Баҳор» ва «Ромит» низ аз ифтихороти мардуми шаҳри Ваҳдат мебошанд.

Дар 32 соли истиқлолияти давлатӣ дар шаҳри Ваҳдат дигаргуниҳои куллӣ ба вуқӯъ пайвастанд. Дар ҳашт моҳи соли равон истеҳсоли ғалла, сабзавот, картошка ва полезӣ нисбат ба 10-12 соли гузашта даҳҳо маротиба афзуд.



Имрӯз дар шаҳри Ваҳдат қасри фарҳанг, боғи фарҳангу фароғатӣ, осорхона, кохи маърифат, 6 хонаи маданият дар деҳот, китобхонаи марказӣ, 46 филиали китобхонаи марказӣ дар Ҷамоати деҳот, мактаби бачагонаи санъат, мактаби бачагонаи рассомӣ ба мардум хизмат мерасонанд.

Бахшида ба ҷашну идҳои давлатию миллӣ дар китобхонаи шаҳр ва деҳоти он озмуну конфронси хонандагон, маҳфилҳои адабӣ, мусиқӣ ва намоиши китоб баргузор мешаванд.

Хоҷагии халқи шаҳри Ваҳдат, нововбаста аз мушкилиҳои ҷойдошта, рушд ёфта, сатҳи зиндагии мардум баланд ва некуаҳволиашон беҳтар мегардад. Шаҳри Ваҳдат аз конданиҳои фоиданок низ бой аст. Захираҳои ангиштсанг (кони ангишти Сайёд), гази сӯзанда, флюорит, масолеҳи бинокорӣ, (гаҷ, гил, рег ва шағал), сангҳои ороишӣ, тилло, ашё барои истеҳсоли семент ба рушди соҳаи саноат мусоидат мекунад. Дар ин ҷо кони тиллои Покрӯд воқеъ аст. Аз баракати фаъолияти бонизому пурсамари ин коргоҳҳо ва дигар корхонаҳои саноатии мавҷуда мардум зиндагии осудаҳолона доранд.

Мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми декабри соли 2003 таҳти №503 «Дар бораи Консепсияи рушди саноати Тоҷикистон» сохтмони корхонаҳои нав, азнавсозӣ ва барқарорсозии хатҳои нави технологӣ пешбинӣ шудааст. Айни замон дар шаҳри Ваҳдат беш аз 50 фоизи корхонаҳои саноатӣ бо ашёи хоми маҳаллӣ фаъолият доранд. ҶДММ «Хишти Ваҳдат», ҶДММ «Ганҷ-2000», ҶДММ «Ваҳдат-Хуалун», ҶДММ «Шуҳрати Ҷаҳонгир», ҶДММ «Кирамзит», ҶДММ «Исфанҷ-2019», ҶДММ «Тилло-Жило», ҶДММ «Уктам», ҶДММ «Беҳтарин Кола» ва ҶДММ «Зилол» аз ҷумлаи онҳо буда, хатҳои технологии корхонаҳои номбурда нав карда шуданд.

Ширкатҳои сохтмонӣ низ дар арафаи Ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кори зиёди ободониро ба анҷом расониданд. Аз ҳисоби маблағгузориҳои ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ ва соҳибкорон 20 иншоот мавриди истифода қарор дода шуд. Бинои баландошёнаи 50-ҳуҷрадор, маркази савдои замонавӣ (дар шоҳроҳи Ваҳдат-Файзобод), ҳаммоми замонавӣ ва маркази савдо (дар кӯчаи Сомониён) ва якчанд бинои баландошёнаи истиқоматӣ бо марказҳои хизматрасонӣ ва дигар нуқтаҳои савдо, ки дорои шароити зарурӣ мебошанд, аз иншооти калони ҷашнӣ ба ҳисоб меравад. Корҳои сохтмонӣ ва азнавсозии беш аз 50 мағозаю муассисаҳои маишӣ, иншооти истеҳсолӣ, коммуналӣ низ дар арафаи анҷомёбист.

Сию ду соли соҳибистиқлолӣ дар қиёс ба таърихи чандинҳазорсолаи давлату давлатдории миллати тоҷик фосилаи чандон тӯлонӣ нест, аммо дар сарнавишти ин миллати куҳанбунёд 32 сол ҳамчун давраи озмоиши ҷиддии таърихӣ дар дуроҳаи ҳастию нестӣ, марҳилаи аз вартаи азбайнравӣ нигоҳ доштан ва эҳё гардидан арзёбӣ мешавад. Он имтиҳони бузурги садоқат, қаҳрамонӣ, бунёдкорӣ аст.



**Муҳаммад ЗОКИР,**
**«Садои мардум»**

# ЯК СОЛИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

(хроникаи рӯйдодҳои муҳим аз 9.09.2022 то 9.09.2023)

21-уми марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Намоишгоҳи «Таърихи рушди Тоҷикистон», ки дар ҳошияи Конфронси оби СММ-2023 дар қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Ню-Йорк баргузор шуд, иштирок ва суханронӣ намуданд.

***

Аз 22 то 24-уми марти соли 2023 дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Конфронси оби СММ оид ба баррасии миёнамуҳлати фарогири татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор», солҳои 2018-2028 доир гардид. Зимни суханронӣ дар маросими пӯшидашавии Конфронси мазкур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки дар давоми се рӯзи охир Конфронси дуюми Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои об, ки пас аз 46 сол баргузор гардид, ҳазорон нафарро ҷамъ овард.

***

25-уми апрели соли 2023 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Левакант ба Неругоҳи барқи обии «Сарбанд» ташриф оварда, агрегати рақами 1-и ин иншооти муҳими энергетикии мамлакатро ба кор дароварданд. Агрегати рақами 1-и неругоҳ баъд аз таҷдиду навсозӣ бо тавоноии 39 МВт мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Неругоҳи барқи обии «Сарбанд» бо иқтидори лоиҳавии 240 МВт 5-умин иншооти калони амалкунадаи гидроэнергетикии мамлакат дар дарёи Вахш мебошад.

***

Бо даъвати Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 18 то 19-уми майи соли 2023 ба Ҷумҳурии Мардумии Чин сафари давлатӣ анҷом доданд.

***

Аз 22 то 23-юми майи соли 2023 бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон Форуми XVIII Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) баргузор гардид.

***

Дуюми июни соли 2023 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Чолпон-Атаи Ҷумҳурии Қирғизистон дар Мулоқоти дуюми сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо иштирок намуданд.

***

Аз дуюм то чоруми июни соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе мусобиқаи «Dushanbe Grand Prix 2023» оид ба дзю-до доир гашт, ки аз рӯи натиҷаи он мунтахаби дзю-дои Тоҷикистон мақоми аввалро касб намуд. Варзишгарони мо 3 медали тилло, 3 нуқра ва 1 биринҷиро ба даст оварданд.

***

8-уми июни соли 2023 Амири Давлати Қатар бо сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард. Дар ҳошияи сафари давлатии Амири Давлати Қатар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон маросими ифтитоҳи Масҷиди ҷомеи марказии шаҳри Душанбе баргузор гардид. Сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шайх Тамим бин Ҳамад Оли Сонӣ ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо бардоштани парда аз рӯи лавҳаи рамзӣ ин иншооти муҳими маънавиро ифтитоҳ карданд.

***

19-уми июли соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабл аз иштирок дар нахустин вохӯрии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои арабии Халиҷ аз шаҳри Ҷидда ба шаҳри Маккаи Подшоҳии Арабистони Саудӣ ташриф оварда, қиблаи мусулмонон – Каъбаро зиёрат карданд.

***

19-уми июли соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ҷиддаи Арабистони Саудӣ дар нахустин вохӯрии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои арабии Халиҷ иштирок ва суханронӣ намуданд.

***

15-17-уми августи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сафари корӣ анҷом доданд. Зимни ин сафар аз ҷониби Сарвари давлат якчанд корхонаи саноатӣ, иншооти маъмурию иҷтимоӣ, манзилҳои истиқоматӣ, аз ҷумла дар шаҳри Хоруғ корхонаи истеҳсоли конструксияҳои металлӣ, Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 8, беморхонаи марказии шаҳр, корхонаи истеҳсоли мебел, корхонаи истеҳсоли сангҳои сохтмонӣ, дар ноҳияи Роштқалъа зеристгоҳи барқии НБО «Себзор», хатҳои интиқоли барқи 110 - киловолтаи «Себзор-Хоруғ», «Ванҷ-Рӯшон» ва неругоҳи офтобӣ дар ноҳияи Мурғоб мавриди истифода қарор дода шуд.

***

20 августи соли 2023 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ барои анҷом додани сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Мардумии Чин сафар карданд.

Дар ҷараёни сафар ва суҳбату мулоқотҳо масъалаҳо оид ба таҳкими робитаҳои байнипарламентӣ, тавсеаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, ҷалби сармоя ба бахшҳои истеҳсолӣ ва рушди сайёҳӣ, тақвияти робитаҳо дар соҳаҳои маориф, илму техника ва тандурустӣ ва дигар соҳаҳо миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин мавриди баррасӣ қарор гирифт.

***

25-26-уми августи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қазоқистон сафари корӣ анҷом доданд. Зимни ин сафар мулоқоти сатҳи олии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев доир гардида, сарони давлатҳо дар маросими ифтитоҳи Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қазоқистон ва Намоишгоҳ-ярмаркаи маҳсулоти кишоварзӣ, саноатӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва таомҳои миллии тоҷикӣ иштирок карданд.



**Таҳияи Б. КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум»**

# ФАЙЗИ ИСТИҚЛОЛ

## Яке аз дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ таъсиси ноҳияи Балҷувон мебошад

**Яке аз дастовардҳои беназири мардуми ноҳияи Балҷувон дар солҳои соҳибистиқлолӣ таъсисёбии ноҳия мебошад, ки бо дастгирии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вуқӯъ пайваст. Дар ин давраи начандон зиёди таърихӣ ноҳия ба дастовардҳое ноил гардид, ки ба садсолаҳо баробар мебошад. Дар ин давра рушди инфрасохтори соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва маишию хизматрасонӣ таъмин гардида, ба беҳтаршавии сатҳи рӯзгори мардум ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ заминаи устувор гузошт.**

Дар ин давра яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати имрӯзаи давлату Ҳукумати ҷумҳурӣ - соҳаи маориф ба марҳилаи сифатан нав ворид гардида, бо истифода аз ҳамаи имконият 37 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла 16 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 10 асосӣ ва 11 ибтидоӣ, бо 2574 ҷои нишаст, ба истифода дода шуданд.

Дар соҳаи тандурустӣ 26 иншоот, аз ҷумла беморхонаи марказӣ, 2 беморхонаи қитъавӣ, 15 бунгоҳи тиббӣ, 7 маркази саломатӣ ва Маркази байналмилалии «Тавонбахшӣ» мавриди истифода қарор дода шудаанд.

12 иншоот, аз ҷумла Қасри фарҳанг бо 360 ҷои нишаст, гулгашти «Балҷувон», Осорхонаи таърихию кишваршиносии ноҳия аз зумраи иншооти ба истифода додашудаи соҳаи фарҳанг мебошанд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ панҷ маротиба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Балҷувон сафари корӣ анҷом дода, дар доираи онҳо зиёда аз 35 иншооти таъиноти гуногун, аз ҷумла корхонаҳои истеҳсолӣ, биноҳои маъмурӣ ва дигар иншооти маишию хизматрасониро мавриди истифода қарор додаанд. Ҳар як сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Балҷувон марҳилаи нави тараққиёти ноҳияро оғоз бахшида, ба бунёди даҳҳо иншоот ва амалисозии барномаҳои маҳаллӣ замина фароҳам меорад.

Ба шарофати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми майи соли 2018 таҳти № АП-1059 вобаста ба таҷлили Ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар ноҳияи Балҷувон 386 иншоот ба истифода дода шуд.

Дар доираи омодагиҳо ба Ҷашни 35-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ эъмори 257 иншоот пешбинӣ гардида, 51 иншоот мавриди истифода қарор гирифт. Дар 53 иншооти дигар корҳои сохтмонӣ ҷараён дорад.

Ин дастовардҳо самараи сиёсати хирадмандона ва бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки ноҳияи Балҷувон дорои табиати зебою нотакрор буда, ҷойҳои таърихию фарҳангӣ барои рушди сайёҳӣ мусоид мебошад.

Бо дастгирии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми ноябри соли 2001 ноҳияи Балҷувон минтақаи туризми байналмилалӣ эълон гардида, рушди инфрасохтори соҳа сол аз сол такмил ёфта истодааст. Ҳамасола шумораи зиёди сайёҳони дохилию хориҷӣ аз мавзеъҳои таърихӣ ва тамошобоби ноҳия боздид менамоянд, ки барои рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳия ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум нақши назаррас дорад.

Мардуми шарифи ноҳия хуб дарк мекунанд, ки истиқлолияти давлатӣ бениҳоят муқаддас буда, шарти муҳимтарини зиндагии шоистаи ҳар як фарди Ватан мебошад.



**Балхиё ҲАҚНАЗАРЗОДА,**
**муовини раиси ноҳияи Балҷувон**

# ҶАВОНОН - НЕРУИ СОЗАНДА ВА ТАҲКИМБАХШИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

**Дар яке аз суханронияшон ба муносибати ҷашни Истиқлолияти давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид карда буданд: «...фалсафаи ҳаёт ин аст, ки ояндаи ҷомеа, идораи давлату миллат, ҳифз кардан ва афзун намудани музаффариятҳои истиқлолият ба дасти ҷавонон мегузарад.**

Ҳамин аст, ки дар ҷаҳони пуртазоди муосир мубориза барои мафкураи ҷавонон торафт пурзӯр мегардад. Зеро ҷавонони бетаҷрибаву ноогоҳро ҳама гуна қувваҳои ифротӣ метавонанд ба худ моил сохта, онҳоро барои амалӣ намудани ҳадафҳои ғаразноки сиёсии худ истифода баранд. Инро нобасомониҳои аввали солҳои навадуми асри гузашта дар кишвари мо бо ҳамаи пайомадҳои нохуш собит сохтанд».

Тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ваҳдат, худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ дар шароити имрӯза аҳамияти беш касб менамояд. Ин аст, ки ҳар рӯз моҳияти ваҳдату ватандорӣ ва худшиносии миллӣ аз ҷониби калонсолон ба ҷавонон ташвиқ мегардад.

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастоварди беназир буда, посу эҳтиром ва ҳифзу нигоҳдории он вазифаи ҳар як фарди кишвар, махсусан ҷавонон аст. Тоҷикистон яке аз аввалин давлатҳоест, ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон»-ро қабул намуда, ба хотири дастгирию муттаҳидии ҷавонон мақоми ваколатдори кор бо ҷавононро таъсис дод. Дар ин замина чандин барномаҳо таҳия ва қабул шуданд, ки муҳимтарини онҳо қабули барномаҳои давлатӣ оид ба ҷавонон, таъсиси стипендия ва квотаҳои президентӣ, грантҳо, Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимону муҳаққиқони ҷавон ва ғайра мебошанд. Илова бар ин, ба шарофати истиқлолияти давлатӣ ва бо назардошти имкониятҳои мавҷуда, давлату Ҳукумати Тоҷикистон тавонист, ки шароити зарурировбарои омӯзишу таҳсили ҷавонон дар дохили кишвар ва берун аз он фароҳам орад.

Дар замони ҷаҳонишавӣ, ҷавонон бояд кӯшиш намоянд, ки худшинос, ватандӯсту бомаърифат бошанд, то дар ҳама самтҳо ташаббус зоҳир намуда, барои мардуми хеш хизмат намоянд ва дар арсаи байналмилалӣ нуфузу обрӯи Ватани маҳбубамонро баланд бардоранд. Бояд гуфт, ки рушди босуръати илму технология раванди ҷаҳонишавиро бештару зудтар кард. Мусаллам аст, ки ин раванд бештар тарафҳои мусбат ва манфии худро дорад. Ҷиҳати мусбат он аст, ки илму технология ва маҳсулоти гуногуни мавриди ниёз тавассути нақлиёти ҳавоӣ, заминӣ ва обӣ ба ҳама гӯшаи дунё кашонида мешавад, ҷиҳати манфии ин раванд дар он аст, ки ба нобудии фарҳанг, забонҳои мухталиф, урфу одати миллии халқҳои гуногун оварда мерасонад. Ба ҷои ҳамаи ин рушди босуръати синамои ғарб, ки дар он фаҳшу зӯроварӣ, фанатизм ва манякизм - бемориҳои рӯҳии ҷамъиятие, ки ҷони инсон дар он қадр надорад, паҳн гашта, зарбаи сахте ба пойдевори таомули мардуми мамолики гуногун мезанад.

Яке аз тарафҳои манфии ҷаҳонишавӣ, ки дар соҳаи иқтисодиёт мушоҳида мегардад, дар таъсири ширкатҳои калони байналмилалӣ – консернҳои трансмиллӣ ва аз тарафи онҳо монополия шудани бозор ва пахш кардани соҳибкории хурду миёна аст. Дар марҳилаи навини рушди иқтисодию иҷтимоии кишварамон ҷалби неруи ҷавонон, хусусан, дар татбиқи ҳадафҳои созандаи Ҳукумати мамлакат бағоят муҳим мебошад. Бо қаноатмандӣ изҳор метавон кард, ки истиқлолияти давлатӣ роҳи ҷавононро ба сӯи бунёдкорию созандагӣ боз кард ва замина гузошт, ки онҳо дар рушди мамлакат саҳми назаррас ва шоиста дошта бошанд. Аммо, як зумра ҷавонони ноогоҳ аз тамаддуни ниёгону фарҳанги миллӣ дур монда, ба доми фиреб афтода, шомили гурӯҳҳои ифротию террористӣ мешаванд. Ғайр аз ин, ҷавононеро низ дучор меоем, ки шуури сиёсии паст доранд, ба дурӯғу буҳтони нафароне бовар мекунанд, ки берун аз кишварамон қарор доранд ва пайрави гуфтору кирдори онҳо шуда, хиёнат ба Ватану миллати хеш мекунанд. Ин қабил ҷавонон ҷаҳонбинии танг, сатҳи маърифатнокии паст дошта, аз таъриху фарҳанг, мазҳаб ва дину оини аҷдодии хеш фарсахҳо дуранд. Насли ҷавони имрӯзаро зарур аст, то дорои ҳисси баланди миллӣ бошанд, бо Ватан, миллат ва давлати соҳибистиқлоли худ ифтихор намуда, барои ҳимояи он ҳамеша омода бошанд. Ҷавононро мебояд, ки зиндагии хешро бо илму адаб устувор сохта, ба ақлу хирад такя кунанд, роҳи садоқат ба Ватанро бо андӯхтани илму дониши мукаммал обод созанд.

Ҳақиқат он аст, ки инсони донишманд, ҳунарманд ва дорои эҳсоси баланди ифтихори ватандоридошта ҳеҷ гоҳ дар зиндагӣ хор намешавад. Барои пайдо кардани хислатҳои нек метавон аз осори гаронбаҳои аҷдодони бузурги мо, ба монанди устод Рӯдакӣ, Сино, Берунӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Бедил, Румӣ, Ҷомӣ, Кошифӣ, Аттор, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва дигар бузургони илму адаб истифода бурд. Осори онҳо барои тарбияи ҷавонони замони имрӯза дарси беҳамто ва маншаи ахлоқу одамият метавонад бошад. Майл ва алоқа ба илм аз тафаккур ва дунёи ботинии фард вобастагӣ дорад. Чунин шуур аз саҳми тарбияи фард дар оила ва мактаб шаклгирӣ пайдо мекунад. Бинобар ин, ҳар як ҷавон барои рушди маънавии худ ва ҳатто аҳли оилаи худ бояд кӯшиш ба харҷ диҳад.

Душмани асосии ҳар як инсон ин танбалист. Бо пешравиҳои соҳаҳои гуногуни ҷомеаи мо, ки баръало мебошанд, эҳтиёҷ ба мутахассисони меҳнатдӯст, эҷодкор бештар мешавад. Ҳар як ҷавон бояд аз меъёрҳои маънавӣ, арзишҳои миллӣ, одобу ахлоқи муоширатро меҳвар қарор дода, бештар ба илму адаб, варзиш, касбомӯзӣ, забономӯзӣ аҳамият диҳанд ва аз осори таърихӣ, фарҳангӣ ва илми аҷдодӣ барои такмили шахсияти худ истифода бурда, ҳамзамон дар ободии Ватан саҳмгузор бошанд.



**Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ,**
**«Садои мардум»**

Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.

ОБУНА - 2024

ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2024 ИДОМА ДОРАД.

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА ХОРИҶИ МАМЛАКАТ ХАБАРДОР МЕКУНАД.

НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА, БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МУАССИСАҲОИ АЛОҚАИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА **196 СОМОНӢ** МУҚАРРАР ШУДААСТ.

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»:* с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877; Шуъбаи №2 БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-54-57.

*Обуна дар идораи рӯзнома, муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳои кишвар қабул шуда, пешохангон, ҳамчунин, шахсони алоҳидае, ки бо идораи рӯзнома шартнома баста, дар ин кор саҳм мегиранд, қадрдонӣ мегарданд.*

БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 417658 | Муассисаи давлатии таълимии «Гимназияи ба номи Асадулло Ғуломов»-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.09.2023 11:45:00 |
| 2 | 417649 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Бохтар | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 35 | 26.09.2023 15:45:10 |
| 3 | 417651 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Чароғон намудани пиёдароҳи лаби дарёи Душанбе дар кӯчаи Соҳилии ноҳия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 26.09.2023 16:45:00 |
| 4 | 417653 | Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои варзишӣ, ноутбук, либос ва пойафзол | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 18 | 26.09.2023 17:40:00 |
| 5 | 417655 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Деваштич | Асбобу анҷоми лабораторӣ ва хониш, таҷҳизоти лабораторӣ, мебели мактаб, асбобҳои мусиқӣ ва таҷҳизоти оргтехникӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 420 | 26.09.2023 19:15:00 |
| 6 | 417657 | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавии сохтмони «Бинои Маркази адлия» дар ноҳияи Фархор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 27.09.2023 10:50:00 |
| 7 | 417659 | Маркази клиникавӣ - эндокринологии вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 70 | 27.09.2023 13:14:15 |
| 8 | 417660 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатии шаҳрии №1»-и шаҳри Хуҷанд | Таъмири намои бино, фарши утоқи корӣ ва қисман иваз намудани дару тирезаҳои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.09.2023 15:00:00 |
| 9 | 417661 | Муассисаи давлатии дастаи футболи «Клуби марказии варзишии артиш»-и Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории минбари варзишгоҳи муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.09.2023 15:45:00 |
| 10 | 417667 | Маркази ҷумҳуриявии «Технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия» | Маводи канселярӣ, воситаҳои оптикӣ (диск) барои сабт ва ноутбук | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 18.09.2023 15:30:00 |
| 11 | 417663 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳо»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Гузоштани сангфарш дар канори роҳи автомобилгард, воқеъ дар маҳаллаи 81-уми ноҳия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 18.09.2023 16:40:00 |
| 12 | 417662 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Таъмири намои берунаи биноҳои истиқоматӣ, воқеъ дар хиёбони Рӯдакӣ - 106 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.09.2023 16:20:53 |
| 13 | 417664 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-и ноҳияи Ёвон | Арматура ва тахта | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 27.09.2023 17:00:35 |
| 14 | 417665 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №39-и ноҳияи Ёвон | Рангубори даруни бино, таъмири фарш ва васл намудани таҷҳизоти мактабии муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.09.2023 17:10:20 |
| 15 | 417666 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №4-и ноҳияи Ҷалолуддини Балхӣ | Таъмири муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.09.2023 17:15:35 |
| 16 | 417668 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №19»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 40 | 28.09.2023 13:00:00 |
| 17 | 417669 | Муассисаи давлатии тандурустии таваллудхонаи вилоятии вилояти Суғд | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 28.09.2023 13:00:00 |
| 18 | 417670 | Шуъбаи маорифи шаҳри Гулистон | Ашё, лавозимоти синфхонаи лабораторӣ, мебел ва асбоби мусиқӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 372 | 28.09.2023 13:00:00 |
| 19 | 417671 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №22-и ноҳияи Ёвон | Иваз намудани дар, тиреза ва таъмири фарши бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.09.2023 13:25:45 |
| 20 | 417672 | Беморхонаи марказии ноҳияи Панҷ | Доруворӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 81 | 28.09.2023 13:35:55 |
| 21 | 417673 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №24-и ноҳияи Ёвон | Азнавсозии ду синфхона дар назди бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.09.2023 13:50:45 |
| 22 | 417674 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисми эҳтиётӣ ва маводи масрафӣ барои чиллерҳо (низоми сард - гармкунии биноҳо) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 28.09.2023 14:20:00 |
| 23 | 417675 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 18 | 28.09.2023 14:30:00 |
| 24 | 417676 | Маҷмааи давлатии «Кохи Борбад»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ, барқӣ, асбоби дастӣ, миз барои маҷалла, алафдаравак ва воситаи алоқа (рация) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 24 | 28.09.2023 14:50:00 |
| 25 | 417677 | Муассисаи давлатии «Озмоишгоҳи миллии референсӣ» | Маҳсулоти лабораторӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 28.09.2023 14:59:59 |
| 26 | 417678 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ» | Дастгоҳи тиббӣ, лампа барои ҳуҷраи ҷарроҳӣ ва аробачаи маъюбӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 28.09.2023 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо» муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ЗАПРОС НА ВЫРАЖЕНИЯ ЗАИНТЕРЕСОВАННОСТИ КОНСУЛЬТАЦИОННЫЕ УСЛУГИ (ОТБОР ФИРМ)

**Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка (Грант МАР №: D9780-TJ) для реализации Проекта «Повышение готовности и устойчивости к бедствиям в Таджикистане» и намерена использовать часть средств на Выполнение услуг по составлению цифровой карты всей сети связи Комитета по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне при Правительстве Республики Таджикистан (КЧС и ГО).**

Группа реализации проекта (ГРП) «Повышение готовности и устойчивости к бедствиям в Таджикистане» приглашает правомочные консультационные компании с опытом работы для участия в конкурсном отборе для выполнения вышеуказанных услуг.

С техническим заданием на выполнение услуг можно ознакомиться по ссылке **http://surl.li/kvksf**

Предложения с выражением заинтересованности должны быть представлены в адрес Группы реализации проекта (ГРП) в письменной форме на русском / английском языке (с копией) не позднее $17^{00}$ часов 20 сентября 2023 г. (лично, по почте, по факсу или по электронной почте).

Для включения в короткий список заинтересованные консультационные компании могут представить информацию о своей квалификации и опыте в предоставлении подобных услуг (брошюры, описание предыдущего опыта в оказании подобных услуг, наличие опытных специалистов с их резюме).

В этот же адрес можно обратиться для получения дополнительной информации в рабочие часы с $9^{00}$ до $17^{00}$ с понедельника по пятницу.

**Адрес:** Комитет по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне при Правительстве Республики Таджикистан, Группа реализации проекта (ГРП КЧС и ГО) -Республика Таджикистан - **г. Душанбе, улица Лохути - 26. Тел: (+992 37) 221-91-19, 223-13-11 / мобильный 880-00-28-28. Эл.почта: najot@rs.tj**

# ЗАПРОС НА ВЫРАЖЕНИЕ ЗАИНТЕРЕСОВАННОСТИ ПРОЕКТ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ УПРАВЛЕНИЯ ВОДНЫМИ РЕСУРСАМИ В ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ КРЕДИТ ИБР №TJK-1013

Правительство Таджикистана получило кредит от Исламского банка развития для финансирования реализации проекта «Улучшения управления водными ресурсами Хатлонской области», далее именуемый «Проект». Общая стоимость проекта оценивается в 53.50 млн. долларов США. Проект будет финансироваться Исламским фондом солидарности для развития ИФСР (ISFD), Фондом международного развития ОПЕК (OF1D), Саудовским фондом развития (SFD) и Правительством Таджикистана. Вклад ИБР составляет 15,00 млн. долларов США. Агентство по мелиорации и ирригации является исполнительным агентством, которому поручено выполнение и контроль за реализацией проекта через Центр реализации проекта «Улучшения управления водными ресурсами в Хатлонской области».

**Цели Проекта.** Цель Проекта заключается в повышении уровня жизни сельского населения путем улучшения управления водными ресурсами с учетом устойчивости к последствиям изменения климата. Это приведет к росту сельскохозяйственного производства, продовольственной безопасности.

**В этих целях планируется нанять следующих специалистов:**

***• Заместителя директора ЦРП,***

***• Главного инженера ЦРП,***

***• Инженер миротехник/мелиоратор ЦРП,***

***• Полевого инженера ЦРП (2 позиции).***

Консультант будет отобран в соответствии с процедурами, изложенными в руководстве ИБР по найму консультантов (Апрель, 2019 года).

**Заместитель директора ЦРП, место работы г. Дангара.**

**Квалификационные требования:**

• Высшее профессиональное (техническое или инженерно-экономическое) образование и стаж работы на руководящих должностях не менее 5 лет. Общий стаж работы – не менее 15 лет;

• Взаимодействие с заказчиком, субподрядчиками, надзорными органами, государственными органами;

• Умение проводить оценку эффективности принятия проектных решений и умение разработки оптимальной концепции организации работ в проекте;

• Участие в составлении и согласовании, оптимизация исполнения бюджета проектов;

• Координация выполнения работ, составление и контроль исполнения графиков реализации проектов;

• Опыт работы в организации и эффективном взаимодействие структур ЦРП;

• Опыт в составлении своевременной отчетности о результате деятельности ЦРП;

• Гибкость и способность работать под давлением и в ограниченных временных рамках;

• Знание действующих нормативно-правовых документов необходимых для успешной реализации инвестиционных проектов;

• Наличие опыта работы в проектах, финансируемых международными инвестиционными институтами (МБРР, АБР, ИБР, ВБ и т.д.);

• Способность к аналитической работе и составлению отчётности;

• Владение компьютером, практический опыт работы с приложениями Microsoft;

• Коммуникабельность, доброжелательность, умение работать с партнерами по проекту, умение самостоятельно принимать решение;

• Способность и желание работать в команде с людьми разного культурного и религиозного происхождения, разного пола и разных политических взглядов, сохраняя при этом беспристрастность и объективность.

**Главный инженер ЦРП, место работы г. Душанбе.**

**Квалификационные требования:**

• Высшее инженерное образование в области гидромелиорации или водоснабжения;

• Опыт управленческой работы в сфере гидротехнического строительства или объектов водоснабжения и мелиорации не менее 5 лет, общий опыт работы в строительстве не менее 10 лет;

• Знание принципов управления водными ресурсами, направленных на обеспечение устойчивого развития;

• Гибкость и способность работать под давлением и в сжатые сроки;

• Знание действующих нормативных документов в области проектирования и строительства гидротехнических сооружений и объектов водоснабжения и мелиорации;

• Опыт работы в проектах, финансируемых международными организациями (МБРР, АБР, ИБР, ВБ и т.д.);

• Умение анализировать и писать отчеты;

• Отличное знание строительных норм и экологического законодательства РТ;

• Коммуникабельность, дружелюбие, умение работать с партнерами по проекту;

• Способность принимать решения самостоятельно;

• Способность и желание работать в команде с людьми разного культурного и религиозного происхождения, разного пола и разных политических взглядов, сохраняя при этом беспристрастность и объективность;

• Компьютерная грамотность, практический опыт работы с приложениями Microsoft, особенно знание программ AutoCad/ArhiCad;

• Опыт работы в международных проектах будет преимуществом.

**Полевой инженер ЦРП (энергетик), место работы г. Дангара.**

**Квалификационные требования:**

• Высшее инженерное образование в области гидромелиорации или энергетики;

• Опыт работы в качестве технического надзора не менее 3 (трех) лет;

• Не менее 20 лет общего опыта работы в строительстве из которых 10 лет управленческого опыта в сфере гидротехнического и энергетического строительства;

• Опыт и знание принципов управления энергоресурсами, направленных на обеспечение устойчивого развития;

• Знание действующих нормативных документов при проектировании и строительстве энергетических объектов (подстанции, линии электропередачи, ОРУ и т.д.);

• Знание правил и норм строительных работ на энергетических объектах;

• Знание норм безопасной эксплуатации, ремонта и монтажа силового оборудования и электрических сетей;

• Опыт проведения испытаний и пуско-наладочных работ энергетических объектов и электрических сетей;

• Знание наличия на рынке современных видов оборудования и систем, необходимых для объектов энергетики;

• Гибкость и способность работать под давлением и в сжатые сроки;

• Знание действующих нормативных документов в области проектирования и строительства энергетических объектов и электрических сетей;

• Умение анализировать и писать отчеты;

• Отличное знание строительных норм и экологического законодательства РТ;

• Коммуникабельность, дружелюбие, умение работать с партнерами по проекту;

• Способность принимать решения самостоятельно;

• Способность и желание работать в команде с людьми разного культурного и религиозного происхождения, разного пола и разных политических взглядов, сохраняя при этом беспристрастность и объективность;

• Компьютерная грамотность, практический опыт работы с приложениями Microsoft, особенно знание программ AutoCad/ArhiCad;

• Опыт работы в международных проектах будет преимуществом.

**Полевой инженер ЦРП (топограф), место работы г. Дангара.**

**Квалификационные требования:**

• Высшее инженерное образование в области гидротехнического строительства и строительства объектов водоснабжения;

• Опыт работы в сфере гидротехнического строительства и строительства объектов водоснабжения не менее 5 лет, общий опыт работы в строительстве не менее 15 лет;

• Опыт работы и знание в проведении топографических работ;

• Опыт в проведении технической работы по оформлению плановой и отчетной документации, осуществление графического оформления материалов и учета объемов выполненных работ;

• Опыт в проведении топографо-геодезических и картографических работ, выполнение которых не требует другой специальности, квалификации;

• Гибкость и способность работать под давлением и в ограниченных временных рамках;

• Знание действующих нормативных документов в области проектирования и строительства гидроэнергетических объектов;

• Наличие опыта работы в проектах, финансируемых международными инвестиционными институтами (МБРР, АБР, ИБР, ВБ и т.д.) приветствуется;

• Способность к аналитической работе и составлению отчётности;

• Владение компьютером, практический опыт работы с приложениями Microsoft с учетом знаний программ AutoCad/ArhiCad;

• Коммуникабельность, доброжелательность, умение работать с парнерами по проекту;

• Умение самостоятельно принимать решение.

**Инженер гидротехник/мелиоратор ЦРП, место работы г. Дангара.**

**Квалификационные требования:**

• Высшее инженерное образование в области гидромелиорации или водоснабжения

• Опыт в области гидротехнического строительства и мелиорации не менее 5 лет;

• Опыт практической работы в строительстве и эксплуатации гидротехнических/мелиоративных объектов не менее 10 лет;

• Гибкость и способность работать под давлением и в ограниченных временных рамках;

• Знание действующих нормативных документов в области проектирования и строительства гидротехнических объектов и объектов водоснабжения и мелиорации;

• Способность к аналитической работе и составлению отчётности;

• Опыт работы в международных проектах является преимуществом;

• Отличное знание норм строительного и экологического законодательства РТ;

• Опытный пользователь ПК, практический опыт работы с приложениями Microsoft с учетом знаний программ AutoCad/ArhiCad;

• Коммуникабельность, доброжелательность, умение работать с партнёрами по проекту;

• Умение самостоятельно принимать решение.

Нанимаемые специалисты должны владеть хорошими знаниями письменного и устного таджикского и русского языков, знание английского языка – приветствуется.

Заинтересованные участники могут получить дополнительную информацию по указанному ниже адресу в рабочее время с $09^{00}$ по $17^{00}$ (по местному времени) до 25 сенября 2023 года (крайний срок подачи документов).

Резюме на русском и английском языках, копия диплома, сертификатов, рекомендаций с учетом указания позиции должны быть направлены в электронном виде по адресу: **piu_dvip@mail.ru** или же доставлены в распечатанном виде в закрытом конверте до **$17^{00}$ (местного времени) 25 сентября 2023 года** по следующему адресу:

**Проект:** Совершенствования управления водными ресурсами в Хатлонской области.

**Адрес:** ул. Бохтар, дом 10, 3 этаж, г. Душанбе.

**Кому:** Рахматзода М., Директор ЦРП.

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар ЧДММ «Мега-принт» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 8 сентябри соли 2023, соати 16:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34500 нусха*

Навбатдорони шумора Ш. Атобуллоев ва Ш. Ҳусейнзода

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30 - юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97